ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 343:556 (575.3)
ТКБ: 67.99 (2) 93+26.23 (2тоҷик)
А – 14

**АБДУЛЛОЗОДА БАҲОДУР ВАЛӢ**

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ОБ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **САФАРЗОДА А.И.**

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**....................3-4

**МУҚАДДИМА**..........................................................................................5-21

**БОБИ I. МАСОИЛИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ОБ: ПАҲЛУҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МУҚОИСАВИИ ҲУҚУҚИИ ОН**.........................................................................................22-72

1.1. Табиати ҳуқуқии об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон.........................................................................................22-35

1.2. Масоили ҳифзи ҳуқуқии об мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ.........................................................................................35-60

1.3. Таҳлили муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар кишварҳои пасошуравӣ.........................................................................................61-72

**БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ КИРДОРҲОЕ, КИ БА МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ОИД БА ҲИФЗИ ОБ ТАҶОВУЗ МЕКУНАНД**.........................................................................................73-162

2.1. Аломатҳои объективии ҷинояти ифлос кардани об.............................73-108

2.2. Аломатҳои субъективии ҷинояти ифлос кардани об........................108-142

2.3. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани об.........................................................................142-162

**ХУЛОСА**.........................................................................................163-166

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.........................................................................................167-169

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................170-188

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**.........................................................................................189-191

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ҶХШС** – Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Туркистон

**КҶ ҶШС** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ФР** – Федератсияи Россия

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**КО ҶТ** – Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ИДМ** – Кодекси моделии ҷиноятии ИДМ

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ Қазоқистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Қирғизистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**КҶ Беларус** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус

**КҶ Озарбойҷон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон

**КҶ Туркманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон

КҶ Украина – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина

**КҶ Молдова** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**б.** – банд

**м.** – модда

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳифзи он дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ дар мадди аввал гузошта шудааст. Пас аз таъсири ҷиддии манфии фаъолияти хоҷагидории инсон экосистема на ҳамеша қобилияти мустақилона барқарор шуданро дорад. Ба ақидаи олимон, муносибати беэътиноёна ба табиат ҷаҳонро қариб ки ба фалокати экологӣ оварда расонидааст.

Ифлос намудани табиат, дар навбати аввал ба саломатии одамон таъсири манфӣ мерасонад ва боиси афзоиши бемориҳои ирсӣ мегардад.

Имрӯз инсоният бо масъалаи ҷиддӣ рӯбарӯ гардидааст, ки аз доираи сарҳади давлатӣ берун мебароядд. Ин масъалаи нарасидани оби тоза ва истифодаи самараноки об барои ҳаёт мебошад.

Новбаста ба он, ки об тақрибан 70% рӯйи сайёраро ташкил медиҳад, танҳо 2,5% аз ин андоза оби нушокӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин барои инсон танҳо 0.3% захираҳои ҷаҳонии оби нушокӣ дастрас мебошад, андозаи зиёди об дар шакли пиряххо ё дар қаъри замин мавҷуд мебошанд. Инсоният аллакай дар айни замон маҷбур аст, ки дар шароити камобии афзоянда зиндагӣ намояд.

Тоҷикистон аз захираҳои обӣ бой мебошад. Аммо дар истифода ва ҳифзи захираҳои обӣ то ҳол мушкилотҳои зиёд ҷой доранд. Чӣ тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни «Суханронӣ дар ҷаласаи сатҳи баланд, дар мавзуи «Татбиқи ҳадаф ва вазифаҳои марбут ба оби Рӯзномаи 2030» дар қолаби маҷозӣ иброз намуданд, ки «...ҳанӯз ҳам 29% (фоизи) аҳолии кураи Замин ба оби нӯшокии безарар ва 55% (фоизи) он ба хизматрасонии оддитарини соҳаи беҳдошт дастрасӣ надоранд»[1].

[1] Суханронӣ дар ҷаласаи сатҳи баланд дар мавзуи «Татбиқи ҳадаф ва вазифаҳои марбут ба оби Рӯзномаи 2030» дар қолаби маҷозӣ» аз 19.03.2021 сол, шаҳри Душанбе [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/speeches/22781 (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

Вобаста ба мавқеи географии худ, қариб ҳама давлатҳои Осиёи марказӣ асосан аз захираҳои пурарзиши обии Тоҷикистон вобастагӣ доранд. Бинобар ин, ҷараёнҳои манфии бо тағйирёбии иқлим алоқаманд ва масъалаҳои оқилона истифода бурдани захираҳои об дар минтақа, бо истифодаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ қарор доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ пайваста кушиш менамояд, ки диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба масъалҳои мавҷудбудаи бад шудани ҳолати муҳити зист, аз ҷумла, ҳифз намудани захираҳои табиии об ҷалб намояд. Чунончӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 баён намуданд, ки «Гармшавии ҳарорати сайёра ва оқибатҳои манфии он – камобӣ, хушксолии паёпай ва дигар офатҳои табиӣ, аз ҷумла, сардии бесобиқаи зимистони гузашта, яъне торафт бад шудани ҳолати муҳити зисти инсоният, илова бар ин, ки боиси торафт вазнин шудани таъминот бо маводи ғизоӣ ва оби босифати нӯшокӣ дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон гардида истодааст, ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва торафт устувор гардидани муқовимати воситаҳои дорувории мавҷуда бар зидди вируси чунин бемориҳо мусоидат карда истодааст»[2].

Дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, дар ҳалли масъалаи мушкилоти об Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ташабусҳои муфид ва судманд менамоянд, ки ин ташабусҳо, аз ҷумла, дар сатҳи СММ пуштибонии худро пайдо намудааст. Масъалан, эълон гардидани соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об

[2] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191 (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

барои рушди устувор» бо пешниҳод ва ташабусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст.

Масъалаҳои азхуднамоӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои обӣ, ҳамчунин, ҳифзи муҳити зист бо қарори Ҳукумати ҶТ ба Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 дохил карда шудаанд[3].

Мутобиқан ба ҳифз ва мақсаднок истифода бурдани об дар Тоҷикистон солҳои охир тағйиротҳои ҷиддӣ ба қонунгузорӣ дар соҳаи об ворид гардид. Аз ҷумла, 19 июли соли 2019 Қонун «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов», соли 2020 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бо назардошти талаботҳои дар соҳаи об мавҷудбуда, таҳия ва қабул гардиданд.

Дар самти ҳифз намудани об ҳамчун сарвати бебаҳои табиӣ нақш ва аҳаммияти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ калон мебошад. Чунки яке аз вазифаҳои асосии қонуни ҷиноятии мамлакатамон ҳифзи муҳити зист аз таҷовузҳои ҷиноятӣ мебошад (қ.1 м.2 КҶ ҶТ). Вобаста ба ин , аз ҷумла, қонунгузор барои ифлос намудани об дар м.226 КҶ ҶТ ҷавобгариро муқаррар намудааст. Аммо омӯзиши таҷриба нишон медиҳад, ки татбиқи меъёри мазкур нисбатан заиф аст. Масалан, дар соли 2021 – 175, 2022 – 181, 2023 – 147 ҷиноят ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора ҷинояти ифлос кардани об дар соли 2021 – 0,6%, 2022 – 1,1%, 2023 – 0,7%-ро ташкил медиҳад.

Аз рӯйи маълумотҳои оморӣ дар 12 соли охир ҳамагӣ 22 ҷинояти ифлос кардани об, аз рӯйи м.226 КҶ ҶТ ба қайд гирифта шуда, мавриди тафтиш қарор дода шудааст (соли 2011 – 4 ҷиноят, соли 2012 – 1 ҷиноят, соли 2013 – 1 ҷиноят,

[3] Ниг.: Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 // Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз 26 сентябри соли 2020, №503 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

соли 2015 – 4 ҷиноят, соли 2016 – 2 ҷиноят, соли 2019 – 4 ҷиноят, соли 2020 – 2 ҷиноят, соли 2021 – 1 ҷиноят, соли 2022 – 2 ҷиноят, соли 2023 – 1 ҷиноят)[4].

Вале, бояд зикр намуд, ки маълумотҳои овардашуда шаҳодагарӣ он нест, ки кирдорҳои марбут ба ифлос кардани об дар Тоҷикистон камтар ба назар мерасад. Сабаби кам будани шумораи ҷинояти ифлос кардани об, аз ҷумла, дар он аст, ки диспозитсияи қ.1 м.226 КҶ ҶТ таркиб бо преюдитсияи маъмуриро пешбинӣ намуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдор танҳо дар давоми соли баъд аз татбиқи ҷазои маъмурӣ ба вуҷуд меояд.

Новобаста аз муҳим шуморидани ҳифзи муҳити зист ва захираҳои об қонунгузориҳои амалкунандаи ҶТ, мутаассифона, ба чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқи ҷиноятии мубориза бо ҷинояти ифлос намудани об алоқаманд диққати ҷиддӣ дода нашудааст. Масалан, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ[5], Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030[6] дар бораи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист чизе гуфта намешавад, дар Нақшаи чорабиниҳо вобаста ба амалӣ намудани ин Барнома ягон чорабинии мушаххас ҷиҳати мубориза бо ҷиноятҳои экологӣ, аз ҷумла, ифлос кардани об пешбинӣ нагардидааст. Аммо имрӯз бо ҷиноятҳои экологӣ, хусусан бо ҷинояти ифлос кардани об муборизаро ҷиддӣ бурдан лозим аст, зеро чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён медоранд: «Об – ҳаёти инсон ва тамоми мавҷудоти зиндаи табиат аст. Об на танҳо захира барои нӯшидан аст, он барои тавлиди нерӯйи барқ, истеҳсоли ғизо, рушди саноат, устувории муҳити зист ва дигар

[4] Ниг.: Мактуби расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маълумотҳои оморӣ аз 06.12.2023, №1384.
[5] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.05.2024).
[6] Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 // Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №265 тасдиқ гардидааст.

ҷанбаҳои ҳаёт нақши калидӣ дорад»[7], бо ифлос кардани об зарар на танҳо ба муҳити зист, балки ба инсоният, олами набототу ҳайвонот мерасад.

Дар диссертатсияи мазкур таҳқиқоти комплексии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об, ки яке аз қисматҳои муҳити зистро ташкил медиҳад, анҷом дода шудааст.

Ҳамин тавр, мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз зарурати тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳифз намудани об бармеояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи ифлос кардани об дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об аз тарафи як қатор олимони ватанию хориҷӣ таҳқиқ гардидаанд.

Аз таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ бармеояд, ки бештари олимон ҷинояти ифлос кардани обро дар умум, ҳангоми таҳқиқ намудани ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ба ин гурӯҳи олимон инҳоро дохил кардан мумкин аст: А.Ю. Боковня[8], Т.А. Бушева[9], М.И. Веревичева[10], А.А. Гареев[11], О.Л. Дубовик ва А.Э. Жалинский[12], П.В. Еремкин[13], И.В. Лавигина[14], Д.Б. Миннигулова[15], А.В. Наумов[16], Т.В. Тагиров[17], Ю.А. Тимошенко[18] ва ғайра.

---

[7] Ниг.: Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» аз 11 июни соли 2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/33617 (санаи муроҷиат: 01.05.2024).

[8] Ниг.: Боковня А.Б. Ответственность за загрязнение объектов окружающей среды в уголовном праве России: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2017. – 275 с.

[9] Ниг.: Бушева Т.А. О неосторожных преступлениях в области окружающей среды / Проблемы борьбы с преступной неосторожностью. – Владивосток, 1978. – С. 61-67.

[10] Ниг.: Веревичева М.И. Понятие и система экологических преступлений. – Ульяновск, 2005. – 229 с.

[11] Ниг.: Гареев А.А. Экологические преступления: уголовно-правовое противодействие. – СПб., 2006. – 152 с.

[12] Ниг.: Дубовик О.Л., Жалинский А.Э. Причины экологических преступлений. – М., 1988. – 240 с.

[13] Ниг.: Еремкин П.В. Борьба с загрязнением окружающей среды: криминологические и уголовно-правовые аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – 167 с.

[14] Ниг.: Лавыгина И.В. Экологические преступления: уголовно-правовая характеристика и проблемы ответственности: дис. … канд. юрид. наук. – Иркутск, 2003. – 163 с.

[15] Ниг.: Миннигулова Д.Б. Уголовно-правовые и криминологические меры борьбы с загрязнением окружающей природной среды: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – 179 с.

[16] Ниг.: Наумов А.В. Уголовное право. Общая часть. Курс лекций. – М., 1996. – 645 с.

[17] Ниг.: Тагиров Т.В. Проблема определения значительного ущерба в экологических преступлениях: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2014. – 169 с.

[18] Ниг.: Тимошенко Ю.А. Конструирование уголовно-правовых норм об ответственности за экологические преступления: проблемы теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2019. – 537 с.

Дар таҳқиқи масъалаҳои умумии мубориза бо ҷинояткорӣ, ки ба ҷинояти ифлос кардани об низ, бавосита дахл доранд, саҳми олимони ватанӣ, аз ҷумла У.А. Азиззода[19], И.Ҳ. Бобоҷонзода[20], Н.А. Қудратов[21], М.М. Муллоев[22], А.И. Сафарзода[23] ва ғайра бузург аст.

Баъзе аз масъалаҳои умумӣ ва ҷанбаҳои ҳуқуқии байналмилалии ҳифзи объектҳои об аз ифлосшавӣ дар таҳқиқотҳои дигари анҷомдодаи олимони тоҷик, ба монандӣ Ш. Исмоилов[24], С.Ҷ. Махкамбоев[25], А.М. Мирзоев[26], А.А. Назиров[27], Н.К. Нурматова ва Я.Э. Пулатов[28], М.А. Салихов[29] ҷой доранд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таҳқиқотҳое, ки бевосита ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об таҳия гардидаанд, хеле кам ба чашм мерасанд. Ба ҳар ҳол, олимони хориҷӣ, аз қабили Е.В. Овчаренко[30], И.В.

[19] Ниг.: Азиззода У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – 413 с.
[20] Ниг.: Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе, 2005. – 1204 с. (Бобоҷонзода И.Ҳ. муаллифи тафсири моддаи 226 КҶ ҶТ).
[21] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть. – Душанбе: Таджикский Государственный Университет коммерции, 2012. – 366 с
[22] Ниг.: Муллаев М.М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть). – Душанбе, Ирфон, 1988. – 432 с.
[23] Ниг.: Сафарзода А.И., Абдуллозода Б.В. Таҳлили муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар кишварҳои ИДМ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъият. – Душанбе, 2024. – С. 217-223.
[24] Ниг.: Исмаилов Ш.М. Международные стандарты рационального использования трансграничных водотоков как фактор обеспечения безопасности в Центральной Азии / Ш.М. Исмаилов // Материалы международной конференции «Политико-правовые аспекты обеспечения безопасности в Центральной Азии». – Душанбе, 25-26 октября 2010 г. – Душанбе, 2010. – С. 51-60.
[25] Ниг.: Махкамбаев С.Дж. Международно-правовое регулирование сотрудничества государства по использованию трансграничных водных ресурсов в регионе Центральной Азии. – Душанбе, 2012. – 276 с.
[26] Ниг.: Мирзоев А.М. Ҳуқуки байналмилалии обӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016. – 120 с.
[27] Ниг.: Назиров А.А. Национальное водное право Республики Таджикистан и его увязка с международным водным правом. Приоритеты и проблемы совершенствования законодательной базы Республики Таджикистан / А.А. Назиров // Модуль по международному и национальному водному праву. – Ташкент, 2005. – С. 123-128.
[28] Ниг.: Нурматова Н.К., Пулатов Я.Э. Рациональное использование водных ресурсов в сельском хозяйстве / Н.К. Нурматова, Я.Э. Пулатов // Вестник «Таджикистан и современный мир». – 2008. – №3(18). – С. 36-44.
[29] Ниг.: Солихов М.А. История становления и развития водного законодательства в Таджикистане: дисс. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2008. – 175 с.
[30] Ниг.: Овчаренко Е.В. Уголовно-правовые и криминологические аспекты проблемы борьбы с загрязнением вод: дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 1997. – 203 с.

Попов[31], А.А. Романов[32], А.Ю. Филаленко[33] ва ғайра дар мавзуи мазкур таҳқиқоти комплексии монографӣ бурдаанд.

Аммо бояд қайд кард, ки ҷинояти ифлос кардани об, ки дар м.226 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, аз муқаррароти ин намуди ҷиноят дар қонуни ҷиноятии мамлакатҳои дигари ИДМ фарқ мекунад. Ғайр аз ин, то ҳол дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи лаҳзаи муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об, пешбинӣ шудани преюдитсияи маъмурӣ барои чунин кирдорҳо, аломатҳои субъективии ҷинояти ифлос кардани об, яъне қасдона ё аз беэҳтиётӣ содир шудани он, фардикунондании ҷавобгарӣ барои ҷинояти мазкур вобаста ба аломатҳои вазнинкунанда ва ғайра ҳалли худро пайдо накардаанд.

Аз ин рӯй, диссертатсияи мазкур ба таҳқиқ намудани ҷинояти ифлос кардани об бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пасошӯравӣ ва масъалҳои мубрами вобаста ба ҷиноятӣ мазкур дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷойдошта бахшида шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи лоиҳаҳои илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки ба мавзуи «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (барои солҳои 2021-2025)» бахшида шудааст, таҳия гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқотро асоснок намудани баъзе муқарраротҳои назариявӣ ва коркарди пешниҳоду хулосаҳо оид ба такмил додани қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи татбиқи м.226 КҶ ҶТ ва дигар қонунгузориҳо дар соҳаи об, бо

---

[31] Ниг.: Попов И.В. Ответственность за преступное загрязнение вод (по материалам Сибирского и Уральского федеральных округов Российской Федерации): дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2003. – 201 с.
[32] Ниг.: Романов А.А. Преступное загрязнение вод в России: уголовно-правовое и криминологическое исследование: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2010. – 204 с.
[33] Ниг.: Филаленко А.Ю. Уголовно-правовая ответственность за загрязнение вод: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2002. – 183 с.

назардошти таҷрибаи қонунгузориҳои як қатор давлатҳои пасошуравӣ ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқи мақсадҳои дар диссертатсия гузошташуда, кушиши ҳал намудани вазифаҳои асосии зерин анҷом дода шудааст:

– мавриди баррасӣ қарор додани табиати ҳуқуқии об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон;

– баррасӣ намудани санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои обро ба роҳ мемонанд ва таҳлил намудани таносуби онҳо бо қонунгузории миллӣ оид ба пешгирии ифлосшавии об;

– таҳлили муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар кишварҳои пасошӯравӣ;

– таҳлили аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷинояти м.226 КҶ ҶТ;

– муайян намудани мафҳум ва моҳияти аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти м.226 КҶ ҶТ;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба мукаммал гардонидани қонунгузории ҶТ оид ба пешгирии ифлос кардани об, аз ҷумла, муқаррароти м.226 КҶ ҶТ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар раванди ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ифлос кардани об ба миён меоянд.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар соҳаи ҳифзи объектҳои об аз ифлосшавӣ, принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба пешгирии ифлос кардани об ва муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои ин гуна кирдор, ҳамчунин қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ оид ба ифлос кардани об ва таҷрибаи судии мамлакат оид ба баррасии парвандаи ҷиноятии ифлос кардани об ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳлил

намудани масъалаҳои ифлос намудани об, таърихи ин зуҳурот, хусусиятҳои ба танзим даровардани таркиби ҷинояти ифлос кардани об аз руйи қонунгузориҳои давлатҳои пасошуравӣ масъалаҳои танзими ҳуқуқии ҷиноятии он шуруъ аз соли 1917 то айни замон баррасӣ шудааст.

Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ амалияи тафтишотии солҳои 2016-2023-ро дар бар мегирад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар давраҳои солҳои 2020 то соли 2024-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи об, ҳуқуқи муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд.

Дар рафти таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ методолгияи он ба принсипҳои усулҳои диалектикии маърифат асос ёфтааст.

Дар рафти таҳқиқот усулҳои илмии махсус ҳангоми омӯзиши таҷрибаи таърихии ҳифзи об; расмӣ-мантиқӣ, ки дар таҳлили ҷузъии аломатҳои дар қонун муқарраршудаи ифлос намудани об; усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар таҳлили қонунгузории баъзе аз давлатҳои хориҷӣ дар масъалаи танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҷавобгарӣ барои ифлос кардани об; усули ҳуҷҷатӣ ҳангоми интихоб ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятии бо ҷинояти мазкур алоқаманд; усули оморӣ дар ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ дар бораи содиршавии ҷинояти мазкур, истифода шудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи эмпирикии диссертатсияи мазкурро амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакатамон, вобаста ба ҷинояти ифлос кардани об, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, маводҳои омори Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давраи аз солҳои 2011 то 2023 ва омӯзиши зиёда аз 22 парвандаи ҷиноятии вобаста ба м.226 КҶ ҶТ оғозгардида, ташкил додаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** иборат аз он аст, ки ин нахустин таҳқиқоти комплексии монографӣ оид ба ифлос кардани об тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар асоси анҷом додани таҳлили муқоисавии меъёрҳои дахлдори ҳуқуқи ҷиноятии қонунгузориҳои давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷинояти мазкур, бо назардошти ҷиҳатҳои мусбати онҳо, тағйиротҳои мушаххас оид ба такмил додани Кодекси ҷиноятии ҶТ пешниҳод мегардад. Як қатор хулосаҳои нави назариявӣ асоснок карда шуда, мазмуни ибора ва мафҳумҳои алоҳидаи аҳаммияти илмӣ ва амалидошта ошкор карда шудаанд, ки ин инъикоси худро дар муқаррароти мушаххаси назариявии барои ҳимоя пешниҳодшаванда пайдо намудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта имкон медиҳад, ки чунин нуктаҳо ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:

**I. Пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд:**

1. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва шароити имрӯзаи мамлакатамон об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ баромад мекунад. Дар давраи аз соли 1922 то 1926 сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар соҳаи ҳифзи об тавассути татбиқи таркибҳое, ки бавосита баҳри ҳифзи табиат равона гардида, объекти бевоситаашон дигар муносибатҳо ба ҳисоб мерафтанд (хунукназарӣ, вайрон намудани ҳуқуқи моликиятии давлат ба олами наботот ва ҳайвонот ва ғайра), ё тавассути ҳифзи дигар объектҳои табиӣ (замин, ҷангалзор, олами ҳайвонот ва ғайра) ба роҳ монда мешуд.

2. Дар фарқият аз КҶ ҶШФСР, солҳои 1922 ва 1926 КҶ ҶШС Тоҷикистон, соли 1935 боби алоҳидаро бо номи «Ҷиноятҳо оид ба об» (боби 10) муқаррар намуда, бевосита ҷавобгариро барои ифлос кардани об дар м.228 КҶ муайян менамуд.

3. Объекти намудии ҷинояти ифлос намудани об муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки амнияти экологӣ ва ҳифзи муҳити зистро таъмин менамоянд. Объекти бевоситаи ҷинояти ифлос кардани об бошад, муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳифз

намудани онҳо, дар ҳолати тозагӣ нигоҳ доштани объектҳои обӣ ва муҳити зист ба ҳисоб меравад.

4. Ба сифати предмети ҷинояти ифлос намудани об, ҳама объектҳои обии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбудаи (дар ҳолати сахт, моеъ ва газӣ) дар гардиши обӣ қарордошта ва дар робита бо муҳити зист буда, баромад менамоянд.

5. Ҷиноятӣ дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда, мумкин аст ба объекти факултативӣ низ зарар расонад, ки ба сифати он метавонанд муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ, муносибатҳои хоҷагидорӣ ва ғайра баромад намоянд.

6. Ба сифати субъекти ҷиноят эътироф намудани шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла, барои ҷинояти ифлос кардани об ба принсипҳои қонуни ҷиноятӣ (аз ҷумала, принсипи ҷавобгарии фардӣ) мувофиқ намебошад, бинобар ин айни замон ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони ҳуқуқӣ асоснок ҳисобида намешавад.

7. Азбаски қ.1 м.226 КҶ ҶТ дорои таркиби расмӣ буда, дар он оқибати ҷиноят нишон дода нашудааст, бинобар ин он бо гуноҳ дар шакли қасд, дар намуди қасди бевосита тавсиф мегардад.

8. Муносибати шахс нисбат ба оқибатҳои ҷинояти ифлос кардани об бояд бо гуноҳ дар шалки беэҳтиётӣ ифода гардад. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми мавҷуд будани қасди бевоситаи гунаҳкор ба расонидани зарари ҷиддӣ, ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ ҷавобгарӣ бояд ҳангоми ҷой доштани аломатҳои дахлдор барои терроризм, таҳрибкорӣ, экосид ё ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ба вуҷуд ояд.

**II. Пешниҳодҳое, ки хусусияти амалӣ доранд:**

1. Дар фарқият аз м.226 КҶ ҶТ дар м.328 КҶ Қазоқистон ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об расонидани зарар ба миқдори калон ва махсусан калон нишон дода шудааст, ки бештар ба принсипи фардикунонидани ҷавобгарӣ мувофиқат менамояд.

Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки дар м.226 КҶ ҶТ низ расонидани зарар ба миқдори калон ё махсусан калон, ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об мустаҳакам карда шавад.

2. Қонунгузории Белорус ба ҳифзи манбаъҳои оби нушокӣ аҳаммияти бештар дода, новобаста аз ҷой доштан ё надоштани оқибат чунин кирдорҳоро ҷиноят эътироф намудааст.

Ба андешаи мо низ, чунин тарзи ҳифз намудани манбаъҳои таъминкунандаи оби нушокӣ асоснок ба ҳисоб рафта, он мумкин аст дар КҶ ҶТ истифода шавад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки барои қасдан ифлос ё олуда намудани обҳои нушокӣ дар КҶ ҶТ бидуни дар аввал муқаррар намудани преюдисияи маъмурӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад.

3. Ҷинояти ифлос кардани об бо роҳи олуда кардан, кам кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ сурат мегирад. Тибқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ диспозитсияи меъёри таҳқиқшаванда тавсифи мафҳумҳои «ифлосшавӣ», «олудашавӣ», «камшавӣ»-ро дар бар намегирад ва бланкетӣ мебошад. Аммо дар Кодекси оби ҶТ низ, ин мафҳумҳо ошкор карда нашудаанд. Ба андешаи мо мафҳумҳои «ифлосшавӣ», «олудашавӣ», «камшавӣ»-ро ба таври зайл муайян кардан мумкин аст: «ифлосшавии объектҳои об» ин – ғайриқонунӣ ба об дохил намудани моддаҳои заравароре, ки сифати обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминиро бад мегардонанд, истифодаи қаър ва соҳилҳои объектҳои обро маҳдуд месозанд, ё ба онҳо таъсири манфӣ мерасонанд; олудашавии объектҳои об – ғайриқонунӣ ба объектҳои об партофтани моддаҳо ё заррaҳои муаллақ ба объектҳои об, ки ҳолат ва истифодаи объектҳои обро душвор месозанд; камшавии об – мунтазам камшавии захира ва бадшавии сифати обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ.

4. Қисмҳои 2, 3 м.226 КҶ ҶТ дорои таркиби моддӣ мебошанд (ба истисноӣ б. «г» қ.2 м.226 КҶ ҶТ). Вале қонунгузор мушаххас муносибати руҳии шахсро нисбат ба оқибати ин гуна кирдорҳо пурра муайян накардааст. Бинобар ин,

пешниҳод менамоем, ки бо мақсади такмил додани сохти м.226 КҶ ҶТ дар б.б. «а», «в» қ.2 м.226 КҶ ҶТ ибораи «боиси аз беэҳтиётӣ...» илова карда шавад.

5. Бо назардошти хавфнокии баланди ҷамъиятӣ доштани кирдорҳои ғайриқонунии шахсоне, ки вобаста ба уҳдадории касбӣ ё хизматӣ масъуланд, ки ба расонидани зарар, ба объектҳои обӣ роҳ надиҳанд, асоснок ба ҳисоб мерафт, агар содир намудани ҷинояти ифлос кардани об бо суийстифода аз мақоми хизматӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ мустаҳакам карда шавад.

6. Дар б. «в» қ.2 м.226 КҶ ҶТ ба таври алоҳида ҷудо намудани чунин аломати вазнинкунанда, ба монанди «боиси муромурии саросарии ҳайвонот гашта бошад» зарурат ҷой надорад, зеро онро чунин аломати вазнинкунанда «боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот...», ки дар б. «а» қ.2 м.226 КҶ ҶТ мустаҳакам шудааст, дар бар мегирад.

7. Дар диспозитсияи б. «г» қ.2 м.226 КҶ ҶТ нишон додани ифлос кардани об танҳо дар ҳудуди ду намуди ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда асоснок ба ҳисоб намеравад. Барои чунин ҳудудҳо чораҳои пурзӯртари ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятиро муқаррар намуда, қонунгузор ҳудудҳои мазкурро пурарзиштар ва расонидани зарар ба онҳоро нисбатан барои ҷамъият хавфноктар меҳисобад. Дар як вақт чунин мавқеи қонунгузор ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ва тавсифи объективии ҳудудҳои мазкур мувофиқат намекунад. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки ҷавобгарии пурзӯр барои ифлос кардани об дар дилхоҳ аз намуди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ки дар қонун номбар шудаанд, дар б. «г» қ.2 м.226 КҶ ҶТ мустаҳакам карда шавад.

8. Бо мақсади пурзуртар ҳифз намудани ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон ва фарқгузорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ба қ.3 м.226 КҶ ҶТ ҳолати вазнинкунанда дар намуди бемории саросарии одамон илова карда шавад,

зеро дар м.226 КҶ ҶТ бевосита чунин ҳолати вазнинкунанда муқаррар нашудааст.

9. Моддаи 226 КҶ ҶТ бо қисми чорум пурра карда шуда, дар он ҷавобгарӣ барои ифлос кардани об, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ё зиёда инсон шудааст, илова шавад. Чунин фарқсозӣ пурра ба фардикунонидани ҷавобгарӣ барои аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, ки дар м.108 КҶ ҶТ муайян шудааст, мутобиқат менамояд.

10. Бо мақсади мувофиқ гардонидани муқаррароти қ.1 м.226 КҶ ҶТ бо Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешниҳод мешавад, ки ба охирин моддаи нав ҷой дода шавад, ки диспозитсияи қ.1 м.226 КҶ ҶТ-ро бо мазмуни зайл таҷдид намояд: «Ифлос ё олуда кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он». Дар ин маврид, шахс барои содир намудани ин кирдорҳо якум бор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад ва дар ҳолати такроран дар муддати як соли татбиқи ҷазои маъмурӣ содир намудани чунин кирдорҳо аз рӯйи талаботи қ.1 м.226 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Бо ин роҳ мувофиқат байни меъёри ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноят оид ба ифлос намудани об таъмин мегардад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Маҷмуи хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия баррасӣ шудаанд, моҳияти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар қонунгузории муосири Тоҷикистон, хусусиятҳои таркиби ҷинояти ифлос кардани обро ошкор намуда, саҳми муайян дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ шуморида мешаванд. Баррасии ягонагии проблемаҳои қонунбарорӣ ва татбиқи қонуни ҷиноятӣ дар ҳифзи об муҳим арзёбӣ мегардад. Таҳқиқот имкон дод, ки як қатор самтҳои такмили қонуни ҷиноятӣ муайян карда шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифодаи хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда муайян карда мешавад:

– дар фаъолияти қонунгузорӣ оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ;

– дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ бо мақсади ҳалли мушкилиҳое, ки ҳангоми татбиқи меъёри муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои ифлос кардани об ба миён меоянд;

– зимни омода намудани қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ, маҷмуаи фармонҳои Прокурори генералии ҶТ, бо мақсади таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об, аз ҷониби судҳо;

– ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи обӣ, ҳуқуқи байналмилалии об, ҳуқуқи экологӣ;

– дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба ҳалли минбаъдаи масоили ҳуқуқии ҷиноятии мубориза бо ифлосшавии об.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода гардидани усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили ҳамаҷониба ва воқеъбинонаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи ҶТ эътирофнамуда, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, диссертатсияҳо, мақолаву дастовардҳои дигари дар сатҳи илмӣ пазируфташуда ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот асоснок мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллифи диссертатсия ба таври кофӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории

ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ифлос кардани об, хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфноки ин ҷиноятҳоро дар замони муосири рушд ва таҳлили таркиби ҷиноятҳои баррасишавандаро тавсиф намудааст. Ҳамчунин, аз ҷониби диссертант коркарди амалӣ ва назариявии тавсияҳо баҳри такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об, пешниҳод гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиноси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра муҳокима шудааст ва барои ҳимоя намудан тавсия дода шудааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба табъ расидаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар гузоришҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии дар мавзуи «XIII – Ломоновские чтения» – маърӯза дар мавзуи «Тарафи субъективии ҷинояти ифлос кардани об» (Душанбе, Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, 28-29 апрели соли 2023);

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Тавсифи умумии ҷиноятҳои экологӣ» (Душанбе, ДМТ, 5 декабри соли 2023).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Роҳҳои муосири мубориза бо коррупсия дар Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Таносуби ҷавобгарии ҷиноятӣ бо дигар намудҳои ҷавобгарӣ» (Душанбе, ДМТ, 5 декабри соли 2020);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Тарафи объективии ҷинояти ифлос кардани об» (Душанбе, ДМТ, 2022);

– Конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» – маърӯза дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об аз ифлосшавӣ тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» (Душанбе, ДМТ, 1 ноябри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: назария ва амалия» – маърӯза дар мавзуи «Масъалаҳои муайян намудани аломати зарари ҷиддӣ ҳангоми бандубасти ҷинояти ифлос кардани об» (Душанбе, ДМТ, 22 июни соли 2024).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба нашр расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 192 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ I. МАСОИЛИ УМУМИНАЗАРИЯВИИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ОБ: ПАҲЛУҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МУҚОИСАВИИ ҲУҚУҚИИ ОН

## 1.1. Табиати ҳуқуқии об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Тоҷикистон

Захираҳои оби Тоҷикистон дар дарёҳо, кӯлу обанборҳо, пиряххо ва дар намуди обҳои зеризаминӣ дар қаърҳои гуногун аз сатҳи замин ҷойгиранд.

Системаҳои Тян-Шан, Ҳисор-Олой ва Помир (нуқтаи баландтаринаш 7495 м) бо ҳавзаҳо ва водиҳои байникӯҳӣ (Фарғона, Зарафшон, Ҳисор, Вахш ва ғ.) аз ҳам ҷудо шудаанд. Дар пирях ва барфҳои кӯҳҳои баланд (масоҳати онҳо 8,5 ҳазор км$^2$ ё 5,6% масоҳати мамлакатро ташкил медиҳад) захираҳои зиёди об, аниқтараш 400 км$^3$ ҷамъ шудаанд. Дар Тоҷикистон 1300 кӯли табиӣ мавҷуд аст, ки 50 км$^3$ захираи умумии оби тоза дошта, масоҳаташ 705 км$^2$ мебошад. Дар баландии зиёда аз 3500 метр аз сатҳи баҳр 780 кӯл мавҷуд аст.

Дар Тоҷикистон тахминан 600 дарё ва рӯдҳои муваққатӣ мавҷуданд.

Захираи обҳои зеризаминӣ 6 км$^3$-ро ташкил медиҳанд, ки нисфи онҳо аз ҷиҳати гидравликӣ бо обҳои рӯйизаминӣ пайвастагӣ доранд.

Дар мамлакат 19 обанбор мавҷуд аст, ки дар майдони 934 км$^2$ ҷойгир буда, 29 км$^3$ обро захира мекунанд[34].

Тоҷикистон дар қатори дигар мамлакатҳои пасошуравӣ яке аз мамлакатҳое мебошад, ки нисбатан бо об таъмин аст[35].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон об барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти нӯшиданӣ ва маишӣ, обёрӣ, истеҳсоли қувваи барқ, саноат ва ғайра истифода гардида, ифлос, олуда кардани об, ё ин ки кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он метавонад ба ҷамъият хавфҳои гуногун дошта бошад. Чунин оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок мумкин аст дар намуди расонидани зарар

[34] Ниг.: Национальный отчет Республики Таджикистан в рамках Программы UNEP по содействию и помощи развивающимся странам в выполнении Йоханнесбургского Плана реализации цели – «Планы (2005) действий по Интегрированному Управлению Водными Ресурсами и Водосбережению». – Душанбе, 2006. – С. 2-3.
[35] Ниг.: Беличенко Ю.П., Шведов М.М. Рациональное использование и охрана водных ресурсов. – М.: Россельхозиздат, 1986. – С. 10.

ба олами набогот ва ҳайвонот, ҷангалзор, соҳаи кишоварӣ ва ғайра зоҳир гардад. Хавфнокии бештари чунин ҷиноят дар он ифода мегардад, ки он метавонад боиси бемории саросарии одамон ва марги онҳо гардад. Чи тавре Б.В. Яселенко баён менамояд, дар ниҳоят кирдорҳои мазкур ба одам таҷовуз меоваранд, зеро асоси биологии мавҷудияти ӯро бад месозанд[36].

Аз ин рӯ, дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва шароити имрӯзаи мамлакатамон об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ баромад мекунад.

Ҳифзи об фаъолиятест, ки ба нигоҳдорӣ, барқарорсозӣ ва беҳтар намудани ҳолати захираҳои обии руйи замин нигаронида шудааст. Ноил шудан ба ин мақсадҳо бо усулҳои гуногун – воситаҳои табиатшиносӣ, техникӣ, иқтисодӣ, таълимӣ таъмин карда мешавад.

Воситаи ҳуқуқии ҳифзи об дар нигоҳ доштани сифати обҳои табиӣ нақши муҳим дорад. Маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие, ки барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо истифода мешаванд, ҳифзи ҳуқуқии обро ташкил медиҳанд. Ба ин воситаҳо қабул ва татбиқ намудани қонунҳои дахлдор ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ, муқаррар намудани манъу иҷозат, иҷрои ҳамаҷонибаи талаботи қонун оид ба ҳифзи об, назорат аз болои риоя ва татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми вайрон кардани онҳо дохил мешаванд[37].

Аз сабаби он ки ҳифзи об вобаста ба алоқамандии захираҳои табиии об бо дигар қисмҳои табиат: замин, сарватҳои зеризаминӣ, ҷангал, олами набототу ҳайвонот ба амал меояд, талаботи қонунгузории об бояд дар дигар қонунҳо оид ба захираҳои табиӣ низ ҷой дошта бошад.

Пеш аз ҳама мазмуни меъёрҳои ҳифзи об бояд дар сарчашмаи асосии ҳуқуқи об – дар Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон[38] ифода карда шавад. Механизми ҳифзи ҳуқуқии об бояд ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии

[36] Ниг.: Яцеленко Б.В. Экологические преступления / Уголовное право России. Части общая и особенная / Под ред. А.И. Рарога. – М.: Велби: Проспект, 2003. – С. 551.
[37] Ниг.: Каверин А.М. Правовая охрана вод от загрязнения. – М., 1977. – С. 8.
[38] Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №4-5. – Мод. 233.

Тоҷикистон асос ёбад, ки об дар баробари дигар сарватҳои табиӣ моликияти истисноии давлат буда, таҳти ҳифзи махсуси давлат қарор дорад.

Боби 10 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи объектҳои об аз ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камшавӣ бахшида шудааст. Кодексҳои соҳавӣ, аз ҷумла Кодекси об, ҳадафи аввалиндараҷаи танзими тартиби истифодаи захираҳои об мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлили сифати меъёрҳои ҳуқуқии мазкур онҳоро аз рӯйи талаботи қонунгузории экологӣ ва пеш аз ҳама талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» баррасӣ кардан лозим аст. Дар моддаи 6 Қонуни мазкур муқаррар карда шудааст, ки обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ дар баробари дигар сарватҳои табиӣ бояд аз ифлосшавӣ, вайроншавӣ, осеб дидан, камшавӣ, харобшавӣ ва дигар таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳифз карда шавад.

Бояд зикр намуд, ки об ҳамчун неъмати бебаҳо аз давраҳои қадим ҳифз карда мешуд. А. Витфойгел чунин фарзия дошт, ки маҷмуи чунин меъёрҳо тақвими шамсии зироаткорӣ буд, ки аҳаммияти муқаддасотӣ дошт. Масалан, ҷоришавии оби дарёҳо дар минтақаҳои зироатпарварӣ (Байнаннаҳрайн, Миср, пастхамии Ҳиндию Ганга) қиёфаи фавт ва зиндашавии худоҳоро тавсиф мекард. Чунин ҳолат дар қавмҳои славянӣ низ дида мешуд, вақте ки хотима ёфтани инқилоби тобистонии офтоб бо ибтидои корҳои ҳосилғундорӣ вобаста карда шуда, расму таомулҳои обӣ гузаронида мешуд[39].

Г.И. Муромсев дар асари машҳури худ «Сарчашмаҳои ҳуқуқ» қайд кардааст, ки шуури ҳуқуқии он давра ба ҳам омехта шуда, аз эътиқоди динӣ, урфу одат ва меъёрҳои одии ахлоқӣ ҳанӯз пурра ҷудо нашуда буд. Аз ин гуна мавқеъҳо ҳар гуна вайронкунӣ, зарар расонидан ба объекти табиӣ (чашма, дарё, кӯл ва ҳатто баҳр) ҳамчун ҳуқуқвайронкунӣ нисбат ба худои муайяне ҳисоб мешуд, ки бешак аз тамоми ҷомеа интиқом мегирад[40].

---

[39] Ниг.: Филаненко А.Ю. Уголовно-правовая ответственность за загрязнение вод: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2002. – С. 15-16.
[40] Ниг.: Муромцев Г.И. Источники права // Правоведение. – 1992. – №2. – С. 27-28.

Санксияи комилан қатъӣ барои ба ин монанд ҷиноятҳо – ба дарё партофтани ҷинояткор ё дар ботлоқ ғарқ кунонидан буд, ки бо ин роҳ гӯё ба худоҳои об қурбонии омӯрзонанда мекарданд. Санксияҳо нисбати аъзоёни оддии ҷомеа ва роҳбарон (қаҳрамонон) баробар татбиқ карда мешуданд.

Дар замонҳои қадим масъалаи муҳофизати об муҳим буда, барои ифлос намудани он ҷазоҳои гуногун дода мешуд. Мутобиқи дини зардуштия натиҷаи мубориза байни қувваҳои некию бадӣ аз инсон вобастагӣ дорад ва гӯё қувваҳои бадӣ обро шӯр ва барои нӯшидан нобоб мекарда бошанд[41].

Тавре С. Лебедева ва О. Қарахоҷаева баён мекунанд, дар зардуштия мубориза ба муқобили ифлос намудани оби чоҳҳо, кӯлҳо бурда шуда, барои риоя накардани талаботи мазкур ҷазо дар намуди 400 дарра задан татбиқ мегардид[42].

Тибқи Ёсои бузурги Чингизхон (маҷмуи расму оинҳои ҳуқуқии қабилаҳои бодиянишини Осиёи Марказӣ ва Муғулистон дар асри XII) дар зери тарси марг аз болои сарчашмаи об ҷаҳидан, ба лахчаи оташ пешоб кардан, ресмони остонаи юртаро бо пойи худ ламс кардан ва ифлос намудани оби барои эҳтиёҷоти маишӣ мусоид манъ буд.

Ҳифз ва муқаддас будани об дар ҳама давру замон дар санадаҳои дар ҳудуди Тоҷикистон амалкунанда низ нишон дода шудааст. Аввалин чунин санад Авесто– маҷмуи навиштаҷоти амрҳо, дуоҳо ва дигар нишондодҳои динӣ буд. Мардуми Осиёи Миёна то паҳн шудани дини ислом ин таълимоти муқаддасро пайравӣ намуда, талаботи онро бе чуну чаро ба ҷо меоварданд. Мутобиқи таълимоти Авесто замин, ҳаво ва об офаридаи муқаддаси Аҳурамаздо ҳисоб мешуданд. Замин ва об мавҷудоти зинда ҳисоб мешуданд, ки гандум ва дарахтҳоро инкишоф дода бо ҳамин барои бо хӯрока таъмин шудани одамон ва ҳайвонот мусоидат менамуданд. Дар об оббозӣ кардан ва убур карда гузаштани он манъ буд (гузаштан аз он танҳо тавассути купрук, пул

[41] Ниг.: Солихов М.А. История становления и развития водного законодательства в Таджикистане: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2008. – С. 19.
[42] Ниг.: Лебедева С., Караходжаева О. Авеста – древнейшая книга // Государство и право. – 2001. – №1-2. – С. 68.

иҷозат дода мешуд). Оби аз абр дар шакли борон боранда ва барф, инчунин сарчашмаҳои кӯҳии об низ муқаддас диниста мешуданд. Мутобиқи Авесто дарё муқаддас ва неъмати илоҳӣ эълон шуда он ҳамду сано карда мешуд. Мутобиқи космографияи зороастрӣ дарёҳо на танҳо дар замин, балки дар ҳаво низ ҷорӣ мешуданд.

Ҳамин тариқ Авесто ба муқаддас донистани об, муносибат ба он ҳамчун неъмати илоҳӣ асос гузошт, ки чунин муносибат то ҳол дар халқҳои Осиёи Миёна, ҳамчун қисми муҳимми шуури ҷамъиятӣ нигоҳ дошта шудааст.

Қуръон низ қоидаҳои умумии муносибат бо табиатро муқаррар менамояд. Аз ҳама неъматҳои Худованд дар аввал об ҳамчун асоси тамоми ҳаёт дар замин нишон дода мешавад. Ба ғайр аз Аллоҳ дигар ҳеҷ нафар ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан ба онро надорад. Ба шарофати ин офаридаи Аллоҳ, ҳаёт дар рӯйи замин инкишоф меёбад, растаниҳо месабзанд ва ҳайвонот зиёд мешаванд. Дар сураи «Ан-Нахл» гуфта мешавад, ки «Ӯст, ки аз осмон бароятон борон нозил кард. Аз он менӯшед ва ба он гиёҳ мерӯяд ва чорпоёнро мечаронед. Ва бо он бароятон киштзор ва зайтуну наҳлҳо ва токистонҳо ҳар навъ мева бирӯёнад. Дар ин ибратест барои мардуме, ки меандешанд» (Ояти 10 ва 11).

Тибқи аҳкоми шариат ва одот, об ҳамчун атои Худо, ки табиатро эҳё мекунад, наметавонад дар моликияти касе бошад (ва замин низ); вай ба ҳама ва ба ҳар касе тааллуқ дорад, ки онро барои обёрии замин истифода бурдан мехохад: истисно танҳо оби дар зарф ҷамъшуда бошад; обро бе замини ба он тааллуқдошта харидан ва фурӯхтан мумкин нест; ҳангоми нарасидани об барои обёрии ҳамаи зироатҳо бояд он баробар тақсим карда шавад; тартиби навбатистӣ барои истифодабарии об бо қуръа муайян карда мешавад; сарфи аз микдори муқарраршуда кам ё зиёди об ҷиноят ҳисоб карда мешавад ва ба гунаҳгор ҷазо дода мешавад[43].

[43] Ниг.: Коран и вода [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cawater-info.net/bk/water_law/pdf/koran.pdf (санаи муроҷиат: 12.07.2023).

Ҳамин тариқ меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ (фиқҳ), аз ҷумла он меъёрҳои шариат, ки ҳифзи ҳуқуқии обро ба амал мебароварданд, дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза то ибтидои солҳои 20-уми асри XIX амал карданд[44].

Пас аз инқилоби Октябри соли 1917 дар Россия, апрели соли 1918 съезди V Шурои кишвари Туркистон таъсиси Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Туркистонро эълон дошт, ки ба ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия шомил гардид.

Ба кишвари Туркистон, ки пойтахташ шаҳри Тошканд буд, ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза ва қисми зиёди Бадахшон шомил буданд, ки то таъсиси ҶХШС Туркистон ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил буданд. Аммо дар ин вақт амири Бухоро ҳоло ҳам дар қаламрави Аморати Бухоро ҳукмронӣ мекард. 2 сентябри соли 1920 Армияи Сурх ва қувваҳои мутаҳҳидаи отрядҳои сурхи Бухоро ин мамлакатро забт намуданд ва амир ба Ҳисор гурехт. 6 октябри соли 1920 Съезди (қурултойи) якуми вакилони халқии умумибухоройӣ таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Халқии Бухороро эълон дошт. Баъдан, моҳи марти соли 1921 бо ёрии ҳукумати Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия дар қаламрави Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ низ ҳокимияти шуравӣ барпо гардид.

Чи хеле ки маълум аст, соли 1924 ҶШС Ӯзбекистон таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он Ҷумҳурии Худмухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон шомил гардид, соли 1929 бошад, ҶХШС Тоҷикистон аз ҳайати Ӯзбекистон баромада, ҳамчун ҷумҳурии мустақили шуравии сотсиалистӣ дар ҳайати ИҶШС эълон гардид.

То қабули Кодекси ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон аз соли 1926 ва Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1935, дар ҳудуди Тоҷикистон қонунҳои

---

[44] Ниг.: Рауфов Ф.Х История развития законодательства Республики Таджикистан об ответственности за насильственные действия сексуального характера // Проблемы в российском законодательстве. – 2014. – №2. – С. 151.

КИМУ ҶШФСР, ки дар шакли декретҳо ва қарорҳо қабул мешуданд, маврид амал қарор доштанд[45].

Ҳамчунин дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия амал мекард, ки 26 майи соли 1922 дар иҷлосияи 3-юми анҷумани IV Шуроҳо қабул гардида буд. Баъдан Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Россия аз 22 ноябри соли 1926 қабул гардид, ки таҳрири кодекси қаблиро ифода мекард, ҳол он ки қонуни ҷиноятии нав ба шумор мерафт.

Аз ин рӯ, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар пас аз солҳои 20-уми асри XIX дар Россияи подшоҳӣ ва баъдан дар Россияи шуравӣ қабул гардида буданд, аз ҷумла ҳифзи обро ба амал мебароварданд ва то таъсиси Тоҷикистони шуравӣ дар қаламрави ин мамлакат амал мекарданд.

Инқилоби соли 1917 ва баъдан ҷанги шаҳрвандӣ масъалаи сохтори сиёсӣ ва иҷтимоӣ, амнияти ҳарбӣ ва озуқавориро ба ҷойи аввал гузошт. Аз ин рӯ, ба масъалаи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об он қадар диққати ҷиддӣ дода намешуд.

Дар ибтидо ба соҳаи ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ он захираҳое дохил карда шуданд, ки дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва бесарусомонӣ объекти тороҷкунӣ шуда буданд: ҷангалзор ва олами ҳайвонот.

Пас аз инқилоб як қатор декретҳо ва қарорҳое қабул гардиданд, ки дар бораи муҳофизати об чизе намегуфтанд.

Бурдани сиёсати нави иқтисодӣ низ кори муҳофизати обро беҳтар накард. Дарёҳо, кӯлҳо ва сарчашмаҳои об қариб ки арзиш надоштанд ва ба доираи манфиатҳои ҳифзи давлатӣ шомил нашуда буданд. Шиори академик И.В. Миранчук – «Хайру садақоти табиатро интизор намешавем – онҳоро худамон мегирем» – ба рушди нигилизми экологӣ таккони ҷиддӣ бахшид[46].

Дар аввалин Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия аз соли 1922, ки дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза низ

[45] Ниг.: Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952 г.г. / Под ред. проф. И.Т. Голякова. – М., 1953. – С. 197-198.
[46] Ниг.: Романов А.А. Преступное загрязнение вод в России: уголовно-правовое и криминологическое исследование: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2010. – С. 22.

амал мекард, меъёр оид ба ҳифзи об мавҷуд набуд. Дар ҳолати содир шудани кирдоре, ки боиси ифлос гардидани об мегардад, кирдори гунаҳгор аз рӯйи моддаҳои зерини Кодекс бандубаст мегардид: хунукназарӣ (м. 108 КҶ ҶШФСР), қасдан нобуд кардан ё зарар расонидан ба молу мулк (м. 197 КҶ ҶШФСР) ё вайрон кардани тартиб ва бехатарӣ дар роҳҳои обӣ (м. 218 КҶ ҶШФСР)[47].

Дар давраи амали КҶ ҶШФСР аз соли 1922 то 1926 ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об ё тавассути татбиқи таркибҳое, ки бавосита баҳри ҳифзи табиат равона гардида, объекти бевоситаашон дигар муносибатҳо ба ҳисоб мерафтанд (масалан, вайрон кардани монополияи давлатӣ ба намудҳои алоҳидаи саноат, хунукназарӣ, таҷовуз ба моликияти давлатӣ ва ғайра), ё тавассути ҳифзи дигар объектҳои табиӣ (замин, олами ҳайвонот, ҷангалзор ва ғайра) ба роҳ монда мешуд.

Пас аз қабули КҶ ҶШС Ӯзбекистон аз 16 июни соли 1926, амали ин қонун қаламрави Тоҷикистонро фаро гирифт, зеро то соли 1929 Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии худмухтор дар ҳайати Ӯзбекистон қарор дошт[48]. КҶ ҶШС Ӯзбекистон дар фарқият аз КҶ ҶШФСР (1926) боби алоҳидаро ба ҷиноятҳои обӣ бахшида буд. Дар м.290 КҶ ҶШС Ӯзбекистон бевосита таркиби ҷинояти ифлос кардани об муқаррар мешуд, ки мутобиқи он ифлос кардани обҳо дар ҷуйборҳо ва сар додани оби ифлос ба ҷӯйборҳое, ки аҳолиро бо об таъмин менамуд, боиси ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ ба муҳлати то шаш моҳ ё ҷарима то сесад рубл мегардид[49].

9 майи соли 1935 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардида, он аз 15 июни соли 1935 қувваи қонунӣ пайдо менамояд. Кодекси мазкур дар таърихи қонунгузории ҷиноятии ҶТ аввалин санади кодификасиякардашуда ба ҳисоб мерафт, ки он боназардошти қонунҳои умумииттифоқӣ ва хусусиятҳои ҶШС

[47] Ниг.: Уголовные кодексы советских республик: текст и постатейный комментарий / Под ред. С. Канарского. – М., 1992. – С. 399.
[48] Ниг.: Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана. Том 2, часть 1 (1917-1929 гг.). – Душанбе, 2001. – С. 45.
[49] Уголовный кодекс Узб. ССР 1926 г. // Собрание Узаконений УзССР. – №11-12. – Ст. 54.

Тоҷикистон қабул шуда буд. КҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1935 дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятӣ нақш ва аҳаммияти муҳим мебозид[50].

Бо сабаби аҳаммияти калон доштани арзишҳои обӣ дар Тоҷикистон КҶ ҶШС Тоҷикистон (1935) ба монанди КҶ ҶШС Ӯзбекистон (1926) боби алоҳидаро бо номи «Ҷиноятҳо оид ба об» (боби 10) муқаррар менамуд. Боби мазкур панҷ моддаро (м.м.224-228) дар бар мегирифт.

Худсарона гирифтани об бо роҳи шикоф кардани ҳавз, ҷӯйҳо, кушодани шлюзҳо, сохтани каналҳо ва тунелҳои обкаш қубурҳои зеризаминӣ, банд кардан, бастан ва мондани инҳо, худсарона кандани ҷӯйҳо ва гузаронидани корҳои гидротехникӣ, агар ҳамаи ин кирдорҳо нисбати ҷӯйҳои истифодаи умумӣ ба амалояд. (м.224). Дар м.225 КҶ барои қасдан вайрон кардани иншоотҳои обёрикунӣ ва лавозимоти онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар мешуд. Агар кирдорҳои зикршуда боиси зери об мондан ё хушк шудани киштзорҳо, биноҳо ва роҳҳоро шушта бурдани об ё хароб гардидан онҳо ё ин ки халалдор шудани нақшаи муқаррарии истифодаи об гардад, ҷавобгарӣ мутобиқи м.226 КҶ ба вуҷуд меояд.

Дар м.228 КҶ барои ифлос кардани об бевосита ҷавобгарӣ муқаррар мешуд, ки мутобиқи он «Лоиқа ва ифлос кардани об дар ҷӯйҳо ё ботлоқ кардани замин ё сар додани оби ифлос ба ҷӯйҳо, ки аҳолиро бо об таъмин мекунад бо корҳои ислоҳӣ-меҳнатӣ ба муҳлати то шаш моҳ ё ҷарима то сесад сӯм ҷазо дода мешуд».

17-уми августи соли 1961 КҶ ҶШС Тоҷикистон қабул гардид, ки аз 1-уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор дода шуд[51]. Кодекси мазкур дар фарқият аз КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) боби алоҳидаро барои ҷиноятҳо дар соҳаи об пешбинӣ намекард.Новобасата ба он ки хусусиятҳои махсуси Тоҷикистон дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва вазифаи ташкил намудани

---

[50] Ниг.: Муллаев М.М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть). – Душанбе, Ирфон, 1988. – С. 122-123.

[51] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко–правовое исследования: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – С. 297.

истеҳсоли бештари пахта риояи ҷиддии қоидаҳои обистифодабариро талаб менамуд. Вайрон намудани қоидаҳои истифодаи об, аз ҷумла вайрон намудани низоми обёрӣ метавонад ба манфиатҳои хоҷагӣ зарари ҷиддӣ расонад[52].

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 меъёри муқарраркунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани обанборҳо ва ҳаво (м.239 КҶ) дар боби 10 (Ҷиноятҳои муқобили бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ) бо чунин тарз ифода шуда буд: «Дарё, кӯл, ҳавз ва дигар обанборҳо ва сарчашмаҳои обро ифлос кардан бо сар додани обҳои ифлосе, ки тоза ва безарар карда нашудаанд, бо партофтани ахлот ё пасмондаҳои корҳонаҳои саноатӣ ва коммуналӣ, ки ба тандурустии одамон ё ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ё захираҳои моҳӣ зарар расонида метавонанд, инчунин вайрону олуда кардани ҳаво бо пасмонадҳои истеҳсолоти саноат, ки барои тандурустии одамон зарар доранд, бо корҳои ислоҳкунӣ ба муддати то як сол ё бо ҷарима ба маблағи то сесад сӯм ҷазо дода мешавад»[53].

Дар м.182 КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ, инчунин барои вайрон намудани қоидаҳои истифодабарии об муқаррар мешуд, ки ин ҷиноят дар боби «Ҷиноятҳои хоҷагӣ» (боби 6) ҷойгир шуда буд. Моддаи мазкур аз ду қисм иборат буда, дар қ.1 ҷавобгарӣ барои худсарона гирифтани об ё худсарона анҷом додани корҳои гидротехникӣ дар ҷӯйҳои истифодаи умумӣ, инчунин дигар хел вайронкунии қоидаҳои истифодабарии об, ба шарте ки пештар барои ҳамин гуна ҳаракатҳо чораҳои маъмурӣ ё чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятӣ дида шуда бошанд, муқаррар мешуд. Кирдори мазкур бо корҳои ислоҳкунӣ ба муддати то як сол ё бо ҷарима ба маблағи то панҷоҳ сӯм ҷазо дода мешуд.

Тибқи қисми дуюми ҳимин модда қасдан зарар расонидан ё вайрон кардани объектҳои хоҷагии об – каналҳо, заҳбур ё ҷӯйборҳои обёрӣ, иншооти онҳо ва ҳар гуна сохтмонҳои гидротехникӣ, ки ҳаракатҳои мазкур зарари

[52] Ниг.: Муллаев М.М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть). – Душанбе: Ирфон, 1988. – С. 182.
[53] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1962. – 224 с.

ҷиддӣ расонидаанд, боиси таъини ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол, ё корҳои ислоҳкунӣ то як сол, ё ҷарима ба андозаи то сад сӯм мегардид[54].

Рушди минбаъдаи қонунгузорӣ дар самти ҳифзи об бо қабули Асосҳои қонунгузории оби ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ аз соли 1970 сурат гирифта, аз ҷумла он барои даровардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузориҳои ҷумҳуриҳои иттифоқ, аз ҷумла ба КҶ ҶШС Тоҷикистон замина гузошт. Ҳамин тавр аз 29 августи соли 1974 мувофиқи Указი Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ба м.239 КҶ қисми дуюм бо мазмуни зайл илова гардид: «Худи ҳамин ҳаракатҳо, ки ба саломатии одамон ё истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ зарари ҷиддӣ расонидаанд ё сабаби саросар нобудшавии моҳиён гардидаанд...»[55].

Тағйиротҳои минбаъда ба таркиби ҷинояти м.239 КҶ 1961 мутобиқи Укази Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 22 ноябри соли 1984 ворид карда шуданд. Мутобиқи Укази мазкур ифлос кардани ҳаво аз таркиби ҷинояти м.239 хориҷ карда шуда, ҷавобгарӣ барои он дар моддаи алоҳида (м.239[1] (Вайрон кардани қонун дар бораи муҳофизати ҳавои атмосфера)) муқаррар гардид. Таркиби ҷинояти м.239 КҶ ҳамчун ифлос ё олуда кардани об ва замин муайян гардида, субъектони ифлоскунандаи об ва оқибатҳои ин ҷиноят мушаххас гардонида шуданд: «Дар натиҷаи сар додани обҳои ифлосе, ки тоза ва безарар карда нашудаанд ва партофтани ахлот ё пасмондаҳои корҳонаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, коммуналӣ ва дигар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ифлос ва олуда кардани дарёҳо, кӯлҳо, дигар обанбору сарчашмаҳои об ва замин, ки ба саломатии одамон ё ба хоҷагии халқ ё ки олами ҳайвонот зарар расонида шудааст ва ё зарар расонида метавонанд...»[56].

---

[54] Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1972. – С. 88.
[55] Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон аз соли 1974. – №2 (742).
[56] Ведемостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон аз соли 1984. – №7. – Мод. 113.

Ҷавобгарӣ мутобиқи қ.1 м.239 КҶ дар ҳолатҳое ба вуҷуд меомад, ки агар таркиби моддаҳои ифлоскунанда дар обанборҳо, сарчашмаҳои об, дар замин, инчунин дараҷаи таъсиррасонии ҷисмонии зараровар аз меъёрҳои муқарраршуда баланд буда, дар натиҷа ба саломатии одамон, истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ё ки олами ҳайвоноту наботот зарар расонида шавад ва ё мумкин буд зарар расад[57].

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур бо қасд ё беэҳтиётӣ нисбати ҳаракат ва беэҳтиётӣ нисбат ба оқибат тавсиф мегардид.

Ба сифати субъекти ҷинояти ифлос ё олуда кардани об ва замин мумкин буд ҳам шахсони мансабдор ва ҳам дигар шахсони гунаҳгори дар корхонаҳои саноатӣ ва коммуналӣ коркунанда, ки барои тоза намудани обҳои ифлос, партофтҳо ва пасмонадаҳо масъул мебошанд, баромад намоянд[58].

Баъдан дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзе олимон ҷиноятҳои экологиро ҳамчун гуруҳи мустақили ҷиноятҳо берун аз доираи ҷиноятҳои хоҷагӣ баррасӣ намуда ба сифати объекти он унсурҳои алоҳидаи табиатро номбар менамуданд[59]. Дар баробари ин таърифҳои гуногуни ҷиноятҳои экологӣ дода шуда, дар боби алоҳида мустаҳакам намудани ин гуруҳи ҷиноятҳо пешниҳод мешуданд[60].

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки қонунгузории ҷиноятӣ ва илми ҳуқуқи ҷиноятии солҳои 80-уми асри XX бо роҳи қавӣ кардани ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об, баланд бардоштани самаранокиии мубориза бо ҷиноятҳои экологӣ инкишоф ёфтааст.

Васеъ гардидани доираи меъёрҳо оид ба ҳифзи табиат, хусусан муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос намудани об бо он вобаста аст, ки

---

[57] Ниг.: Муллаев М.М. Комментарий к Уголовному кодексу Таджикской ССР (Особенная часть). – Душанбе: Ирфон, 1988. – С. 389.
[58] Ниг.: Муллаев М.М. Асари зикршуда. – Душанбе: Ирфон, 1988. – С. 390.
[59] Ниг.: Листков А.Н. Значение объекта и предмета преступления для отграничения посягательств на природные ресурсы от хищений // Актуальные проблемы ответственности за посягательства на экономическую систему СССР. Межвуз. сб. науч. тр. / Горьк. ВШ МВД СССР. – Горький, 1983. – С. 105-114; Бушуева Т.А., Дагель П.С. Объект уголовно-правовой охраны природы // СГП. – 1977. – №8. – С. 77-83 ва диг.
[60] Ниг.: Листков А.Н. Советская уголовная политика в области охраны природы и деятельность органов внутренних дел по ее реализации: автореф. дис… канд. юрид. наук. – М., 1983. – С. 14.

якум, элитаи шуравӣ хавфи экологиро дарк намуд, дуюм, сатҳи иштироки ИҶШС дар фаъолияти байналмилалӣ баланд гардид[61].

Пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС ва ибтидои ислоҳоти низоми мақомоти давлатӣ ва тағйири қонунгузорӣ дар низоми ҳифзи табиат тағйироти куллӣ сурат гирифт. Ҷараёни навшавии интенсивӣ ба соҳаи экология ва ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об низ дахл дошт. Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми соҳаҳои ҳуқуқ нав гардиданд, аз ҷумла қонунгузории нави экологӣ ташкил гардид.

Минбаъд, қонунҳое қабул гардиданд, ки мафҳумҳои навро дар соҳаи ҳифзи об муқаррар намуданд ва онҳо барои бандубасти ҷинояти вобаста ба ифлос ва олуда намудани об кумак мерасонанд.

Дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ 27 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи табиат»[62] қабул гардид, ки санади меъёрии комплексии асосии қонунгузории экологӣ буд.

Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998 қабул гардид. Ин қонуни ҷиноятӣ дар боби 24 тамоми ҷиноятҳоеро, ки ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист таҳдид мекунанд, муттаҳид намуд.

Дар КҶ ҶТ ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об бевосита бо меъёрҳои умумии моддаи 226 КҶ ҶТ (Ифлос кардани об) ва ба таври ғайримустақим бо моддаҳои 220 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарии экологӣ ҳангоми иҷрои кор), моддаи 223 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо моддаҳо ва партовҳои аз нигоҳи экологӣ хавфнок), моддаи 224 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо омилҳои микробиологӣ ё дигар омилҳои биологӣ ё токсинҳо (моддаҳои заҳролуд)) ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба роҳ монда шудааст.

---

[61] Ниг.: Филаленко А.Ю. Уголовно-правовая ответственностӣ за загрязнение вод: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2002. – С. 25.
[62] Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1994. – №2. – Мод. 36.

Инак, тибқи қисми 1 моддаи 226 КҶ ҶТ ифлос кардани об, ин « Ифлос ё олуда кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он, агар чунин кирдор дар давоми соли баъд аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад». Ин гуна кирдорҳо бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду чил то дусаду чил соат ё бо ҷарима ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад. Аз ин ҷо бармеояд, ки қонунгузор чунин ҷиноятро ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин дохил кардааст.

Мақсади моддаи мазкур таъмини муҳофизати об тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, дар намуди риояи тартиби истифодабарии об, нигаҳдошти сифати объектҳои гуногуни об ҳамчун унсури гидросфера, ҳамчунин пешгирӣ кардани расонидани зарар ба олами набототу ҳайвонот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии қишлоқу ҷангал, ҳаёту саломатии одамон мебошад.

Ғайр аз ин ҳифзи ҳуқуқӣ– ҷиноятии об, чи тавре О.Л. Дубовик қайд мекунад, ки инчунин бавосита тавассути м.м.246-248 КҶ ФР (м.м.220, 223, 224 КҶ ҶТ) ҳифз мегардад[63].

Ҳамин тавр, табиати ҳуқуқии об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Тоҷикистонро таҳлил намуда, метавон ба хулосаҳои зерин омад:

1. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва шароити имрӯзаи мамлакатамон об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ баромад мекунад.

Ҳифзи об фаъолиятест, ки ба нигоҳдорӣ, барқарорсозӣ ва беҳтар намудани ҳолати захираҳои обии рӯйи замин нигаронида шудааст. Ноил шудан ба ин мақсадҳо бо усулҳои гуногун – воситаҳои табиатшиносӣ, техникӣ, иқтисодӣ, таълимӣ таъмин карда мешавад.

2. Дар давраи амали КҶ ҶШФСР аз соли 1922 то 1926 ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об ё тавассути татбиқи таркибҳое, ки бавосита баҳри ҳифзи табиат

[63] Ниг.: Дубовик О.Л. Экологические преступления / Комментарий к Главе 26 УК РФ. – М.,1998. – С. 183.

равона гардида, объекти бевоситаашон дигар муносибатҳо ба ҳисоб мерафтанд (масалан, вайрон кардани монополияи давлатӣ ба намудҳои алоҳидаи саноат, хунукназарӣ, таҷовуз ба моликияти давлатӣ ва ғайра), ё тавассути ҳифзи дигар объектҳои табиӣ (замин, олами ҳайвонот, ҷангалзор ва ғайра) ба роҳ монда мешуд.

3. Бо сабаби аҳаммияти калон доштани арзишҳои обӣ дар Тоҷикистон КҶ (1935) ба монанди КҶ ҶШС Ӯзбекистон (1926) боби алоҳидаро бо номи «Ҷиноятҳо оид ба об» (боби 10) муқаррар намуда, бевосита ҷавобгариро барои ифлос кардани об дар м.228 КҶ муайян менамуд.

4. Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 боби алоҳидаи муқарраркунандаи ҷавобгарӣ дар соҳаи об ҷой надоша, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани қоидаҳои истифодаи об аз рӯйи моддаҳои алоҳидаи ҷиноятҳо муқобили бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ ба вуҷуд меомад.

5. Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998 қабул гардид. Ин қонуни ҷиноятӣ дар боби 24 тамоми ҷиноятҳоеро, ки ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист таҳдид мекунанд, муттаҳид намуд.

Дар КҶ ҶТ ҳифзи ҳуқуқӣ – ҷиноятии об бевосита бо меъёрҳои умумии моддаи 226 КҶ ҶТ (Ифлос кардани об) ва ба таври ғайримустақим бо моддаҳои 220 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарии экологӣ ҳангоми иҷрои кор), моддаи 223 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо моддаҳо ва партовҳои аз нигоҳи экологӣ хавфнок), моддаи 224 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо омилҳои микробиологӣ ё дигар омилҳои биологӣ ё токсинҳо (моддаҳои заҳролуд)) ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба роҳ монда шудааст.

## 1.2. Масоили ҳифзи ҳуқуқии об мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ

Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба масъали ҳифзи муҳити зист диққати махсус дода мешавад, ки ба инобат гирифтани онҳо мумкин аст дар

такмил додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла ҳифз ва оқилона истифода бурдани захираҳои обӣ татбиқ карда шаванд.

Солҳои охир таваҷҷуҳи давлатҳо ба он равона гардидааст, ки ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ дар мубориза бо ифлосшавии муҳити зист, аз ҷумла ифлос кардани об таҳким бахшида шавад. Акнун ҷомеаи ҷаҳонӣ дарк карда истодааст, ки ҳама гуна қонуншиканиҳо дар бахши муҳити зист ба амнияти экологӣ таҳдид менамояд.

Дар сатҳи байналмилалӣ, тавассути институтҳои СММ, ташкилотҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, конференсияҳо ва дигар чорабиниҳо дар сатҳҳои гуногун, ки ба масоили об бахшида шудааст Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани бо об таъминнамӣ, ҳифз ва оқилона истифода намудани захираҳои обӣ, тақвият додани муносибатҳои байналмилалӣ дар ин самт баромад менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки муҳити зист сарҳад надорад, аз ин рӯ расонидани зарар ба қисматҳои он (аз ҷумла ифлос кардани об) дар ҳудуди як давлат метавонад ба объектҳои табиии давлати дигар низ зарар расонад.

Садама бо танкери «Престиж» дар соҳили Испанияро ёдовар шудан лозим аст, ки дар натиҷаи он тақрибан 12 000 тонна нафт ба баҳр рехта, беш аз 500 километри соҳилро ифлос кард. Ин ҳолат на танҳо барои Испания, балки ба тамоми ҷаҳон хавфи фалокати экологиро ба миён овард. Ё ин ки фалокати дар платформаи нефтии Халиҷи Мексика бамиёномадаро ёдовар шудан зарур аст, ки оқибатҳои манфии хеле ҷиддиро ба миён овард. Вай на танҳо ба муҳити зисти минтақаҳои алоҳида, балки ба тамоми иқлим таъсири манфии худро гузошт. Наслҳои ояндаро зарур аст, ки зарари аз ин садама бамиёномадаро арзёбӣ намоянд[64].

Истифодаи захираҳои табиӣ бе риояи меъёрҳои муқарраршудаи ҳифзи табиат солҳои охир боиси рӯ ба рӯ шудани инсоният ба мушкилиҳои муайян

[64] Ниг.: Попов И.В. Ответственность за преступное загрязнение вод (по материалам Сибирского и Уральского федеральных округов Российской Федерации): дис. ... канд. юрид. наук. – Омск, 2003. – С. 32.

гардидааст, аз ҷумла ба вуҷуд омадани фалокатҳои табиӣ, тағйир ёфтани иқлим, кам шудани захираҳои обӣ ва ғайра.

Вобаста ба ин дар асарҳои соҳавӣ баён мешавад, ки «инқилоби илмӣ-техникӣ аз сабаби доштани хароҷоти манфии алоҳида хавфи ҷамъиятии таҷовузро ба объектҳои табиат зиёд мегардонад»[65].

Бо сабаби рушди иқтисодиёт, зиёдшавии шумораи аҳолии кураи замин оғоз аз нимаи дуюми асри XX аз тарафи инсон захираҳои табиӣ ҳар чи бештар бе назардошти ҳифз ва азнавбарқарорсозии он истифода шуда истодааст.

То солҳои охир ба танзими ҳуқуқии ҳифзи об аз ифлосшавӣ ҳам тавассути санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ҳам тавассути қонунгузории миллӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода намешуд. Ин ба ифлосшавии муҳити зист, норасоии захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои об оварда расонд. Бинобар ин солҳои охир дар назди давлатҳои ҷаҳон ҳифз ва оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ ҳамчун масъалаи аҳаммияти аввалиндараҷадошта гузошта шудааст.

Дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон бо мақсади амалӣ намудани ҳифзи муҳити зист сандаҳои меъёриву ҳуқуқии муайян қабул карда шудаанд. Масалан, дар ИМА – қонунҳо дар бораи сиёсати миллӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист (с. 1969), дар бораи сифати муҳити зист (с. 1970); дар Фаронса – декретҳо дар бораи ташкил намудани комиссияи миллии байниидоравӣ (с. 1969) ва қонун дар бораи таъсиси Кумитаи олии ҳифзи муҳити зист (с. 1970), дар Ҷопон бошад, қонуни асосӣ дар бораи ҳифзи муҳити зист (с. 1967) қабул гардиданд.

Бо мақсади ҷалби давлатҳои ҷаҳон ба масъалаи ҳифзи муҳити зист бори аввал дар Стокголм соли 1972 конференсияи байналмилалӣ оид ба масъалаи муҳити зисти инсон баргузор гардид, ки ҳамчунин бо номи Конференсияи Стокголм маъмул аст.

Мувофиқи талаботи принсипи №21 Эъломияи Стокголм аз 16 июни соли 1972[66] оид ба масъалаҳои муҳити зисти инсон, давлатҳо ҳуқуқи соҳибихтиёрии

---

[65] Ворсинов Г.Т., Розовский Б.Г. Повышение эффективности права в обеспечении рационального природопользования / Г.Т. Ворсинов, Б.Г. Розовский // Сов. гос. и право. – 1985. – №3. – С. 82.
[66] Ниг.: Действующее международное право. – Т. 3. – М., 1997. С. – 682-687.

коркарди захираҳои худ мувофиқи сиёсати экологиро доранд ва барои бо фаъолияти худ ва амалӣ намудани салоҳияти худ ҷиҳати нарасонидани зарар ба муҳити зисти дигар давлатҳо ё минтақаҳое, ки аз доираи салоҳияти миллӣ берунанд, масъулият доранд.

Дар асоси тавсияҳои конференсияи СММ худи ҳамон сол Барномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист (UNEP) таъсис дода шуд. Аниқтараш, дар иҷлосияи 27-уми Маҷмааи Умумии СММ Қатъномаи 2997 (XXVII) аз 15 декабри соли 1972 «Чорабиниҳои ташкилӣ ва молиявӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар сохаи муҳити зист»[67] қабул гардид. Дар асоси қатъномаи мазкур бо мақсади самаранок амалӣ гардидани тадбирҳое, ки бахри муҳофизат ва беҳдошти муҳити зист аз тарафи давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд, Барномаи СММ оид ба муҳити зист (минбаъд – ЮНЕП) ба ҳайси мақомоти доимии Маҷмааи Умумии СММ таъсис дода шуд. ЮНЕП баҳри таъмини роҳбарӣ ва ҳавасмандгардонии шарикӣ дар соҳаи муносибати эҳтиёткорона бо муҳити зист бо роҳи ташкили шароити мусоид барои беҳтар намудани сифати ҳаёти мардум ва давлат бе расонидани зарар ба насли оянда таъсис дода шудааст.

Дар доираи ЮНЕП лоиҳаҳои гуногун дар соҳаи экосистемаи рӯизаминӣ, баҳрӣ ва атмосфераи Замин таҳия ва қабул мегарданд. Ҳар сол дар чаҳорчӯбаи ЮНЕП 5 июн ҳамчун Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити зист ҷашн гирифта мешавад[68].

Ҳар сол мавзуъҳо ва шиорҳои Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити зист муайян мегардад. Агар оид ба масъалаи об гирем, пас соли 1976 «Об – захираи калидии ҳаёт», соли 2003 «Об – ду миллиард одамон ба он сахт эҳтиёҷ доранд!», соли 2004 «Ба мо баҳрҳо ва уқёнусҳо лозиманд! Зинда на мурда»«, соли 2007 «Обшавии яххо мавзуи доғ аст!» эълон гардида буд. Дигар мавзуъҳои Рӯзи

---

[67] Резолюция 2997 (XXVII) ГА ООН от 15 декабря 1972 г. «Организационные и финансовые мероприятия по международному сотрудничеству в области окружающей среды» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://documents-dds-ny.un.org/doc/RESOLUTION/GEN/NR0/273/21/IMG/NR027321.pdf?OpenElement (санаи муроҷиат: 03.07.2023).

[68] Сабаби 5 июн интихоб гардидани Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити зист аз он иборат аст, ки дар ин сана Конфронси Стокголм оид ба масъалаи муҳити зисти инсоният соли 1972 ба фаъолият шуруъ намуда буд.

умумиҷаҳонии муҳити зист низ ба таври ғайримустақим масъалаи ҳифзи обро дар бар мегиранд.

Самтҳои асосии фаъолияти ЮНЕП дар гузариш ба усулҳои самараноки истифодаи захираҳои табиӣ мусоидат намудан ба давлатҳо; бо роҳи таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати муҳити глобалии муҳити зист пешгирӣ намудани таҳдид ва фалокатҳои экологӣ; такмил додани махзани ҳуқуқии экологӣ; дар соҳаи мубориза бо ифлос кардани муҳити зист ба роҳ мондани ҳамкории давлатҳо ва тақвият додани он; дар ҳалли масъалаҳои хусусияти экологидошта ба таҳия ва қабули тадбирҳои муайян мусоидат намудан; дар чаҳорчӯбаи СММ ҳамоҳангсозии самтҳои фаъолияти давлатҳо ва ғайра иборат мебошад[69].

ЮНЕП муассисаи махсусгардонидашудаи СММ набуда, мақомоти ёрирасони Маҷмаи Умумии СММ ба ҳисоб меравад, зеро фаъолияти он ба баланд бардоштани самаранокии лоиҳаҳои аллакай амалишаванда равона шудааст.

Дар чаҳорчӯбаи ЮНЕП масъалаҳои ҳуқуқӣ баррасӣ мегарданд, лоиҳаҳои конвенсияҳо таҳия мегарданд ва конференсияҳои байналмилалӣ ташкил карда мешаванд.

Масъалаи ҳифзи муҳити табиӣ, аз ҷумла захираҳои об дар бисёр санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ таҷассум ёфтааст. Бояд тазаккур дод, ки баъзе аз онҳо ба ҳифзи объекти об равона гардида бошанд ҳам, аммо онҳо ба ҳифзи захираҳои оби баҳру уқёнусҳо нигаронида шудаанд. Аз сабаби он ки Тоҷикистон мамлакате мебошад, ки ба баҳр роҳ надорад ва Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи баҳрӣ ва дигар конвенсияҳо оид ба ҳифзи баҳрҳоро ба имзо нарасондааст, мо низ зарур шуморидем, ки ҳифзи захираҳои оби баҳрҳоро таҳқиқ накунем.

Конвенсияи СММ дар бораи манъи истифодаи ҳарбӣ ё дилхоҳи дигари душманонаи воситаҳои таъсиррасонӣ ба муҳити зист аз соли 1977, қатъномаи

[69] Ниг.: О Программе ООН по окружающей среде (ЮНЕП) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mid.ru/programma-oon-po-okruzausej-srede-unep-/-asset_publisher/uGZ1eZTa5YkB/content/id/191146 (санаи мурочиат: 03.03.2023).

35/8 Маҷмаи Умумии СММ дар бораи масъулияти таърихии давлатҳо барои муҳофизати табиати Замин[70] низ ба ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла захираҳои об дахл доранд.

Моддаи 24 Хартияи Африқо оид ба ҳуқуқҳои инсон ва халқҳо аз 26 июни соли 1981 чунин муқаррар мекунад: «Ҳамаи халқҳо ба муҳити зисти умумии қаноатбахш, ки барои рушди онҳо мусоидат мекунад, ҳуқуқ доранд[71].

Аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи объектҳои алоҳидаи табиӣ, аз ҷумла ҳифзи об санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қабул гардидаанд. Бояд зикр намуд, ки баъзе аз онҳо ба ҳифзи объекти об равона гардида бошанд ҳам, аммо онҳо ба ҳифзи захираҳои оби баҳру уқёнусҳо нигаронида шудаанд. Аз сабаби он ки Тоҷикистон мамлакате мебошад, ки ба баҳр роҳ надорад ва Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи баҳрӣ ва дигар конвенсияҳо оид ба ҳифзи баҳрҳоро ба имзо нарасондааст, мо низ зарур шуморидем, ки ҳифзи захираҳои оби баҳрҳоро таҳқиқ накунем.

Дар мураттабсозии ғайрирасмии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба ҳифзи об аз ифлосшавӣ саҳми созмонҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ, аз ҷумла ҷамъиятӣ - илмӣ хеле калон аст.

Дар Қоидаҳои истифодаи дарёҳои байналмилалӣ (Қоидаҳои Ҳелсинки), ки яке аз аввалин санадҳои кодификатсияшудаи ҳуқуқи байналмилалии об мебошад ва аз ҷониби созмони байналмилалии ғайриҳукуматии Ассотсиатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ соли 1966 таҳия шудааст, моддаҳои IX-XI-и он ба масъалаи ҳифзи об бахшида шудаанд.

Дар санади мазкур ҳуқуқи давлат ба истифодаи оқилона ва баробар дар истифодаи фоидаовари об мустаҳкам шудааст.

Боби алоҳидаи Қоидаҳои истифодаи дарёҳои байналмилалӣ (Қоидаҳои Ҳелсинки) ба масъалҳои ифлос намудани об бахшида шудааст. Аз ҷумла,

---

[70] Резолюция 35/8 Генеральной Ассамблеи ООН об исторической ответственности государств за защиту природы Земли [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://documents.un.org/doc/resolution/gen/nr0/394/83/pdf/nr039483.pdf (санаи муроҷиат: 12.06.2024).

[71] Африканская Хартия Прав Человека и Народов. Принята на встрече глав государств-членов Организации африканского единства 26 июня 1981 г. в Найроби. Вступила в силу 21 октября 1986 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://hrlibrary.umn.edu/russian/instree/Rz1afchar.html (санаи муроҷиат: 12.06.2024).

мафҳуми «ифлос кардани об» дар боби 3 санади мазкур ҳамчун натиҷаи рафтори инсон, ки боиси расонидани зарар, тағйир ёфтани таркиби табии об ва сифати он гардидааст, муайян шудааст.

Вобаста ба Қоидаҳои истифодаи дарёҳои байналмилалӣ (Қоидаҳои Ҳелсинки) ҳар як давлат уҳдадор аст, ки:

а) ифлосшавии минбаъдаи об ё ҳама гуна баланд шудани сатҳи ифлос намудани обро дар ҳавзаи байналмилалӣ, ки ба ҳавзаи ягонаи дар ҳудуди давлати дигарбуда зарари ҷиддӣ мерасонад, бартараф созад;

б) чораҳои заруриро барои кам намудани ифлосии мавҷудбудаи обҳои ҳавзаи байналмилалӣ бо назардошти нарасонидани зарари ҷиддӣ ба ҳавзаи ягонаи обии дар ҳудуди давлати дигарбуда андешад[72].

Қоидаҳои мазкури зикршудаи бартараф ё кам кардани сатҳи ифлосшавии об дар ҳудуди худи давлат ё берун аз ҳудуди он агар ифлос кардан дар натиҷаи амалҳои ҳамин давлат ба вуҷуд омада бошад, татбиқ шуданаш мумкин аст (м.10).

Дар натиҷаи наандешидани чораҳои дар б «а» қ.1 м.10 Қоидаҳои Ҳелсинки муқарраршуда аз давлати дорои чунин уҳдадоридошта талаб карда мешавад, ки ҳаракатҳои зараровари худро қатъ намуда, ба давлати ҷабрдидаи ҳавзаи ягона зарари расонидашударо пардохт намояд (м.11).

Агар давлати уҳдадор имконияти андешидани чораҳои дар б «б» қ.1 м.10 Қоидаҳои Ҳелсинки зикршударо надошта бошад, ба он тавсия дода мешавад, ки бо давлати зарарбинанда бо мақсади ба танзим даровардани ҳолати мазкур ҳар чи зудтар гуфтушунид анҷом диҳад.

Аммо таъсири барзиёди инсон ба экология, аз ҷумла ба обҳои фаромарзӣ нишон дод, ки созишномаҳои умумӣ самаранокии мубориза бо ифлосшавии обҳои дарёҳои байналмилалиро ба қадри зарурӣ баланд набардошта истодаанд. Аз ин рӯ, аз нимаи дуюми асри XX давлатҳо кӯшиш намуданд

---

[72] Правила пользования водами международных рек от 20 августа 1966 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.cawater-info.net/library/rus/water/rules.pdf (санаи муроҷиат: 28.06.2024).

созишномаҳо ва конвенсияҳоеро қабул намоянд, ки ба ҳифзи махсуси обҳои фаромарзӣ аз ифлосшавӣ равона гардидаанд.

Дар мураттабсозии меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳифзи об аз ифлосшавӣ саҳми Институти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун ҷамъияти илмӣ хеле калон аст.

Дар масъалаи об Институт солҳои 1911, 1961 ва 1979 қатъномаи дахлдор қабул намуда буд, ки қоидаҳои истифода ва муҳофизати обҳои байналмилалиро танзим мекунанд. Аммо танҳо дар қатъномаи охирин, ки дар ш. Афина қабул гардидааст, дар масъалаи ҳифзи дарёҳо ва кӯлҳои байналмилалӣ сухан меравад.

Аз рӯйи фаҳмиши Институти ҳуқуқи байналмилалӣ «ифлосшавӣ» маънои ҳама гуна тағйироти кимиёвӣ, физикӣ ё биологии сифат ё таркиби об мебошад, ки бевосита ё бавосита дар натиҷаи фаъолияти инсон сурат гирифта, ба истифодаи қонунии обҳо таъсир ва ба ин васила зарар мерасонад. Дар ҳолатҳои алоҳида мавҷудияти ифлосшавӣ ва хусусиятҳои он то ҳадди имкон бо истинод ба меъёрҳои экологии муқаррарнамудаи созишномаҳо ё ташкилоту комиссияҳои байналмилалии салоҳиятдор муайян карда мешаванд.

Ҳангоми татбиқи ҳуқуқи соҳибихтиёрии худ оид ба коркарди захираҳои худ, мувофиқи сиёсати экологии худ ва бидуни зиён ба уҳдадориҳои шартномавии худ, тибқи Қатъномаи Афинагӣ давлатҳо уҳдадоранд, фаъолияте, ки дар доираи салоҳияти онҳо ё таҳти назорати онҳо анҷом дода мешаванд, таъмин намоянд ва то боиси ифлосшавии оби дарёҳо ва кӯлҳои байналмилалӣ нагарданд.

Давлатҳо барои иҷрои уҳдадориҳои худ Қатъномаи Афинагиро ба асос гирифта, тамоми тадбирҳои заруриро меандешанд, то ҳама гуна шакли ифлосшавӣ ё афзоиши дараҷаи мавҷудаи он пешгирӣ карда шавад, ифлосшавии ҷойдошта ҳар чи зудтар кам карда шавад. Чунин чораҳо махсусан дар мавриди фаъолиятҳои хеле хатарнок ё фаъолиятҳое, ки ба минтақаҳо ё

муҳити зист таъсири манфии назаррас доранд, бояд ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шаванд[73].

Дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ давлатҳо барои бовиҷдодона иҷро накардани уҳдадорихои байналмилалии худ оид ба ифлосшавии дарёҳо ва кӯлҳо масъулияти байналмилалӣ доранд.

Барои таъмини системаи самараноки пешгирӣ ва ҷуброни қурбониёни ифлосшавии фаромарзӣ, аз рӯйи Қатъномаи Афинагӣ давлатҳо бояд конвенсияҳои байналмилалиро оид ба масъалаҳои зерин қабул намоянд: а) салоҳияти судҳо, қонуни татбиқшаванда ва иҷрои ҳукмҳо; б) тартиби андешидани чораҳои махсус, аз ҷумла, таъмин намудани системаҳои масъулияти объективӣ ва ҷубронпулӣ барои ифлосшавӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти ниҳоят хатарнок ба вуҷуд омадааст.

Давлатҳое, ки бо як ҳавзаи гидрографӣ ҳамсарҳад мебошанд, ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои худ бояд то ҳадди имкон, ҳамкории байналмилалиро ба воситаи созишномаҳо ба роҳ монда, дар онҳо масъалаҳои зеринро баррасӣ намоянд:

а) аз вазъияти ифлосшавии захираҳои оби ҳавза, сабаб, хусусият, зарари расонидашуда ва чораҳои пешгирикунанда ба мамлакатҳои дигари наздисоҳилӣ мунтазам хабарнома фиристанд;

б) дар ҳолати дар мамлакати худ амалӣ намудани ҳама гуна фаъолияте, ки он метавонад ҳавзаро ба хатари бузурги ифлосшавии фаромарзӣ дучор кунад, давлатҳои манфиатдорро фавран хабардор намоянд;

в) давлатҳоеро, ки дар натиҷаи якбора баланд шудани сатҳи ифлосшавии фаромарзӣ дар ҳавза осеб дидаанд, фавран огоҳ намуда, барои кам кардани оқибатҳои чунин ифлосшавӣ тамоми тадбирҳои заруриро андешанд;

г) бо ҳамдигар оид ба муаммоҳои ҳозира ё эҳтимолии ифлосшавии фаромарзии ҳавза машварат намоянд;

---

[73] The Pollution of Rivers and Lakes and International Law [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.idi-iil.org/app/uploads/2017/06/1979_ath_02_en.pdf (санаи муроҷиат: 01.09.2023).

д) барномаҳои таҳқиқотии илмӣ-техникии худро барои мубориза бо ифлосшавии ҳавзаҳо ҳамоҳанг созанд;

е) бо созиши умумӣ стандартҳои экологӣ, аз ҷумла стандартҳои сифатро барои тамоми ҳавза ё як қисми он муқаррар намоянд;

ж) дар тамоми ҳавза комиссияҳои байналмилалӣ таъсис диҳанд, ки дорои ваколатҳои васеътарини онҳо мебошанд, ҳамчунин иштироки мақомоти маҳаллиро дар ҳалли масъалаи ба ифлосшавии об алоқаманд пешбинӣ намоянд;

з) барои мониторинг ва назорати доимии ифлосшавӣ шабакаҳои ҳамоҳангшуда ё ягона таъсис диҳанд;

и) барои шахсоне, ки аз фаъолияти ифлоскунӣ метавонанд зарар бинанд ҳам дар марҳилаҳои пешгирӣ ва ҳам дар марҳилаҳои ҷуброн кафолат диҳанд, аз ҷумла тавассути таъмини дастрасии ҳадди аксар ба расмиёти судӣ ва маъмурӣ дар давлатҳое, ки чунин фаъолиятҳо дар онҳо сарчашма мегиранд. Таъсис додани фондҳои ҷуброни зарари экологӣ, ки пайдоиши онро аниқ муайян кардан душвор аст, як навъи кафолати давлатӣ ба ҳисоб меравад[74].

Институти ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қатъномаи Афинагӣ вазъияти иқтисодии давлатҳои рӯ ба инкишофро ба назар гирифта, аз давлатҳои мутараққӣ ва созмонҳои босалоҳияти байналмилалӣ даъват ба амал меорад, ки ба ин давлатҳо дар масъалаи ҳифзи обҳои фаромарзиашон аз ифлосшавӣ ёрии техникӣ ё ҳар гуна ёрӣ расонанд.

Бо дарназардошти ин меъёр барои беҳтар намудани ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи об созмонҳои бонуфузи байналмилалии байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, аз қабили САҲА, ниҳодҳои махсуси СММ, Иттиҳоди Аврупо, Бонки Аврупои таҷдид ва рушд, USAID, GIZ, Helvetas, JIKA ва ғайра лоиҳаҳои гуногуни обро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ мекунанд.

---

[74] The Pollution of Rivers and Lakes and International Law [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.idi-iil.org/app/uploads/2017/06/1979_ath_02_en.pdf (санаи муроҷиат: 01.09.2023).

Ҳамин тариқ, Институти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун як ҷомеаи илмӣ аз олимону мутахассисони эътирофшудаи соҳаи ҳуқуқи байналмилалӣ иборат буда, дар мураттабсозии ғайрирасмии принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосёфтаи ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба ҳифзи об аз ифлосшавӣ нақши арзанда дорад. Меъёрҳои қатъномаҳои он одатҳои ҳуқуқии байналмилалии ин бахшро муқаррар намуда, барои давлатҳое, ки дар идоракунии обҳои фаромарзӣ иштирок доранд, ҳамчун дастурамал хизмат мекунанд. Он меъёрҳои қатъномаҳои Институти ҳуқуқи байналмилалӣ, ки баъдан дар шартномаҳои байналмилалӣ таҷассум ёфтаанд, аҳаммияти худро гум накарданд. Давлатҳое, ки созишномаҳои дахлдорро дар соҳаи об ба тавсиб нарасондаанд, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии Институти ҳуқуқи байналмилалиро ба инобат мегиранд.

Дар Конгресси 8-уми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон, ки соли 1990 дар Гавана баргузор гардид, қатънома дар бораи нақши ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҳифзи табиат ва муҳити зист қабул карда шуд. Дар байни тадбирҳое, ки ба мубориза зидди ҷинояткории экологӣ нигаронида шудаанд, қатънома ба давлатҳо тавсия дод, ки мувофиқи ҳуқуқи миллӣ ҷазоро барои ин ҷиноятҳо фаъолона татбиқ кунанд. Илова бар ин, ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид тавсия дода шуд, ки чунин муқарраротро дар дигар созишномаҳои байналмилалии тозатаъсис дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ворид кунад.

Соли 1992 дар Рио-де-Жанейро Конфронси СММ оид ба муҳити зист ва рушд баргузор гардид[75], ки дар он бо мақсади ҳифзи муҳити зист анҷом додани ҳаракатҳои муайян тавсия гардид. Маҳз дар натиҷаи Конфронси мазкур Эъломия оид ба муҳити зист ва рушд қабул гардида, дар он бо мақсади аз буҳрони экологӣ баровардани инсоният зарур будани нигоҳ доштани тавозуни мавҷудияти он бо табиат тавсия дода шуд[76].

---

[75] Дар конференсияи мазкур «Конвенция о биологическом разнообразии» цабуд гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи мазкур 15 июли соли 1997 ҳамроҳ гардид. Конвенсияи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 1998 қувваи ҳуқуқӣ гирифтааст.

[76] Ниг.: Декларация Конференции Организации Объединенных Наций по проблемам окружающей человека среды [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/declarathenv.shtml (санаи муроҷиат: 01.09.2023).

Дар ҷараёни кори ин конфронс бори аввал идеяи таъсиси Суди байналмилалии экологӣ дар низоми СММ ба миён гузошта шуд. Чунин суд бояд аз 15 судя иборат бошад, ки аз тарафи МУ СММ интихоб карда мешаванд. Ба гуфтаи ҳуқуқшиносони эколог, чунин суд «...метавонад дар ҳалли одилона ва аз ҷиҳати экологӣ дурусти баҳсҳо оид ба ҳифзи муҳити зист кумак кунад»[77].

Мутаассифона, идеяи таъсиси чунин суд дар доираи СММ дастгирӣ наёфт ва амалӣ карда нашуд.

Масъалаи ҳифзи объектҳои об дар Конвенсияи Комиссияи иқтисодии Аврупоии СММ (Конвенсяи Ҳелсинки) оид ба ҳифз ва истифодаи обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ аз 17 марти соли 1992 ва прокотоли иловагии он – Протокол оид ба масъалаҳои об ва саломатӣ аз 17 июни соли 1999 танзим шудааст.

Дар дебочаи Конвенсияи Ҳелсинки омадааст, ки Тарафҳои Конвенсия зарурати пурзӯр намудани тадбирҳои миллӣ ва байналмилалиро оид ба пешгирӣ кардан, маҳдуд сохтан ва кам кардани партовҳои моддаҳои хатарнок ба муҳити обӣ ва кам кардани эвтификатсия ва туршкунӣ, инчунин ифлосшавии муҳити баҳрӣ, махсусан дар минтақаҳои наздисоҳилӣ аз манбаъҳои заминӣ таъкид менамоянд[78].

Дар моддаи 2 Конвенсия омадааст, ки «Тарафҳо барои пешгирӣ, маҳдуд кардан ва кам кардани ҳама гуна таъсири фаромарзӣ тамоми чораҳои заруриро меандешанд». Конвенсияи мазкур истилоҳи «таъсири фаромарзӣ»-ро истифода намудааст.

«Таъсири фаромарзӣ» маънои ҳама гуна таъсири манфии назаррасеро дорад, ки дар натиҷаи тағйирёбии ҳолати обҳои фаромарзӣ бо таъсири фаъолияти инсон ба вуҷуд омадааст ва манбаи физикии он пурра ё қисман дар минтақаи таҳти салоҳияти як тараф ҷойгир асту ин таъсир ба муҳити зист дар

[77] Колбасов О.С. Международный экологический суд / О.С. Колбасов // Сов. гос. и право. – 1991. – №9. – С. 148.
[78] Конвенция по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озёр от 17 марта 1992 г. // Юридический сборник. – Ташкент, 1997. – №2. – С. 15-30.

минтақаи дар доираи салоҳияти Тарафҳои дигар қарордошта расидааст. Ба шумораи чунин оқибатҳо ба муҳити зист оқибатҳо барои саломатӣ ва бехатарии одамон, олами наботот, хок, ҳаво, об, иқлим, ландшафт ва ёдгориҳои таърихӣ ё дигар объектҳои моддӣ ё таъсири мутақобилаи ин омилҳо дохил мешаванд; ба шумораи онҳо инчунин оқибатҳо барои мероси фарҳангӣ ё шароити иҷтимоию иқтисодӣ, ки аз тағйирёбии ин омилҳо бармеоянд, дохил мешаванд[79].

Конвенсияи Ҳелсинки принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад»-ро муқаррар намуд, ки тибқи он хароҷоти вобаста ба чораҳои пешгирӣ, маҳдудсозӣ ва кам кардани ифлосшавӣ ба зиммаи ифлоскунанда гузошта мешавад.

Аз рӯйи Конвенсияи мазкур Тарафҳо бо мақсади пешгирӣ, маҳдуд кардан ва кам кардани таъсири фаромарзӣ тадбирҳои дахлдори ҳуқуқӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва техникиро таҳия, тасдиқ ва амалӣ намуда, дар ҳолати барои амалӣ гаштани ин мақсадҳо кӯшиш мекунанд:

а) пешгирӣ, маҳдуд кардан ва кам кардани партови моддаҳои ифлоскунанда тавассути технологияи кампартов ва партов;

б) ҳифзи обҳои фаромарзӣ ҷиҳати пешгирӣ ифлосшавӣ аз манбаъҳои нуқтаӣ тавассути додани иҷозати пешакӣ барои партовгоҳ обҳои партов аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори миллӣ ва амалигардонии мониторинги партовҳои иҷозатшуда ва назорат аз болои онҳо;

в) муқаррар намудани меъёр барои партофтани обҳои партови дар иҷозатномаҳо пешбинишуда дар асоси технологияи беҳтарини партови моддаҳои хатарнок;

г) ҷорӣ намудани талаботҳои сахттаре, ки дар баъзе мавридҳо ҳатто ба манъи партовҳо оварда мерасонанд, агар ин бо зарурати нигоҳ доштани сифати дахлдори об ё экосистема тақозо карда шавад;

---

[79] Ниг.: Протокол по проблемам воды и здоровья к Конвенции по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озер 1992 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/water_protection.shtml (санаи муроҷиат: 12.07.2023).

д) дар мавридҳои зарурӣ ба кор бурдани коркарди биологӣ ё ҷараёнҳои эквивалентӣ нисбат ба обҳои партови коммуналӣ;

е) андешидани чораҳои дахлдор, аз ҷумла тавассути татбиқи технологияи беҳтарини мавҷуда барои кам кардани воридоти моддаҳои биогенӣ аз манбаъҳои саноатӣ ва коммуналию маишӣ;

ё) таҳия ва татбиқи чораҳои дахлдор ва таҷрибаи пешқадами экологӣ барои кам кардани воридоти моддаҳои биогенӣ ва хатарнок аз манбаъҳои паҳншуда, махсусан дар он ҷое, ки кишоварзӣ манбаи асосӣ мебошад;

ж) татбиқи таъсири устувор ба муҳити зист ва усулҳои дигари арзёбӣ;

з) мусоидат ба идоракунии устувори захираҳои об, аз ҷумла татбиқи равиши экосистемавӣ;

и) таҳияи нақшаҳои амал дар ҳолатҳои фавқулодда;

к) андешидани тадбирҳои иловагии мушаххас оид ба пешгирӣ аз ифлосшавии обҳои зеризаминӣ;

л) кам кардани хатари ифлосшавии садамавӣ[80].

Бо ин мақсад ҳар як Тараф меъёрҳои андозаи партови моддаҳои ифлоскунандаро аз манбаъҳои нуқтаӣ ба обҳои рӯизаминӣ дар асоси технологияи беҳтарин муқаррар менамояд.

Ҳифзи ҳуқуқи байналмилалии об ҳамчунин мавзуи танзими Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи истифодаи намуди ғайрикиштигардии обҳои байналмилалӣ аз 21 майи соли 1997[81] мебошад.

Конвенсияи мазкур принсипи «нарасонидани зарари назаррас»-ро муқаррар менамояд, ки тибқи он давлатҳои маҷрои обӣ ҳангоми дар қаламрави худ истифода бурдани оби байналмилалӣ тамоми чораҳои зарурири меандешанд, то ба дигар давлатҳои маҷрои обӣ зарари назаррас нарасонанд. Дар сурате ки бо вуҷуди ин ба давлати дигари наздисоҳилӣ зарари назаррас расонида шавад, давлате, ки чунин зарар расонидааст, дар сурати

[80] Конвенция по охране и использованию трансграничных водотоков и международных озёр от 17 марта 1992 г. // Юридический сборник. – Ташкент, 1997. – №2. – С. 15-30.
[81] Конвенция о праве несудоходных видов использования международных водотоков от 21 мая 1997 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/watercrs.shtml (санаи муроҷиат: 04.08.2023).

мавҷуд набудани созишнома дар бораи чунин истифода, бо назардошти принсипи истифода ва идораи одилонаю оқилонаи об тамоми чораҳои дахлдорро меандешад, то бо давлати зарардида маслиҳат кунанд, ки ин зарар бартараф ё кам карда шавад, дар мавридҳои зарурӣ масъалаи товони зарарро муҳокима мекунанд (м.7 Конвенсия).

Ифлос намудани об, ки бараъло ба ҳаёт ва саломатии одамон таҳдид мекунад, яке аз амалҳое мебошад, ки боиси расонидани зарари назаррас ба давлати дигари наздисоҳилӣ мегардад[82].

Конвенсияи соли 1997 зери истилоҳи «ифлос намудани обҳои байналмилалӣ» дилхоҳ тағйир ёфтани таркиб ва сифати оби байналмилалиро мефаҳмад, ки мустақиман ё ғайримустақим натиҷаи фаъолияти инсонӣ ба ҳисоб меравад (б.1 м.21). Мазмуни Муоҳидаи мазкурро Комиссияи ҳуқуқи байналмилалӣ маънидод намуда, қайд мекунад, ки ин таъриф дилхоҳ ифлос карданро дар бар мегирад, новобаста аз он ки вай боиси расидани зарари «назаррас» гардидааст ё не[83].

Пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ боиси ба таври назаррас бад шудани вазъ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, бахусус дар соҳаи ҳифзи дарёҳои фаромарзӣ гардид. Чунин вазъи номусоиди ифлосшавии дарёҳо дар баробари таъсири зиёновар ба саломатии аҳолӣ ва сатҳи зиндагии он, ба суботи сиёсӣ дар манотиқи дарёи дар он қарордошта таъсири манфӣ мерасонад. Ифлосшавии фаромарзӣ боиси бисёр ихтилофоти эҳтимолӣ дар ҳавзаҳои Амударё, Сирдарё, Днепр ва ғайра мегардад. Дар баробари ин, имкони танзими масъалаҳои фаромарзии ифлосшавии дарёҳо коҳиш ёфтааст, зеро низоми ягонаи мониторинги экологӣ, иттилоот ва қабули қарори сиёсӣ, ки дар ИҶШС мавҷуд буд, аз байн рафта, заминаи меъёрию методии фаъолияти ҳифзи муҳити зист дар давлатҳо – ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бо ташаккули қонунгузории миллӣ торафт бештар фарқ мекунад. Ин ба номувофиқатии маълумотҳои мониторинги муҳити зист оварда мерасонад ва

[82] Ниг.: Раҷабов С.А., Ҷабборов Ф.Н. Масоили актуалии ҳуқуқи байналмилалии об. Монография. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – С. 139.
[83] Ниг.: Гуреев С.А., Тарасова И.Н. Международное речное право. Учебное пособие. – М., 2004. – С. 174.

воқеияти расмиёти арзёбии таъсири фаъолияти хоҷагиро ба ҳолати дарёҳои фаромарзӣ коҳиш медиҳад[84].

Вобаста ба ин, нақш ва аҳаммияти механизмҳои ҳуқуқии байналмиллалии танзими ҳифзи обҳои байналмилалӣ аз ифлосшавӣ меафзояд. Ҳоло дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар ин соҳа як катор созишномаҳо ба имзо расидаанд ва амал мекунанд. Созишномаи байналмилалии калидие, ки масъалаҳои истифода ва ҳифзи ҳавзаи дарёҳои Сирдарё, Амударё ва дигар обҳои фаромарзии минтақаро ба танзим медарорад, Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии муштараки истифода ва ҳифзи захираҳои оби манбаъҳои байнидавлатӣ» (18 феврали соли 1992 дар Алмаато ба имзо расид) мебошад.

Тибқи моддаи 3 Созишномаи Алмаато «Ҳар яке аз Тарафҳои иштирокчии Созишнома уҳдадор мешавад, ки дар қаламрави худ ба амалҳое роҳ надиҳад, ки ба манфиатҳои Тарафҳои дигар дахл доранд ва метавонанд ба онҳо зарар расонанд, боиси тағйир ёфтани арзишҳои мувофиқашудаи сарфи об ва ифлосшавии манбаъҳои об гарданд»[85].

Дар асоси ҳамин созишнома Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии хоҷагии об таъсис дода шуд, ки мақсадаш муайян кардани сиёсати хоҷагии об дар минтақа, кор карда баромадани самтҳои он бо назардошти талаботи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, истифодаи комплексӣ ва оқилонаи захираҳои об, ҳар сол дар ҳар як ҷумҳурӣ ва умуман дар минтақа тартиб додан ва тасдиқ намудани меъёрҳои сарфи об, муайян намудани тартиби кории дахлдори ба кор андохтани обанборҳо ва ғайра мебошад.

11 сентябри соли 1998 дар шаҳри Москва байни Белорусия, Қазоқистон, Русия ва Тоҷикистон Созишнома дар бораи Принсипҳои асосии ҳамкорӣ дар

---

[84] Ниг.: Некотенева М.В. Правовые проблемы использования международных водотоков: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – С. 159-160.

[85] Соглашение между Республикой Казахстан, Республикой Кыргызстан, Республикой Узбекистан, Республикой Таджикистан и Туркменистаном о сотрудничестве в сфере совместного управления использованием и охраной водных ресурсов межгосударственных источников от 18 февраля 1992 г. // Юридический сборник №3 (апрелӣ 1998). – Ташкент: НИИЦ МКВК, 1998. – С. 7-10.

соҳаи истифодаи оқилона ва ҳифзи объектҳои обҳои фаромарзӣ ба имзо расид. Мутобиқи Созишномаи мазкур тарафҳо уҳдадор мешаванд:

– фаъолияти хоҷагии обро, ки метавонад ба муҳити зист, аз ҷумла объектҳои об таъсири манфӣ расонад, анҷом надиҳанд;

– принсипҳои ҳамкориро оид ба мубодилаи мунтазами ахбор ва пешгӯиҳо оид ба мониторинги радиоэкологӣ, гидрохимия ва гидрометеорологияи объектҳои об муқаррар менамоянд, ҳаҷм, барнома ва усулҳои ченкунӣ, мушоҳида ва коркарди натиҷаҳои онҳоро, инчунин маҳал ва муҳлати гузаронидани чорабиниҳоро муайян менамоянд;

– барои пешгирӣ ё рафъи ифлосшавӣ ё камшавии обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои дахлдори тозакунӣ, безараргардонии обҳои корез ё дигар обҳои ифлосшуда, ки метавонанд ба объектҳои об ворид шаванд, чораҳо андешанд;

– дар объектҳои об оид ба кам кардан ва рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ тадбирҳо андешанд;

– дар асоси методи ягона зарари ба объектҳои обии давлати ҳамсоя расидаро, ки бо истифодабарии онҳо вобаста аст, ҳисоб кунанд[86].

Белорусия, Қазоқистон, Руссия ва Тоҷикистон ҳамчунин ба мувофиқа расиданд, ки ҷиҳати таҳияи муштараки нақшаҳои комплексии ҳифзи объектҳои об аз ифлосшавию камшавӣ, амалигардонӣ ва ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ ҷиҳати таҳияи пешгӯиҳои дарозмуддати ҳолати объектҳои об, гузаронидани машваратҳои байниҳамдигарӣ ҳангоми таҳияи чорабиниҳои ҳифзи об ва расонидани ёрӣ ба якдигар дар амалишавии онҳо, мубодилаи ахбор намудан оид ба масъалаҳои ба Созишнома дахлдошта тадбирҳои зарурӣ андешанд. Ҷонибҳо ҳамчунин ба мувофиқа расиданд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии худро оид ба истифода ва ҳифзи объектҳои об ба ҳам наздик намоянд.

---

[86] Соглашение об основных принципах взаимодействия в области рационального использования и охраны трансграничных водных объектов государств-участников СНГ от 11 сентября 1998 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=4624 (санаи муроҷиат: 29.06.2024).

17 июли соли 1998 дар Рим Конфронси дипломатии намояндагони ваколатдор таҳти сарпарастии СММ баргузор гардид, ки дар он Статути римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ қабул карда шуд. Суди мазкур ҳамчун як мақоми доимӣ таъсис дода шудааст ва салоҳияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсонеро дорад, ки ҷиноятҳои вазнинтаринро содир кардаанду ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш меорад. Дар ин маврид сухан фақат дар бораи он ҷиноятҳое меравад, ки дар Статут номбар шудаанд. Ба чунин ҷиноятҳо дохил мешаванд: таҷовуз (аз ҷумла ҷанги таҷовузкорона), генотсид, ҷиноятҳо ба муқобили инсоният, ҷиноятҳои ҳарбӣ. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Суди байналмилалии ҷиноятӣ соли 2000 шомил гардидааст.

Мо чунин мешуморем, ки дар оянда доираи салоҳияти Суди байналмилалии ҷиноятиро нисбат ба ҷиноятҳои зидди муҳити зист васеъ кардан дуруст мебуд. Экосид ҷинояти байналмилалӣ буда, бар зидди тамоми инсоният нигаронида шудааст. Ин ҷиноят шароити муътадили ҳаёти одамонро вайрон мекунад. Экотсид – маҳви оммавии олами наботот ё ҳайвонот, заҳролудкунии атмосфера ё захираҳои об, инчунин анҷоми кирдорҳои дигаре мебошад, ки фалокати экологиро ба вуҷуд оварда метавонанд. Аз рӯйи талаботи моддаи 400 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон экотсид ҷинояти махсусан вазнин буда, барои содир кардани он ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз понздаҳ то бист сол татбиқ карда мешавад. Дар қонуни ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ низ экотсид ҷинояти махсусан вазнин ба ҳисоб меравад. Васеъ кардани салоҳияти Суди байналмилалии ҷиноятӣ нисбат ба ин ҷиноят ба идеяи рушди ҳамкории байналмилалӣ дар масъалаи ҳифзи муҳити зист мувофиқ хоҳад буд. Зеро аз як тараф экотсид ҷинояти байналмилалӣ буда, ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид эҷод мекунад ва зарари аз он бамиёномада сарҳадро намедонад, аз тарафи дигар агар давлат натавонад ё нахоҳад, ки шахси ҷинояткорро ба ҷавобгарӣ кашад, ин ҷиноят бе ҷазо мемонад. Салоҳияти Суди байналмилалии ҷиноятӣ низ ҳамон вақт ҷой дорад, ки агар давлат натавонад ё нахоҳад шахсро ба

ҷавобгарии ҷиноятӣ кашад. Вагарна худи давлат ҷиноятҳои дар Суди байналмилалии ҷиноятӣ баррасишавандаро таъқиб мекунад, яъне дар ҳолати содир шудани ҷиноятҳои дар Статути римӣ муқарраршуда бартарият ба судҳои миллӣ дода мешавад.

Бо рушди босуръати ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи табиат зарурияти мураттаб сохтани ин меъёрҳо ба миён омад. Соли 1995 намояндагони Комиссияи ҳуқуқи экологии Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат ва захираҳои табиӣ ва Шурои байналмиллалии ҳуқуқи ҳифзи табиат кӯшиш карданд, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии муҳити зистро кодификатсия кунанд ва дар натиҷаи кори онҳо лоиҳаи Паймони байналмилалӣ оид ба муҳити зист ва рушд таҳия карда шуд. Ин санад дар Конгресси СММ оид ба ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ баҳои баланд гирифт.

Дар оянда пешниҳод карда мешавад, ки он мукаммал карда шавад ва ба вай мақоми санади меъёрии ҳуқуқи байналмилалӣ дода шавад, ки қувваи ҳатмӣ дошта бошад[87].

Мо чунин андеша дорем, ки дар оянда қабул намудани санади ҳуқуқии байналмилалӣ дар рушди ҳифзи ҳуқуқӣ - ҷиноятии об ва захираҳои табиӣ зарур аст. Намунаи чунин санади меъёрӣ созишномаҳои аллакай қабулшуда дар самти мубориза бо савдои маводи мухаддир, терроризм, генотсид, агрессия ва ғайра мебошад, ки дар доираи ҳамоҳангии шартномавӣ-ҳуқуқии мубориза бо ҷинояткорӣ қабул гардида, ба манфиати якчанд давлатҳо дахл доранд.

Дар Конгресси IX СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва муносибат бо ҷинояткорон, ки соли 1995 гузаронида шуда буд, таъкид гардид, ки ҷиноятҳои экологии дорои хусусияти фаромиллӣ аз рӯйи хатари худ дар байни дигар ҷиноятҳо дар ҷойи аввал гузошта мешаванд. Аз ин лиҳоз, қонуни ҷиноятӣ дар

[87] Ниг.: Колбасов О. Экологическое право в общемировом контексте / О. Колбасов // Экология и жизнь. – 1999. – №1. – С. 33.

иҷрои функсияҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба ҳифзи муҳити зист нақши муҳим дорад[88].

Қадами навбатӣ дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи об – ин 4 ноябри соли 1998 дар ш. Страсбург ба имзо расидани Конвенсия оид ба ҳифзи муҳити зист тавассути қонунгузории ҷиноятӣ мебошад, ки мақсадаш бурдани сиёсати созишона дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ буд, ки ба самти ҳифзи муҳити зист ва об аз ифлосшавӣ низ равона гардида буд. Дар заминаи ҳамгироии ҳуқуқи байналмилалӣ, аз ҷумла дар соҳаи қонунгузории ҷиноятӣ, Конвенсияи мазкур аҳаммияти бузург дорад. Асоси онро ҳалли масъалаҳои вобаста ба танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои навъҳои гуногуни ифлосшавии муҳити зист ташкил медиҳад. Ҳоло ин санади ҳуқуқии байналмилалӣ ба қувваи амал надаромадааст. Дарояндаи наздик, ки мушкилоти норасоии захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои об дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон шиддат меёбад, таваҷҷуҳи давлатҳо ба қабули ин конвенсия зиёд хоҳад шуд. Конвенсия мазкур механизми ҳуқуқии байналмилалиест, ки ҳамкории давлатҳоро дар мубориза бо ҷиноятҳои экологӣ мустаҳкам менамояд.

Тибқи моддаи 2 Конвенсия «Ҳар як ҷониб мувофиқи қонунгузории миллӣ барои ҳамчун ҷиноят бандубаст кардани кирдорҳои зерин чораҳои зарурӣ меандешад:

а) рехтан, партофтан ё сардиҳии моддаҳо ё радиатсияи ионизатсиякунанда ба ҳаво, хок ё об, ки :

– боиси марг ё зарари ҷисмонии инсон мегардад;

– барои фарорасии марг ё зарари ҷисмонии инсон хатари ҷиддӣ меорад;

б) ғайриқонунӣ ихроҷ кардан, ба ҳаво, хок ё об партофтани моддаҳо ё радиатсияи ионизатсиякунанда, ки ба ҳавои атмосфера, об ё хок таъсири зараровар расонида, ба ҳаёт ё саломатии инсон ё ҳолати муҳофизатшавандаи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, дигар объектҳои муҳофизатшаванда, молу мулк, ҳаёт ё саломатии ҳайвонот, растаниҳо таҳдид мекунад;

[88] Ниг.: Постатейный комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. В.М. Лебедев. 5-е изд., доп. и испр. – М.: Юрайт-Издат, 2005. – С. 243.

в) ғайриқонунӣ интиқол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, содирот ё воридоти партовҳои хатарноке, ки боиси марг ё расонидани зарари ҷиддӣ ба саломатии дилхоҳ инсон мегардад ё метавонад ба ҳаво, хок, об таъсири зараровар расонад ё боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба ҳаёт ё саломатии ҳайвонот, растаниҳо гардад;

г) фаъолияти истеҳсолии ғайриқонунӣ бо иҷрои амалиёти хатарнок, ки боиси марг ё зарари ҷиддӣ ба саломатии инсон мегардад ё метавонад ба ҳавои атмосфера, хок, об таъсири зараровар расонад, ба ҳаёт ё саломатии ҳайвонот, растаниҳо зарари ҷиддӣ расонад;

д) ғайриқонунӣ истеҳсол, ба муомилот баровардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, содирот ё воридоти моддаҳои ҳастаӣ ё дигар моддаҳои радиоактивии зараровар, ки метавонад боиси марги инсон ё расонидани зарари ҷиддӣ ба саломатии ӯ гардад ё ба сифати ҳаво, хок, об, ҳаёт ва саломатии ҳайвонот, растаниҳо зарари ҷиддӣ расонанд, агар ин гуна кирдорҳо дидаю дониста содир шуда бошад.

Ҳар як ҷониб мувофиқи қонунгузории миллии худ, барои бандубаст шудани кирдорҳои болозикр ҳамчун ҷиноят чораҳои зарурӣ меандешад»[89].

Бояд гуфт, ки дар байни принсипҳои ҳифзи ҳуқуқи байнидавлатии муҳити зист ҷавобгарии байналмиллалӣ барои нигаҳдории он яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, истинодҳои давлат ба қонунҳо ва қоидаҳои миллӣ барои асосноккунии расонидани зарар ба муҳити зист қобили қабул нест. Истинодҳо ба надонистани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ё тафсир ва татбиқи нодурусти онҳо низ қобили қабул нест. Дар баробари ин таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди ифлосшавии об нишон медиҳад, ки ҳамкории давлатҳо дар ин самт аксар вақт танҳо хусусияти эъломиявӣ дорад. Танҳо якчанд конвенсияҳо, шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ ин ё он чораи ҷавобгариро пешбинӣ мекунанд. Чун қоида, дар онҳо барои вайрон кардани меъёрҳои ҳифзи табиат санксияҳои

[89] Конвенция о защите окружающей среды посредством уголовного законодательства от 4 ноября 1998 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://rm.coe.int/168007f58b (санаи муроҷиат: 29.06.2024).

мушаххас муқаррар намекунанд, аксар вақт чораҳои ҷавобгарӣ хусусияти ҳуқуқии маданӣ доранд.

Барои рафъи хусусияти эъломиявӣ доштани меъёри созишномаҳои байналмилалӣ ба фикри мо дар сатҳи байналмилалӣ кори кодификатсияи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии экологӣ, криминализатсияи байналмилалӣ-ҳуқуқии таҷовузҳои хавфнок ба амнияти экологиро давом додан лозим аст. Ба миён гузоштани масъалаи таъсиси суди байналмилалии экологиро дуруст мешуморем. Дар дохили он ташкил кардани сохтор оид ба баррасии ҷиноятҳои экологӣ, хусусан ифлос намудани обро зарур мешуморем.

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсоне, ки дар ҳудуди як давлат ҷинояти ифлос намудани обро содир намудаанду оқибати ин ҷиноят ба давлати ҳамсоя мерасад, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ диққатро ба худ чалб мекунад.

Моддаи 15 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаеро муқаррар кардааст, ки мувофиқи он шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимоистиқоматнакунанда барои ҷинояти берун аз ҳудуди Тоҷикистон содир кардааш мутобиқи ҳамин Кодекс ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, агар ӯ ҷинояте содир карда бошад, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалии аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофкардашуда пешбинӣ кардаанд ё ин ки бар зидди шаҳрвандони Тоҷикистон ё манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти вазнин ё ҷинояти махсусан вазнин содир карда бошад. Шарти истифодаи ин қоида он аст, ки бояд шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимо истиқоматнакунанда барои содир намудани ин ҷиноят дар давлати дигар маҳкум нашуда бошад.

Аз ин рӯ, шартҳои мувофиқи КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шаҳрвандони хориҷӣ барои ифлоскунии объекти оби фаромарзӣ, ки зарари он дар қаламрави Тоҷикистон зоҳир шудааст, инҳоянд:

– ҷиноят бар зидди шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст;

– дар ҳолатҳое ки тибқи шартномаҳои байналмилалииии эътирофнамудаи Тоҷикистон онҳо ҳамчун ҷиноят пешбинӣ шуда бошанд;

– агар барои ин кирдор дар давлати хориҷӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашуда бошанд.

Чунин ба назар мерасад, ки ибораи «бар зидди шаҳрвандони Тоҷикистон ё манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти вазнин ё ҷинояти махсусан вазнин содир карда бошад» нишон медиҳад, ки ин ҷиноят бояд қасдан содир карда шавад. Аз ин рӯ, агар ифлосшавии объекти обии фаромарзӣ аз беэҳтиётӣ дар қаламрави давлати ҳамсоя содир шуда бошад ва оқибатҳои зараровар дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён оянд, шахсони содиркунандаи он тибқи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд.

Таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлосшавии об нишон дод, ки дар айни замон зиёда аз 1600 шартнома, созишнома, конвенсияҳои байналмилалии универсалӣ ва минтақавӣ ва зиёда аз 3000 созишномаи дуҷониба мавҷуд аст, ки пурра ва ё қисман ба ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла ҳифзи об бахшида шудаанд. Дар баробари ин, қонунгузорӣ оид ба ин масъалаҳо дар ду самт инкишоф меёбад. Аз як тараф, қонунгузории экологӣ ва ҷиноятӣ кодификация карда, меъёрҳое эҷод карда мешаванд, ки зуҳуроти хатарноктарини ифлосшавиро криминализатсия намуда, онҳоро ҳамчун ҷиноятҳои байналмилалӣ муқаррар мекунанд. Дар ин самт инчунин барои таъсиси мақомоти судии байналмилалии экологӣ, ки ба салоҳияти он пешбурди парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои байналмилалии экологӣ дохил мешавад, кӯшиш карда мешавад. Аз тарафи дигар, меъёрҳое вуҷуд доранд, ки давлатҳои иштирокчии ин созишномаҳоро вазифадор мекунанд то қонунҳои ҷиноятии миллиро ба стандартҳои муайяни байналмилалӣ мувофиқ кунанд. Дар баробари ин, проблемаи таҳияи стандартҳои умумии сиёсати байналмилалии экологӣ, аз ҷумла оид ба ҷавобгарии байналмилалӣ барои ифлосшавии об масъалаи мубрам боқӣ мемонад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки на танҳо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳифзи ҳуқуқии обро ба роҳ мондаанд, инчунин як қатор қонунҳои

дохилидавлатӣ, аз ҷумла Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» обро ҳамчун манбаи ҳаёт мавриди ҳифз қарор додаанд.

Масалан, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон «**ҳифзи объектҳои об**» гуфта, маҷмуи чорабиниҳоро дар назар дорад, ки ба ҳифз, нигоҳдорӣ ва барқарорсозии объектҳои об нигаронида шудаанд. Ҳифзи объектҳои об аз ифлосшавӣ, олудашавӣ ва коҳишёбӣ, пешгирӣ ва бартараф намудани таъсири зараровари об, беҳтар намудани вазъи объектҳои об яке аз вазифаҳои муҳими қонунгузории оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Аз таҳияи ин қисмати таҳқиқот чунин хулоса баровардан мумкин аст:

– дар нимаи дуюми асри ХХ бо рушд ёфтани илму техника мамлакатҳои ҷаҳон кӯшиш намуданд, ки аз ҳисоби аз худ намудани захираҳои табиӣ соҳаи иқтисодиёташонро баланд бардоранд, аммо чунин амалҳо ба норасоии захираҳои об ва дигар боигариҳои табиӣ оварда расонд. Аз ин рӯ масъалаи ҳифзи ҳуқуқии байналмилалии муҳити зист, аз ҷумла объектҳои об ба миён омад. Тадриҷан консепсияи рушди устувор таҳия гардида, давлатҳоро водор сохт, ки на танҳо захираҳои обро истифода баранд, балки баҳри барқарор гардидани онҳо, пешгирии оқибатҳои гармшавии иқлим, шароити мусоиди зиндагӣ фароҳам овардан ба наслҳои оянда тадбирҳои зарурӣ андешанд. Аз ин рӯ, дар арсаи байналмилалӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалие қабул гардиданд, ки давлатҳоро уҳдадор мекунанд, то ба ифлосшавии об роҳ надиҳанд, ҳангоми истифодаи об ба якдигар зарари ҷиддӣ нарасонанд, дар қонунгузории миллӣ барои ифлос кардани об ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ намоянд;

– санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки баҳри пешгирии ифлосшавии об қабул шудаанд, аз рӯйи хусусияти уҳдадоркунанда доштанашон ба чунин гуруҳ ҷудо кардан мумкин аст: а) санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба давлатҳои аъзо уҳдадориҳои байналмилалӣ вогузор мекунанд ва Тоҷикистон аъзои он мебошад (масалан, Созишнома дар бораи Принсипҳои асосии

ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи оқилона ва ҳифзи объектҳои обҳои фаромарзӣ, Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии муштараки истифода ва ҳифзи захираҳои оби манбаъҳои байнидавлатӣ»); б) санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба давлатҳои аъзо уҳдадориҳои байналмилалӣ вогузор мекунанду, аммо Тоҷикистон аъзои он намебошад (масалан, Конвенсияи Комиссияи иқисодии Аврупоии СММ (Конвенсяи Ҳелсинки) оид ба ҳифз ва истифодаи обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ) в) Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии амалкунанда, ки ба давлатҳо уҳдадориҳои мушаххас вогузор накарда, танҳо хусусияти тавсиявӣ доранд (Қоидаҳои истифодаи обҳои дарёҳои байналмилалӣ (Қоидаҳои Ҳелсинки), Эъломияи Конференсияи СММ оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зисти инсон (Эъломияи Стокголм)); г) санадҳои ҳуқуқии байналмилалии уҳдадоркунанда ё тавсиявие, ки ҳоло ба қувваи амал надаромадаанд (Конвенсия оид ба ҳифзи муҳити зист тавассути қонунгузории ҷиноятӣ).

Меъёрҳои он санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба давлатҳои аъзо уҳдадориҳои байналмилалӣ вогузор мекунанду, аммо Тоҷикистон онҳоро эътироф накардааст, барои ин мамлакат хусусияти тавсиявӣ доранд. Аммо агар дар ин санадҳо меъёрҳое, мавҷуд бошанд, ки аз одатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ иборатанд, давлати аъзои санади ҳуқуқии байналмилалӣ набуда, уҳдадор аст ин қисмати санадро ҳамчун одати ҳуқуқии байналмилалӣ риоя намояд.

– дар таҳияи меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки баҳри мубориза бо ифлос кардани об нигаронида шудаанд, саҳми ҷомеаи илмӣ, созмонҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ, аз ҷумла Институти ҳуқуқи байналмилалӣ ва Ассотстатсияи ҳуқуқи байналмилалӣ калон аст. Зеро дар аввал онҳо принсипҳо ва меъёрҳои одатии ҳуқуқи байналмилалиро дар санадҳои худ муттаҳид намуданду баъдан бо назардошти онҳо давлатҳо дар шартномаҳои байналмилалӣ ин меъёрҳоро муқаррар намудаанд.

## 1.3. Таҳлили муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об дар кишварҳои пасошуравӣ

Кодекси ҷиноятии моделии давлатҳои аъзои ИДМ бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ аз 17 феврали соли 1996 қабул карда шудааст[90]. Кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои ИДМ баъдан дар асоси Кодекси мазкур қабул шудаанд. Аз ҷумла, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон, ки 21 майи соли 1998 дар асоси Кодекси ҷиноятии моделӣ қабул гардид[91].

Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ аз сабаби солҳои зиёд дар доираи як давлат – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ қарор доштанашон хусусиятҳои ба ҳам монанд дошта, бисёре аз принсипҳо ва асосҳои хоси қонунгузории давраи шуравиро нигоҳ доштаанд.

Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки бисёр моддаҳои КҶ ҶТ (1998) ба Кодекси ҷиноятии моделӣ монанд аст. Ҳамчунин қайд кардан зарур аст, ки Кодекси ҷиноятии моделӣ ҳамчун санади қонунгузории тавсиявӣ қабул карда шуда буд.

Кодекси ҷиноятии моделӣ ҷинояти «Ифлос намудани об»-ро муқаррар намуда, онро ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист шомил намудааст.

Тибқи қ. 1 м. 222 Кодекси ҷиноятии моделӣ «Ифлос кардан, олуда кардан, кам кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои таъминоти оби нӯшокӣ ё дигар тағйироти хосиятҳои табиии онҳо, агар ин кирдор қасдан ё аз беэҳтиётӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё хоҷагии қишлоқ зарари ҷиддӣ расонида бошад», Кодекси ҷиноятии моделӣ ин ҷиноятро ба категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна дохил мекунад.

---

[90] Модельный Уголовный Кодекс для государств-участников Содружества Независимых Государств [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.icrc.org/ru/doc/resources/documents/misc/ihl-nat-3.htm (санаи муроҷиат: 02.10.2023).

[91] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Точикистон аз 21 майи соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – Мод. 68.

Ҷинояти ифлос кардани об дар КҶ ФР[92] дар боби «Ҷиноятҳои экологӣ», дар м.250 КҶ ҷойгир гардида, диспозитсияи моддаи мазкур айнан бо монанди қ.1 м.222 Кодекси ҷиноятии моделӣ сохта шудааст. Моддаи мазкур аз се қисм иборат буда, ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об дар қ.қ. 2, 3 муқаррар шудаанд, яъне агар кирдорҳои мазкур боиси расонидани зарар ба саломатии одамон ё боиси муромурии саросари ҳайвонот, инчунин дар дар минтақаҳои мамнуъгоҳҳо ё парваришгоҳ ё дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулоддаи экологӣ содир шуда бошад (қ.2 м.250 КҶ ФР); аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон шуда бошад (қ.3 м.250 КҶ ФР).

Ҳамин тавр, дар фарқият аз м.226 КҶ ҶТ дар м.250 КҶ ФР расонидани зарари ҷиддӣ ба сифати аломати ҳатмии таркибии асосии ҷинояти ифлос кардани об баромад менамояд, яъне бе расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об ба вуҷуд намеояд.

Дар КҶ Озарбойҷон[93] таркиби ҷинояти ифлос кардани об дар боби «Ҷиноятҳои экологӣ» дар м.250 КҶ муқаррар карда шудааст. Моддаи мазкур «Ифлос кардани об (манбаъҳои обҳо)» номгузорӣ шуда, он аз се қисм иборат мебошад. Дар қ.1 м.250 таркиби ифлос кардани об (манбаъҳои обҳо) чунин муайян шудааст: ифлос кардан, кам кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ ё ба таври дигар тағйир додани хусусиятҳои табиии онҳо, агар чунин кирдорҳо боиси расондани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ ва дигар захираҳои биологии об, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ гардида бошад».

Ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷинояти мазкур бо ҳолатҳои дар М.250 КҶ ФР мустаҳакамшуда монанд мебошанд.

---

[92] Уголовный кодекс Российской Федерации от 13 июня 1996 года, №63-ФЗ (с изменениями и дополнениями по состоянию на 01.07.2024 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30397073&doc_id2=30397073#pos=66;-94&pos2=3291;-80 (санаи муроҷиат: 02.10.2023).

[93] Уголовный кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 30 декабря 1999 года, №787-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 30.12.2023 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30420353&doc_id2=30420353#activate_doc=2&pos=349;-86&pos2=3115;-96 (санаи муроҷиат: 02.10.2023).

Ҷинояти ифлос кардани об дар КҶ Арманистон[94] дар боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти муҳити зист» мустаҳкам шудааст. Хусусияти фарққунандаи КҶ Арманистон дар самти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об дар он аст, ки ҷавобгарӣ барои чунин кирдорҳо дар ду модда муқаррар мешавад. Дар м.375 КҶ Арманистон ифлос кардани об ҳамчун «ифлос кардан, партовкунӣ, олуда сохтан, кам кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, ки хусусияти табиӣ ё сунъӣ доранд, тағйир додани хусусиятҳои табиии онҳо, шакли дигари тағйири таркиби сифатии онҳо, кам кардани захираҳои обӣ, ки ин ба миқдори калон зарари молумулкӣ расонида бошад, ифлос кардаи об бо моддаҳои радиоактивӣ, химиявӣ, биологӣ ё моддаҳо, партовҳои дигари хавфнок ё ба захираҳои обӣ расонидани зарари дигари ҷиддӣ».

Чи тавре маълум мешавад КҶ Арманистон (м.375) фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятиро барои ифлос кардани об оқибатҳои ин ҷиноят, яъне ба миқдори калон зарари молумулкӣ расонидан ё расонидани зарари дигари ҷиддӣ вобаста намудааст. Вале ифлос намудани об, агар тавассути моддаҳои радиоактивӣ, химиявӣ, биологӣ ё моддаҳо ё партовҳои дигари хавфнок сурат гирифта бошад, ҷавобгарӣ новобаста аз оқибати он фаро мерасад.

Ба андешаи мо чунин мавқеи қонунгузории Арманистон дуруст буда, он мумкин аст барои такмил додани м.226 КҶ ҶТ истифода шавад. Зеро усули мазкури ифлос кардани об хавфнокии бештар дошта, он метавонад боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои вазнин гардад. Бинобар ин пешниҳод мешавад, ки дар қ.1 м.226 КҶ ҶТ бори аввал низ ифлос кардани об бо моддаҳои радиоактивӣ, химиявӣ, биологӣ, ё моддаҳо ё партовҳои дигари хавфнок криминализатсия карда шавад.

Тарафи субъективии ҷинояти м.375 КҶ Арманистон танҳо бо гуноҳ дар шакли қасд тавсиф мегардад.

---

[94] Уголовный кодекс Республики Армения от 05.05.2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://docs.yandex.ru/docs/view?tm=1719557022&tld=ru&lang=ru&name=27052021HO199_rus.pdf (санаи муроҷиат: 02.06.2024).

Аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ҳангоми ифлос кардани об ҳамчун ҷинояти мустақил дар м.376 КҶ Арманистон муқаррар шудааст, ки мутобиқи он ифлос кардани об, агар дар натиҷаи он аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон зарари вазнин ё зарари миёна ё зиёни молумулкӣ ба андозаи калон ё зарари дигари ҷиддӣ ба хоҷагии қишлоқ, иншоотҳо, арзишҳои маданӣ, олами набототу ҳайвонот ё захираҳои онҳо, ба замин ё обҳо, ё аз беэҳтиётӣ оқибати дигари вазнин фаро расида бошад.

Дар КҶ Арманистон ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об ҳолатҳои зерин муқаррар шудаанд: содир шудани чунин кирдор дар ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшаванда ё минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулоддаи экологӣ; бо об таъмин намудани аҳолиро имконнопазир мегардонад ё аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон шуда бошад (қ.2 м.376 КҶ Арманистон).

Дар моддаҳои алоҳида муқаррар гаштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об вобаста ба шакли гуноҳ дар КҶ Арманистон асоснок ҳисоб мешавад. Зеро м.226 КҶ ҶТ, М.250 КҶ ФР ва давлатҳои дигари пасошуравӣ шакли гуноҳ мушаххас нишон дода нашудааст, ки ин боиси ба вуҷуд омадани гуногунфаҳмии он дар амалия шуда метавонад.

Ғайр аз ин ба таври алоҳида муқаррар намудани таркиби ин ҷиноят вобаста ба шакли гуноҳ ба принсипи фардикунонидани ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон ифлос кардани об дар боби «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист» мустаҳкам шудааст.

КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон[95] мазмуни ҷинояти ифлос кардани обро ба таври тамоман дигар овардааст.

Тибқи қ.1 м.304 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон ифлос намудани об – ин «Бо обҳои партов, партовҳои истеҳсолӣ, маишӣ ва дигар намудҳои партовҳо, инчунин бо истифодаи олоти манъшуда барои сайд кардани моҳӣ ва

[95] Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36675065 (санаи муроҷиат: 02.07.2024).

ҳайвоноти обӣ ифлос ё олуда намудани махзани об (обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ), ки боиси аз беэҳтиётӣ расонидани зарари ҷиддӣ гардидааст»[96].

Моддаи мазкури КҶ Қирғизистон доири ҳифзи обро маҳдуд намудааст, зеро танҳо ифлосу олуда кардани махзани обро дар назар дорад.

Агар ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон[97] назар афканем, дида мешавад, ки объекти об ду гурӯҳи обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминиро дар бар мегиранд: махзани об ва обрав (м.1 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Махзани об – ҷамъшавии доимӣ ё муваққатии обҳои рукуд ё бо маҷрои ками об дар ҷойҳои табиӣ ё сунъӣ меошад. Ба махзани об кӯлҳо, обанборҳо, ҳавзҳо ва ғайра дохил мешаванд.

Обрав бошад, мафҳуми умумии объектҳои об бо ҳаракати об ба самти нишеб мебошад. Обрав обҳои равони рӯйизаминӣ ва зеризаминиро дар бар мегирад. Ба обрав дарёҳо, каналҳо, рӯдҳо ва обҳои зеризаминӣ дохил мешаванд.

Аз ин рӯ, дар қонуни ҷиноятии Қирғизистон истифода шудани истилоҳи «махзани об» асоснок ба ҳисоб намеравад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки агар он боиси расонидани зарари ҷиддӣ шуда бошад.

Дар м.304 КҶ Қирғизистон тарафи субъективии ҷинояти мазкур мушаххас нишон дода шуда, он бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ тавсиф мегардад.

Ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об танҳо аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин нишон дода шудааст (қ.2 м.304 КҶ Қирғизистон). Ба зарари вазнин мутобиқи мазмуни ибораҳои дар Кодекси мазкур истифодашаванда: расонидани зарари вазнин ба саломатии як, инчунин ду ё зиёда шахсон, аз ҷумла дар натиҷаи бемориҳои оммавӣ(эпидемия), сироят кардан, заҳролуд шудан; фаро расидани офатҳои техногенӣ, офатҳои экологӣ ё вазъияти фавқулоддаи экологӣ, расонидани

[96] Уголовный Кодекс Кыргызской Республики от 28 октября 2021 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=36675065 (санаи муроҷиат: 02. 07.2024).

[97] Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри 2000, №34 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/кодекси-оби-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 30.04.2024).

зарари калон ё махсусан калон, аз ҷумла нобудшавии саросари ҳайвонот ё растаниҳо ва ғайра фаҳмида мешавад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон[98] ҷинояти ифлос кардани об дар боби «Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятии экологӣ» ҷойгир шудааст.

Моддаи 328 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон «Ифлос кардан, олуда сохтан ва кам кардани об» ном дошта, ифлосшавӣ, олудашавӣ, камшавии обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, пиряххо, манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ё дигар тағйироти хосиятҳои табиии онҳоро ҷиноят мешуморад, агар ин боиси расонидани зарари ҷиддӣ ё метавонист боиси чунин зарар гарадад ё расонидани зарар ба саломатии инсон гардида бошад.

Барои фаро расидани ҷавобгарии ҷинояти м.328 КҶ Қазоқистон аз як тараф ҷой доштани зарари ҷиддӣ ё расонидани зарар ба саломатии инсонро талаб мекунад. Вале аз мазмуни модда бармеояд, ки ҳатман ҷой доштани зарари ҷиддӣ талаб намешавад, яъне агар ифлос кардани об танҳо боиси ба вуҷуд омада тавонистани чунин зарар ҳисоб шавад, ҷавобгарӣ новобаста аз воқеан фаро расидан ё нарасидани чунин оқибат ба миён меояд.

Хусусияти фарққунандаи ин ҷиноят дар қонуни ҷиноятии Қазоқистон дар он аст, ки вай дар баробари расонидани зарари ҷиддӣ аз кирдорҳои ҷиноятӣ расидани зарар ба саломатии инсонро низ номбар мекунад.

Ғайр аз ин, дар фарқият аз м.226 КҶ ҶТ дар м.328 КҶ Қазоқистон ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об расонидани зарар ба миқдори калон ва махсусан калон нишон дода шудааст, ки бештар ба принсипи фардикунонидани ҷавобгарӣ мувофиқат менамояд. Зарар ба миқдори калон ифодаи арзишии хароҷотҳое ҳисоб мешавад, ки барои бартараф намудани зиёни экологӣ ё барқарор намудани хусусиятҳои истеъмолии захираҳои табиӣ зарур ба андозаи зиёда аз сад ва миқдори махсусан калон зиёда аз бист ҳазор нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо ҳисоб мешавад (қ.2, 3 м.3 КҶ Қазоқистон).

---

[98] Уголовный Кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/K1400000226 (санаи муроҷиат: 01.10.2023).

Ба андешаи мо дар м. 226 КҶ ҶТ мустаҳакам намудани оқибат дар намуди расонидани зарар ба миқдори калон ё махсусан калон ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об асоснок ба ҳисоб мерафт.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова аз 18 апрели соли 2002[99] низ ҷинояти ифлос намудани обро дар моддаи 229, боби «Ҷиноятҳои экологӣ» муқаррар намуда, онро ҳамчун заҳролуд кардан ё дигар ифлосшавии обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ бо обҳои корезӣ ё партовҳои корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои саноатӣ, кишоварзӣ, коммуналӣ ва дигар корхонаҳо арзёбӣ мекунад, агар ин кирдорҳо ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё кишоварзӣ ё саломатии аҳолӣ зарари калон расонида бошад ё боиси марги одам гардида бошад.

Дар ин қонуни ҷиноятӣ истилоҳи «заҳролуд кардан» истифода мешавад, ки онро қонунгузор як навъи ифлос намудани об меҳисобад.

Ифлос кардани об мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова ҳамон вақт ҷиноят ҳисобида мешавад, ки агар ин кирдорҳо ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё кишоварзӣ ё саломатии аҳолӣ зарари калон расонида бошад ё боиси марги одам гардида бошад[100]. Аммо дар ин кодекс дар фарқият аз КҶ Қазоқистон муайян карда нашудааст, ки зарари калон чӣ қадар бошад.

Ҳамчунин, аз рӯйи ин модда маълум мегардад, ки ба ҳайси тарафи объективии ҷиноят танҳо ҳаракат номбар мегардад ва беҳаракатӣ ҳамчун шакли кирдор тарафи объективии ин ҷиноят ба ҳисоб намеравад, ҳол он ки ифлос кардани об мумкин аст ҳам тавассути ҳаракат ва ҳам беҳаракатӣ содир шавад. Дар м.229 КҶ Молдова қонунгузор таркиби мазкури ҷиноятро бидуни назардошти принсипи фарқгузорӣ бе ҷудо намудани аломатҳои вазнинкунанда дар доираи як қисм муттаҳид намудааст, ки ин асоснок ба ҳисоб намеравад.

[99] Уголовный кодекс Молдовы от 18 апреля 2002 года, №985-XV [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30394923#pos=3009;-20 (санаи муроҷиат: 02.10.2023).
[100] Уголовный кодекс Молдовы от 18 апреля 2002 года, №985-XV [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30394923#pos=3009;-20 (санаи муроҷиат: 02.10.2023).

Дар КҶ Белорус аз 9 июли соли 1999[101] ҷинояти «Ифлос ё олуда кардани об» дар боби 26 ( «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти эколоогӣ, муҳити зист ва тартиби истифодаи табиат») м. 272 пешбинӣ гардидааст.

Моддаи 272 КҶ Белорус «Ифлос ё олуда сохтани об» ном дошта, таркиби он ифлос кардан ё олуда сохтани обро дар назар дорад, ки қасдан ё аз беэҳтиётӣ боиси ба миқдори калон расонидани зарар гардидааст ё қасдан ифлос ё олуда сохтани манбаъҳои бо оби нушокӣ таъминкунанда.

Дар диспозитсияи қ. 3 м. 272 КҶ Ҷумҳурии Беларус ду ҳолати вазнинкунандаи ифлос намудани об мустаҳкам шудааст:

1) ифлос кардан ё олуда кардани об, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё 2) бемории одамон гардидааст

Тааҷҷубовар он аст, ки қонуни ҷиноятии Беларус дар баъзеи дигар моддаҳои муқарраркунандаи ҷиноятҳои экологӣ эзоҳ ҷорӣ намуда, дар онҳо миқдори калон ва махсусан калонро бо «андозаи арзиши асосӣ» (Аз 1 январи соли 2022 бо Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Беларус аз 31 декабри соли 2021, № 792 «Дар бораи муқаррар намудани андозаи арзиши асосӣ» як андозаи арзиши асосӣ баробар ба 32 рубл муқаррар карда шудааст) муайян кардааст. Аммо дар моддаи ифлос ё олуда кардани об зарар ба миқдори калонро номбар карда бошад ҳам, аммо дар эзоҳ муайян накардааст, ки он чӣ қадар маблағро бар бар мегирад.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои фарққунандаи м.272 КҶ Белорус назар ба КҶ ҶТ ва дигар давлатҳои пасошуравӣ дар он аст, ки қонунгузор дар доираи як қисм таркиби ду ҷиноятро мустаҳкам намудааст: 1) Ифлос кардан ё олуда сохтани об, ки қасдан ё аз беэҳтиётӣ боиси ба миқдори калон расонидани зарар гардидааст; 2) қасдан ифлос ё олуда сохтани манбаъҳои бо оби нишокӣ таъминкунанда. Агар барои кирдори аввал ҷой доштани оқибат дар намуди расонидани зарар ба миқдори калон талаб шавад, пас барои ҷинояти дуюм, қасдан ифлос ё олуда сохтани манбаъҳои бо оби нишокӣ таъминкунанда ҷой

---

[101] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 г., №275-З 2014 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасй: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=hk9900275 (санаи муроҷиат: 03.05.2024).

доштани оқибат талаб карда намешавад. Яъне қонунгузории Белорус ба ҳифзи манбаъҳои оби нушокӣ аҳаммияти бештар дода, новобаста аз ҷой доштан ё надоштани оқибат чунин кирдорҳоро ҷиноят эътироф намудааст.

Ба андешаи мо низ чунин тарзи ҳифз намудани манбаъҳои таъминкунандаи оби нӯшокӣ асоснок ба ҳисоб рафта, он мумкин аст дар КҶ ҶТ истифода шавад. Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки барои қасдан ифлос ё олуда намудани обҳои нӯшокӣ дар КҶ ҶТ бидуни дар аввал муқаррар намудани переюдисияи маъмурӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муайян карда шавад.

Дар КҶ Украина аз 5 апрели соли 2001[102] ифлос кардани об дар фасли «Ҷиноятҳо ба муқобили муҳити зист» ҷойгир шудааст.

Дар фарқият аз дигар кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои пасошуравӣ КҶ Украина бевосита ифлос кардани об ном надошта, вайрон кардани қоидаҳои муҳофизати об ном дорад. Тибқи қ.1 м. 242 ҳамин кодекс вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи об чунин муайян шудааст: «Вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи об (объектҳои об), агар ин боиси ифлос шудани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ ва қабатҳои зеризаминӣ, манбаъҳои обҳои нӯшокӣ, шифобахш ё тағйир ёфтани хосиятҳои табиии онҳо ё коҳиш додани манбаҳои об гардида, барои ҳаёт, саломатӣ ё муҳити зист хатар эҷод намуда бошад».

Моддаи мазкур (м.242 КҶ Украина) вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи об ном дошта бошад ҳам, аммо на ҳамаи қоидавайронкуниҳоро дар соҳаи ҳифзи об дар бар мегирад, зеро дар он мушаххас нишон дода шудааст, ки ин қоидавайронкунӣ дар ҳолатҳое ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меорад, ки агар якум боиси ифлос шудани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ ва қабатҳои зеризаминӣ, манбаи обҳои нӯшокӣ, шифобахш ё тағйир ёфтани хосиятҳои табиии онҳо ё кам шудани манбаъҳои об гардида бошад ва дуюм ҳатман ба ҳаёт, саломатӣ ё муҳити зист хатар ба вуҷуд орад. Агар чунин қоидавайронкунӣ оқибатҳои вазнин ба миён наоварда бошад, вай ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҳисоб меравад.

[102] Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001 года, №2341-III [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30418109#pos=8;-145 (санаи муроҷиат: 03.05.2024).

Дар фарқият аз Кодексҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла м.226 КҶ ҶТ дар м.242 КҶ Украина ифлос кардани об на ҳамчун кирдор, балки ҳамчун оқибати ҷиноят мустаҳкам шудааст. Худи кирдор дар шакли вайрон намудани қоидаҳои ҳифзи об (объектҳои обӣ) муайян шудааст. Ба сифати оқибати ҷиноят бошад, ифлос шудани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ ва қабатҳои зеризаминӣ, манбаи обҳои нӯшокӣ, шифобахш ё тағйир ёфтани хосиятҳои табиии онҳо ё кам шудани манбаъҳои об, ба вуҷуд омадани хавф барои ҳаёт, саломатӣ ё муҳити зист баромад менамоянд.

Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки КҶ Украина нисбат ба қонунгузориҳои ҷиноятии аксар давлатҳои пасошуравӣ, ҳифзи обро бештар зери ҳимояи қонуни ҷиноятӣ қарор додааст. Зеро ифлос намудани об аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани хавф барои ҳаёт, саломатии одамон ё барои муҳити зист, новобаста аз ҷой доштани зарари воқеӣ ҷиноят эътироф мешавад.

Моддаи 196 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон[103] «Ифлос кардани муҳити зист» ном дошта, он дар боби «Ҷиноятҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи табиат» ҷойгир шудааст.

Хусусияти КҶ Ӯзбекистон дар он мебошад, ки ифлос кардан ё зарар расонидан ба замин, ифлос кардани об ё ҳавои атмосфера дар доираи м. 196 КҶ муттаҳид карда шудаанд. Дар м.196 КҶ таркиби ҷиноят чунин муайян шудааст: ифлос кардан ё зарар расонидан ба замин, ифлос кардани об ё ҳавои атмосфера, ки боиси бемории саросарии одамон, маҳви ҳайвонот, парандаҳо ё моҳӣ ё оқибатҳои дигари вазнин шуда бошад.

Ба сифати аломати вазнинкунандаи ин ҷиноят содир намудани ҳамин кирдорҳо, ки боиси марги инсон гардидааст, муқаррар шудааст.

Ҳамин тариқ, қонуни ҷиноятии Ӯзбекистон таҷовуз ба унсурҳои алоҳидаи табиатро, ба монанди ифлос кардани об, хароб кардани замин ва олуда сохтани ҳаво дар доираи як модда – «Ифлос кардани муҳити зист»муттаҳид

[103] Уголовный кодекс Республики Узбекистан (утвержден Законом Республики Узбекистан от 22 сентября 1994 года, №2012-XII) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 17.06.2024 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30421110&doc_id2=30421110#activate_doc=2&pos=273;-84&pos2=2495;-90 (санаи муроҷиат: 03.05.2024).

намуда, тарафи объективии ҷиноятро ба таври мушаххас муайян намекунад. Ҳамчунин паҳн гардидани бемории оммавии одамон, марги ҳайвонот ва парандагон, ё моҳӣ ё дигар оқибатҳои вазнинро ҳамчун оқибати содиршавии ҷиноят номбар мекунад. Аммо дар бораи расонидани зарар ба хоҷагии ҷангал ва хоҷагии қишлоқ чизе намегӯяд. Дар ҳолате ки аз ифлосшавии об хоҷагии ҷангал ва хоҷагии қишлоқ зарар мебинад, мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда метавонад онро ба шумораи «дигар оқибатҳои вазнин» дохил намояд.

Кодекси ҷиноятии Туркманистон аз 12 июни соли 1997[104] ифлос намудани обро ҳамчун ҷиноят дар моддаи 348 «Ифлос кардани об» пешбинӣ намудааст. Зери ин мафҳум ифлос кардан, олуда кардан, кам кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ё дигар тағйироти хосиятҳои табиии онҳо фаҳмида мешавад, агар ин кирдорҳо ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё кишоварзӣ зарари калон расонида бошанд.

Ҳамин тариқ, тамоми давлатҳои пасошуравӣ барои ифлос намудани об ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ менамоянд. Зеро об метавонад дар ҳолати ифлосшавӣ оқибатҳои вазнинро ба миён оварда, ба инсоният, олами набототу ҳайвонот ва муҳити зист таҳдиди воқеӣ эҷод намояд.

Таҳлили ин қисмати таҳқиқот ба мо имкон медиҳад, ки чунин хулосаҳо барорем:

1. Дар КҶ тамоми давлатҳои пасошуравӣ барои ифлос намудани об бо ин ё он тарз дар боби дарбаргирандаи ҷиноятҳои экологӣ, ки ба таври гуногун номгузорӣ шудаанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

2. Дар фарқият аз м.226 КҶ ҶТ дар м.328 КҶ Қазоқистон ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об расонидани зарар ба миқдори калон ва махсусан калон нишон дода шудааст, ки бештар ба принсипи фардикунонидани ҷавобгарӣ мувофиқат менамояд.

---

[104] Уголовный кодекс Туркменистана от 22 июня 1997 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://minjust.gov.tm/ru/hukuk/merkezi/hukuk/204 (санаи муроҷиат: 02.08.2024).

Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки дар м.226 КҶ ҶТ низ расонидани зарар ба миқдори калон ё махсусан калон ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об мустаҳкам карда шавад.

3. Дар моддаҳои алоҳида муқаррар гаштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об вобаста ба шакли гуноҳ дар КҶ Арманистон асоснок ҳисоб мешавад. Зеро м.226 КҶ ҶТ, м.250 КҶ ФР ва давлатҳои дигари пасошуравӣ (ғайр аз м.304 КҶ Қирғизистон, ки дар он тарафи субъективии ҷинояти мазкур мушаххас нишон дода шуда, он бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ тавсиф мегардад) шакли гуноҳ мушаххас нишон дода нашудааст, ки ин боиси ба вуҷуд омадани гуногунфаҳмии он дар амалия шуда метавонад.

Ғайр аз ин ба таври алоҳида муқаррар намудани таркиби ин ҷиноят вобаста ба шакли гуноҳ ба принсипи фардикунонидани ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқ мебошад.

4. Қонунгузории Белорус ба ҳифзи манбаъҳои оби нӯшокӣ аҳаммияти бештар дода, новобаста аз ҷой доштан ё надоштани оқибат чунин кирдорҳоро ҷиноят эътироф намудааст.

Ба андешаи мо низ чунин тарзи ҳифз намудани манбаъҳои таъминкунандаи оби нӯшокӣ асоснок ба ҳисоб рафта, он мумкин аст дар КҶ ҶТ истифода шавад. Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки барои қасдан ифлос ё олуда намудани обҳои нӯшокӣ дар КҶ ҶТ бидуни дар аввал муқаррар намудани переюдисияи маъмурӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад.

# БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ КИРДОРҲОЕ, КИ БА МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ОИД БА ҲИФЗИ ОБ ТАҶОВУЗ МЕКУНАНД

## 2.1. Аломатҳои объективии ҷинояти ифлос кардани об

Муайян намудани объекти ҷиноят, аз ҷумла ҷинояти ифлос намудани об аҳаммияти муҳимми назариявӣ дорад, чунки он имкон медиҳад муносибати субъективии қонунгузор ва ҷомеа ба моҳияти муносибатҳои экологӣ муайян карда шуда, аҳаммияти муносибатҳо оид ба ҳифзи табиат дар қарини дигар ҳуқуқ ва манфиатҳо муқаррар гардад. Ғайр аз ин муайян намудани объекти ҷиноят аҳаммияти муҳими амалӣ дошта, имкон медиҳад ҳангоми бандубаст ҷиноятҳои алоҳида аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.

Объекти ҷиноят аҳаммияти ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дошта, тавассути он моҳияти муносибатҳои бо қонуни ҷиноятӣ муҳофизатшаванда дарк мегардад. Маҳз тавассути объекти ҷиноят сабабҳои муқаррар шудани ин ё он меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ асоснок карда мешавад. Объекти ҷиноят ҳамчун унсури ҳатмии таркиби ҷинояти дилхоҳ барои бандубасти ҷиноятҳо нақши аввалиндараҷа дорад. Таркиби баъзе аз ҷиноятҳо аз ҳамдигар танҳо вобаста ба объекти ҷиноят фарқ мекунанд. Бинобар ин, омузиш ва таҳлил намудани таркиби ҳама гуна ҷиноят аз муайян намудани объекти кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок оғоз мегардад, ки ин ба ҷинояти дар моддаи 226 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда, низ дахл дорад. Муайян намудани моҳияти объекти ифлос намудани об ва ҷиноятҳои экологӣ дар умум имкон медиҳанд мафҳуми иборaҳои «ҷиноятҳои экологӣ» ва «амнияти экологии об» мушаххас гардонида шавад[105].

Пеш аз оғоз намудани таҳлили ҳуқуқии объекти ҷиноят, ки дар моддаи 226 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, муайян намудани худи мафҳуми объекти ҷиноятӣ зарар дониста мешавад.

[105] Ниг.: Романова Н.Л. Понятие и система экологических преступлений: дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2001. – С. 58.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол дар атрофи ин мафҳум фикру андешаҳои гуногун баён мегардад[106].

Ба андешаи аксари олимон объекти ҷиноят муносибати ҷамъиятие дониста мешаванд, ки қонуни ҷиноятӣ онҳоро ҳифз намуда, дар натиҷаи таҷовуз ба онҳо зарар ворид карда мешавад[107].

Объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор гирифтаанд ва вайрон кардани онҳо барои ҷамъият зарари хавфнок мерасонад. Дар он ҷое ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷовуз ба амал наояд, дар он ҷое ки зарари иҷтимоӣ аз кирдор нарасидааст, ҷиноят вуҷуд надорад[108].

Объекти ҷиноят ин, пеш аз ҳама ва асосан муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳисоб мешавад. Маҳз чунин муносибатҳо сохтори иҷтимоии дилхоҳ давлатро ташкил медиҳанд. Танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамчун асоси ҷомеа ба танзими ҳуқуқӣ ниёз доранд ва танҳо онҳо ҳама вақт ҳангоми содир шудани ҷиноят халалдор мешаванд[109].

Бо вуҷуди ин, дар бобати мафҳуми объекти ҷиноят дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои дигар низ баён шудааст. Баъзе аз олимон ҳангоми додани муайян намудани мафҳуми объект на ба ибораи «муносибатҳои ҷамъиятӣ», балки ба арзишҳои муҳимми иҷтимоӣ, манфиатҳо, неъматҳо ишора месозанд, ки таҳти ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор гирифта дар натиҷаи содир шудани ҷиноят халалдор мешаванд[110]. Муаллифони дигар низ объекти ҷиноятро ҳамчун манфиату неъматҳое, ки бо воситаи қонуни ҷиноятӣ давлат ба ҳифзи худ гирифтааст, муайян менамоянд[111].

---

[106] Ниг.: Марцев А.И., Вишнякова Н.В. Развитие учения об объекте преступления: Лекция. – Омск: Омская академия МВД России, 2002. – С. 3.

[107] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 78.

[108] Ниг.: Коржанский Н.И. Объект и предмет уголовно-правовой охраны. – М.: Изд-во Академии МВД СССР, 1980. – С. 27.

[109] Ниг.: Уголовное право России. Общая часть: учебник для академического бакалавриата / Н.Г. Иванов. – 2-е изд., перераб. и доп. – М., 2016. – С. 161.

[110] Ниг.: Курс уголовного права. Общая часть: учебник: в 2 т. Т. 1: Учение о преступлении / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой, И.М. Тяжковой. – М., 1999. – С. 59.

[111] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2011. – С. 95.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидае низ ҷой дорад, ки мутобиқи он объекти ҷиноят худи одам шуморида мешавад. Масалан, ба андешаи Г.П. Новоселов ҷиноят на ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки ба касе таҳдид мекунад, аз ин рӯ, объекти ҷиноят на муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки одамро ҳисоб кардан лозим аст[112]. Албатта бо чунин андеша розӣ будан мушкил аст. Зеро объекти ҷиноят ғайримоддӣ буда, мафҳуми иҷтимоӣ аст. Чун сухан дар бораи одамон меравад, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳумҳои предмет ва ҷабрдида истифода мешавад.

Ғайр аз ин на ҳама ҷиноят, бахусус ҷиноятҳои экологӣ бевосита расонидани зарарро ба одам пешбинӣ намекунанд.

Масалан, ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯйи қ.1 м.226 КҶ ҶТ танҳо ҳангоми ифлос намудан, олуда кардани об новобаста аз расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии инсон ба вуҷуд меояд. Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мувофиқи ҳамин модда исбот кардани зарари ба об расонидашуда, расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, хоҷагии ҷангал кифоя аст.

Аз рӯйи ҷинояти мазкур зарар ба шахс расонида нашавад ҳам, аммо дар сурати расонидани зарар ба чунин сарвати табиӣ ба монанди об ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён меояд.

Бинобар ин, мо низ ақидаи аз ҳама маъмул ва амалан бебаҳс, яъне ба сифати объекти ҷиноят эътироф шудани муносибаҳои ҷамъиятиро тарафдорӣ менамоем. Қонуни ҷиноятӣ на ҳама муносибатҳои ҷамъиятии мавҷудбуда ё имконпазирро, балки танҳо он муносибаҳоеро ҳифз менамояд, ки барои ҷомеа ва давлат аҳаммияти бештар доранд. Дар баробари ин баъзе муносибатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда вобаста ба сатҳи инкишофи ҷомеа ва давлат назар ба дигараш аҳаммияти афзалиятнок дорад. Масалан, дар м.2 КҶ ҶТ дар баробари м.5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки арзиши олӣ ҳисоб мешаванд, муқаррар шудааст. Номгӯйи

---

[112] Ниг.: Новоселов Г.П. Учение об объекте преступления. Методологические аспекты. – М.: Изд-во Норма, 2001. – С. 53.

пурраи объектҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар Қисми махсуси КҶ (дар номгузории фаслҳо ва бобҳои он) мушаххас гардонида шуда, он аз рӯйи принсипи аҳаммиятнокии объектҳои ҳифзнамой тартиб дода шудааст.

Масъалаи дигари вобаста ба объекти ҷиноят ин таснифоти он ба ҳисоб меравад. Одатан дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятро ба се намуд ҷудо менамуданд: умумӣ, намудӣ ва бевосита.

Бо қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои пасошуравӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ сохтори чорзинагии объекти ҷиноят муқаррар карда шуд, яъне объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита.

Сохтори чорзинагии объекти ҷиноят бо хусусиятҳои сохти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода мешавад, яъне дар КҶ ҶТ (1998) қонунгузор дар баробари бобҳо, инчунин фаслҳоро низ ҷудо намудааст.

Доираи объекти умумӣ дар қ.1 м.2 КҶ ҶТ мустаҳкам шуда, ба он муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти инсоният, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои чумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо шомил мебошанд. Ин муносибатҳо дар мачмуъ объекти умумии ҷиноятро ташкил медиҳанд. Яъне объекти умумӣ ин тамоми муносибатҳои ҷамъиятие мебошад, зери ҳифзи меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ қарор дода шудаанд.

Ҳамин тавр, объекти умумии ҷиноят маҷмуи муносибаҳои ҷамъиятие ба ҳисоб меравад, ки зери ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор дода шудаанд. Доираи чунин муносибаҳо дар қ.1 м.2 КҶ ҶТ муайян шудааст. Объектҳои хелӣ, намудӣ ва бевосита соҳаи нисбатан маҳдуди чунин муносибатҳоро мушаххас мегардонанд.

Объекти хелӣ ин гурӯҳи муносибатҳои чамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандаи бо ҳам монанд ва бо ҳам алоқаманд, ки аз рӯйи

табиати ҳуқуқии худ гурӯҳи якхеларо ташкил медиҳанд. Гурӯҳи якхелаи ба ҳам монанди муносибатҳои ҷамъиятӣ аз рӯйи субъект ва предмети муносибат ва ё моҳиятан ҷудо карда мешаванд.

Дар асоси аломати объекти хелӣ Қисми махсуси КҶ ҶТ ба фаслҳо ҷудо шудааст.

Ба объекти намудӣ боби Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ мувофиқ аст ва объекти бевосита бошад, бо моддаи мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ мувофиқ меояд.

Олимони ватанӣ Т.Ш. Шарипов., А.И. Сафарзода, З.А. Камолов., Ш.Л. Холиқзода, З.Х. Зокиров, М.Н. Зиёбоева низ чунин қайд мекунанд, ки КҶ ҶТ аз 21 майи соли 1998 сохти объекти ҷиноятро бо ҷудо намудани он вобаста ба самти вертикалӣ ба объектҳои умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита муайян намуд. Вобаста ба сохтори КҶ ҶТ объекти хелӣ муносибатҳои ҷамъиятие эътироф мешаванд, ки ба онҳо ҷиноят таҷовуз оварда, меъёрҳо дар бораи ҷавобгарӣ барои онҳо дар як фасл ҷойгир шудааст. Мутаносибан объекти намудӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳисоб мешаванд, ки ҷавобгарӣ барои онҳо дар ҳадди як боби КҶ муқаррар шудааст[113].

**Объекти хелӣ ва намудӣ.** Кодекси ҷиноятии ҶТ аз соли 1998 объекти хелии ҷиноятҳои экологиро мушаххас муайян намудааст.Дар Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 ҷиноятҳое, ки ба унсурҳои алоҳидаи муҳити табиӣ таҷовуз мекарданд, дар бобҳои «Ҷиноятҳои хоҷагӣ», «Ҷиноятҳои ба муқобили бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ» муқаррар шуда буданд. Дар фарқият аз он КҶ ҶТ (1998) тамоми ҷиноятҳое, ки ба унсурҳои алоҳидаи экология ва муҳити зист таҷовуз меоваранд, ба таври асоснок дар як фасли КҶ ҶТ (Фасли IX) муттаҳид намуд.

Ҷинояти ифлос кардани об дар м.226 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, ки он дар боби 24 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист», Фасли IX «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист» ҷойгир шудааст.

[113] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 79-80.

Вобаста ба ин объекти хелӣ ва намудии ифлос кардани об бо ҳам мувофиқ омада, муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмин намудани амнияти экологӣ ва муҳити зист ҳисоб мешаванд.

Дар мавриди объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист андешаҳои гуногун баён шудааст: моликиятӣ дар боигариҳои табиӣ таҷассумгардида[114], тартиби истифода бурдани сарватҳои табиӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ ё муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба истифодаи онҳо[115], худи сарватҳои табиӣ[116], муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки барои таъмини истифодаи оқилона ва ҳифзи сарватҳои табиӣ нигаронида шудаанд[117], муносибаҳои ҳифзи табиат, ки барои ҳифзи муҳити зисти инсон равона шудаанд, беҳтар сохтани он, инчунин истифодаи илман асоснок, оқилонаи захираҳои табиӣ, нигоҳ доштани ҳолати муътадили биосфера[118]; муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи он ба манфиати ҷомеа[119].

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳад, ки дар мавриди муайян намудани объекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист, аз ҷумла объекти хелии он мавқеи ягона ҷой надорад.

Чунин гуногунфикрӣ то ҳол дар байни олимон ҷой дорад.

Масалан, ба сифати объекти хелии ифлос намудани об И.В. Попов[120] муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмин намудани амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятиро эътироф менамояд. Андешаи мазкур ба қонунгузории ҷиноятии ФР мутобиқат мекунанд. Зеро дар он ҷинояти ифлос кардани об (м.250 КҶ ФР) дар фасли IX «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ» ҷойгир шудааст.

---

[114] Ниг.: Мунтян В.Л. Правовая охрана рыбных багатств / Правовая охрана природы. – М.: Изд-во МГУ, 1961. – С. 17.
[115] Ниг.: Пионтковский А.А. Курс советского права. – М.: Изд-во «Наука», 1959. – Т. 2. – С. 17.
[116] Ниг.: Леонтьев Б.М. Преступления против природных богатств СССР / Советское уголовное право. Часть особенная. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1975. – С. 262.
[117] Ниг.: Тяжкова И.М. Преступления против природных богатств / Советское уголовное право. Особенная часть. – М.: Изд-во МГУ, 1982. – С. 254.
[118] Ниг.: Таций В.Я. Преступления против природных богатств СССР / Уголовное право УССР. Особенная часть: учебник / Под ред. М.И. Бажанова и др. – К.: Вища школа, головное изд-во, 1989. – С. 286.
[119] Ниг.: Мынбаев Р., Орымбаев М. Судебная практика по делам о преступлениях в областях охраны природы в Казахской ССР / Р. Мынбаев, М. Орымбаев // Социалистическая законность. – 1979. – №8-9. – С. 22.
[120] Ниг.: Попов И.В. Ответственность за преступное загрязнение вод (по материалам Сибирского и Уральского федеральных округов Российской Федерации): дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2003. – С. 43.

Андешаҳои дигар низ дар мавриди объекти хелии ҷинояти ифлос кардани об баён шудаанд. Масалан, А.П. Чучаев объекти хелии ҷинояти таҳқиқшавандаро ба амнияти ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва муҳити зист алоқаманд мешуморад[121]. М.П. Ермолинский зери мафҳуми объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист муносибатҳо дар соҳаи беҳтар ва солим гардонидани муҳити зисти инсон, истифодаи илман асоснок ва оқилонаи сарватҳои табииро мефаҳмад, ки барои таъмини амнияти экологии замин, об, атмосфера ва ҷангал равона шудаанд, инчунин худи амнияти экологӣ ва муҳити зистро мефаҳмад[122].

Объекти намудии ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист ҳамчун муносибаҳои ҷамъиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда оид ба оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, барои инсон ва дигар мавҷудоти зинда муътадил нигоҳ доштани муҳити зист ва таъмин намудани тартиботи ҳуқуқии экологӣ[123]; муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ, барои инсон ва дигар мавҷудоти зинда муътадил нигоҳ доштани сифати муҳити зист ва таъмини амнияти экологии аҳолӣ муайян мегардад[124]. Чи тавре мебинем, қариб ҳама вақт ба мавқеи аввал ҳифзи истифодаи оқилонаи муҳити зист гузошта мешавад, ки албатта он муҳим аст. Аммо ба андешаи мо бояд ба мадди аввал ҳифзи муҳити зист аз таҳдидҳои гуногун гузошта шавад, аз ҷумла таҳдидҳои бо инсон вобаста ва баъд манфиатҳои инсон оид ба истифодаи табиат.

Барои дуруст ва ҳаматарафа дарк намудани объекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист, муайян намудани мафҳуми ин ҷиноятҳо аҳамияти калон дорад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми

---

[121] Ниг.: Чугаев А.П. Состав экологического преступления: системно-структурный анализ. Современные проблемы правоведения. – Краснодар, 1998. – С. 277.
[122] Ниг.: Ермолинский П.М. Объект преступления при загрязнении окружающей среды по законодательству Республики Беларусь / П.М. Ермолинский // Экологический вестник. – 2014. – №3 (29). – С. 79.
[123] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / Под ред. А.И. Рарога. – М., 1996. – С. 283; Уголовное право России: учебник. Части Общая и Особенная / Под ред. А.И. Рарога. 4-е изд., перераб. и доп. – М.: ТК «Велби»; Проспект, 2003. – С. 551 (автор комментария – Б.В. Яцеленко).
[124] Ниг.: Дворецкий Ю.М. Уголовно-правовые проблемы борьбы с экологическими преступлениями: понятие, общая характеристика и виды / Ю.М. Дворецкий // Вестник ТГУ. – 2016. – №2 (6). – С. 62.

гурӯҳи мазкури ҷиноятҳо асосан тавассути мафҳуми «ҷиноятҳои экологӣ» муайян мегардад.

Дар навбати худ мафҳуми ҷиноятҳои экологӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври гуногун таъриф дода мешавад.. Ба андешаи О.Л. Дубовик ва А.Э. Жалинский зери мафҳуми ҷиноятҳои экологӣ кирдорҳои барои ҷамъият хавфноке фаҳмида мешаванд, ки ба муҳити табиат ва унсурҳои он таҷовуз меоваранд. Исифодаи оқилона ва ҳифзи онҳо фаъолияти муътадили ҳаёти инсонро таъмин менамоянд ва аз бевосита зиддиҳуқуқӣ истифода намудани объекти табиат ҳамчун арзишҳои иҷтимоӣ иборат буда, боиси тағйиротҳои манфии онҳо мегардад[125].

Ҷиноятҳои экологӣ ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорона содиршудае эътироф мешаванд, ки бо қонуни ҷиноятӣ зери таҳдиди ҷазо манъ карда шуда, ба амнияти экологӣ, ки метавонанд ба объектҳои ҳифзи муҳити зист ва (ё) саломатии инсон зарар расонанд, таҷовуз меоваранд[126].

Ҷиноятҳои экологӣ ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки бо қонуни ҷиноятӣ пешбинишудае мебошанд, ки ба муҳити зист ва унсурҳои он, ки истифодаи оқилона ва ҳифзи онҳо фаъолияти муътадили ҳаёти инсонро таъмин менамояд, инчунин ба амнияти экологии аҳолӣ ва ҳудудҳо таҷовуз меоваранд ва аз бевосита ғайриқонунӣ истифода намудани объектҳои табиат ҳамчун арзишҳои иҷтимоӣ, ки боиси тағйиротҳои манфии ҳолат ва сифати муҳити зист мегарданд, иборат мебошанд[127].

Мафҳуми ҷиноятҳои экологиро Р.А. Забавко ҳамчун кирдорҳои барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорона содиршуда мебошанд, ки ба муносибатҳои бо қонуни ҷинояти ҳифзшаванда ва батанзимдаровандаи тартиби татбиқи ҳуқуқҳои экологӣ ва уҳдадориҳои ҳама субъектон ба манфиатҳои тартиботи

---

[125] Ниг.: Дубовик О.Л., Жалинский А.Э. Причины экологических преступлений / Отв. Ред. О.С. Колбасов. – М., 1988. – С. 60.
[126] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть. – Санкт-Петербург, 2020. – С. 554 (автор главы Кузнецов Н.И.).
[127] Ниг.: Гареев А.А. Экологические преступления: уголовно-правовое противодействие: дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2006. – С. 7-8.

экологӣ ва амнияти экологӣ зарар мерасонанд ё зери таҳдиди расонидани зарар қарор медиҳанд, муайян месозад[128].

Таърифҳои зикршуда аз ҳамдигар фарқият калон надошта дар ҳар яки он ба сифати объекти ин ҷиноятҳо ба манфиатҳои амнияти экологӣ ишора мешавад. Мумкин аст тасдиқ намуд, ки маҳз бештар амнияти экологӣ моҳияти мафҳуми «ҷиноятҳои экологӣ»-ро ташкил намуда ба сифати объекти ҷиноятҳо дар соҳаи муҳити табиат баромад менамоянд.

Амнияти экологӣ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»[129] 2-юми августи соли 2011, №760 ҳамчун «ҳолати муҳофизавии манфиатҳои муҳимми ҳаётии шахс, ҷомеа, муҳити зист аз таҳдидҳое, ки дар натиҷаи таъсиррасонии антропогенӣ ва табиӣ ба муҳити зист, аз ҷумла ба офату фалокатҳои табиӣ алоқамананд» муайян карда шудааст.

Вале объекти хелии ҷиноятҳои экологӣ танҳо бо таъмин намудани амнияти экологӣ маҳдуд намешавад. Зеро фасли IX КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист» номбар шудааст, яъне қонунгузор дар баробари амнияти экологӣ, инчунин ҳифзи муҳити зистро низ ҷудо намудааст.

Муҳити зисти инсон, дар м.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ҳамчун «маҷмуи ҷузъиёти муҳити табиӣ, объектҳои табиӣ ва табиии антропогенӣ, инчунин объектҳои антропогенӣ мебошад» муайян шудааст. Ҳифзи муҳити зист бошад, «системаи чорабиниҳои давлатӣ ва ҷамъиятии дорои хусусияти ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, маърифатӣ ва байналмилалӣ, ки ба таъмини ҳамоҳангии муносибати мутақобилаи ҷамъият ва табиат дар асоси ҳифз ва барқарорсозии муҳити табиӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, беҳтар намудани сифати муҳити зисти инсон, пешгирӣ ва рафъи таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият

---

128 Ниг.: Забавко Р.А. О понятии «экологическое преступление» / Р.А. Забавко // Российский следователь. – 2009. – №2. – С. 18.

129 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011, №760 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-%C2%A0-дар-бораи-ҳифзи-муҳити-зист (санаи муроҷиат: 02.08.2024).

ба муҳити зист ва бартараф намудани оқибатҳои он равона гардида ба ҳисоб меравад» (м.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»)[130].

Объектҳои ҳифзи муҳити зист замин, қаъри он, хок, обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ, ҳавои атмосфера, қабати озонии Замин, олами набототу ҳайвонот, аз ҷумла гуногунии биологӣ, тамоми намудҳои ҷангал, инчунин фонди генетикии онҳо мебошанд, ки аз ифлосшавӣ, вайроншавӣ, осеб дидан, камшавӣ, харобшавӣ ва дигар таъсири номатлуби фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ инҳо ҳифз карда мешаванд.

Ҳамин тавр, зери объекти хелӣ ва намудӣ, ки ба онҳо кирдори ҷиноятии дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда таҷовуз меоварад, бояд соҳаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятиро фаҳмид, ки амнияти экологӣ ва ҳифзи муҳити зистро таъмин менамоянд.

Объекти бевоситаи ҷинояти ифлос кардани об дар асарҳои ҳуқуқӣ ба таври гуногун муайян ва маънидод шудааст. Масалан, ба андешаи А.Ю. Филаненко ба сифати объекти бевоситаи ҷинояти ифлос кардани об муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмин намудани низоми дахлдори истифода ва ҳифзи намуди муайяни об: обҳои зеризаминӣ, рӯйизаминӣ, сарчашмаҳо, пиряхҳо ва ғайра баромад менамоянд, ки дар Кодекси об нишон дода шудаанд[131]. Объекти бевоситаи ифлос кардани об муносибатҳои ҷамъиятие ҳисоб мешаванд, ки барои ҳифзи тозагии об равона шудаанд[132]. Т.И. Ваулина чунин мешуморад, ки объекти бевоситаи ҷинояти мазкур муносибатҳо дар соҳаи истифодаи об ва ҳифзи объектҳои обӣ ба шумор меравад[133]. Вале ба андешаи мо муносибатҳо дар соҳаи истифодаи об асосан тавассути қонунгузорӣ дар соҳаи об ба танзим даровarда шудаанд ва он

---

[130] Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011, №760 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-%C2%A0-дар-бораи-ҳифзи-муҳити-зист (санаи муроҷиат: 02.08.2024).

[131] Ниг.: Филаненко А.Ю. Уголовно-правовая ответственность за загрязнение вод: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2002. – С. 47.

[132] Ниг.: Попов И.В. Ответственность за преступное загрязнение вод (по материалам Сибирского и Уральского федеральных округов Российской Федерации): дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2003. – С. 46.

[133] Ниг.: Уголовное право: учебник. Особенная часть / Отв. ред. И.Я. Козаченко, Г.П. Новоселов. 4-е изд., изм. и доп. – М.: Норма, 2008. – С. 672 (автор главы – Т.И. Ваулина).

пуррагӣ ба объекти бевоситаи ҷинояти ифлос кардани об мансуб буда наметавонад.

Олимони дигар ҳангоми муайян намудани объекти бевоситаи ифлос кардани об инчунин ба амнияти экологӣ ишора менамоянд. Масалан, Ю.И. Ляпунов объекти бевоситаи ҷинояти баррасишавандаро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифзи об ва амнияти экологӣ эътироф мекунад[134].

Н.А. Лопашенко ба сифати объекти бевоситаи ҷинояти ифлос кардани об амнияти экологиро ҳангоми муносибат бо об ва захираҳои табиӣ номбар менамояд[135].

Объекти бевоситаи ҷиноят ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмин намудани амнияти экологӣ, ҳифз ва истифодаи оқилонаи об муайян мешавад[136].

Вале ба андешаи мо дар умум дохил намудани амнияти экологӣ ба доираи объекти бевоситаи ҷинояти ифлос кардани об асоснок ба ҳисоб намеравад. Зеро дар фарқият аз м.250 КҶ ФР м.226 КҶ ҶТ дар таркиби асосии худ расонидани зарари ҷиддиро ба унсурҳои муҳити зист талаб намекунад. Ғайр аз ин амнияти экологӣ бештар объекти намудии ҷиноятҳои экологиро дар маҷмуъ тавсиф медиҳад.

Ба андешаи мо объекти бевоситаи ҷинояти ифлос кардани об бояд бо назардошти ҳолатҳои зерин муайян карда шавад: аввал, ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ баррасӣ шудани объект; дуюм, ин чунин муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди ҳифз, истифодаи оқилона ва тоза нигоҳ доштани объектҳои обӣ ба вуҷуд меоянд; сеюм, ин объектҳои обӣ аз муҳити зист ҷудонашаванда мебошанд; чорум, объекти бевоситаи ҷинояти мазкур ба шароити ҳифз, истифодаи оқилона ва тоза нигоҳ доштани объектҳои об дахл доранд.

---

[134] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. А.И. Бойко. – М., 1996. – С. 514.

[135] Ниг.: Лопашенко Н.А. Экологические преступления: уголовно-правовой анализ: монография. – М, 2017. – С. 378.

[136] Ниг.: Комментарий к уголовному кодексу РФ в 4 т. Том 3. Особенная часть / Отв.ред. Лебедев В.М. – М., 2024. – С. 216.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло, мо метавонем ба хулосае оем, ки объекти бевоситаи ҷинояти м.226 Кодекси ҷиноятии ҶТ муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи шароити ҳифз, истифодаи оқилона ва тоза нигоҳ доштани объектҳои обӣ дар робита бо муҳити зист ба ҳисоб меравtotanд.

Хусусияти м.226 КҶ ҶТ аз он иборат мебошад, ки дорои объекти иловагӣ низ мебошад,зеро қонуни ҷиноятӣ ба чунин сифат муносибатҳо оид ба ҳифзи унсурҳои табиӣ, ки объектҳои обӣ ҳисоб намешаванд (олами ҳайвонот ва наботот, захираҳои моҳӣ), ҳифзи хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ, низоми баъзе ҳудудҳои махсус ҳифзшаванда (мамнуъгоҳҳо ва парваришгоҳҳо), минтақаҳои офати экологӣ ва минтақаҳои ҳолати фавқулоддаи экологӣ, ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсонро муқаррар намудааст.

Таҷовузи ҷиноятӣ ба объекти иловагӣ моҳияти ҷинояти содиршударо ташкил намедиҳад. Аммо ин объект ҳама вақт дар баробари объекти асосӣ, илова ба он зарар мебинад. Дар таркиби ҷинояти қ.2 м.226 КҶ ҶТ дар баробари расонидани зарар ба объекти асосӣ, инчунин расонидани зарар ба объекти иловагӣ низ талаб карда мешавад.

Дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ объектҳои иловагии бевосита ба таври алтернативӣ нишон дода шудаанд ва барои ба вуҷуд омадани таркиби ҷиноят расонидани зарар ба яке аз онҳо кофӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили м.226 КҶ ҶТ бармеояд, ки расонидани зарар ба дилхоҳ аз объектҳои иловагии зикршуда ҷавобгарии ҷиноятиро аз рӯйи қисмҳои дахлдори моддаи мазкур ба вуҷуд меоварад, яъне объектҳои иловагии асосии номбаршуда барои бандубаст хусусияти алтернативӣ доранд.

Дар доираи объекти иловагӣ, инчунин объекти иловагии факултативиро низ ҷудо месозанд. Объекти факултативӣ дар натиҷаи содиршавии ҷиноят мумкин аст халалдор шавад ё вобаста ба ҳолатҳои воқеии содир намудани ҷиноят мумкин аст зарар набинад. Ба сифати объекти факултативии ифлос

намудани об олимон муносибаҳои ҷамъиятиро оид ба ҳифзи моликият[137], муносибатҳои хоҷагидориро[138] номбар менамоянд.

Дар натиҷаи содир намудани ҷинояти ифлос кардани об зарар на танҳо ба объекти асосӣ мерасад, ки барои ҳифзи унсурҳои алоҳидаи табиӣ, аз ҷумла об нигаронида шудаанд, балки мумкин аст истифодаи қонунии моликият низ халалдор шавад. Замин, об ва дигар сарватҳои табиӣ мутобиқи м.13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти истисноии давлат ба ҳисоб меравaнд ва ифлос намудани об метавонад ба ҳифз ва истифодаи қонунии чунин моликият зарар расонад ё онро зери таҳдиди расонидани зарар қарор диҳад.

Ҳамин тавр, ҷинояти дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда мумкин аст ба объекти факултативӣ низ зарар расонад, ки ба сифати он метавонанд муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ, муносибатҳои хоҷагидорӣ ва ғайра баромад намоянд.

Масъали дигари вобаста ба объекти ҷинояти ифлос кардани об ин муайян намудани предмети он ба ҳисоб меравад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ зери мафҳуми предмети ҷиноят одатан ашёҳои олами моддӣ фаҳмида мешаванд, ки гунаҳгор ба онҳо дар ҷараёни таҷовузи ҷиноятӣ таъсир мерасонад[139]. Предмет ва объекти ҷиноят ба ҳамдигар робитаи зич доранд, чунки бо роҳи таъсир расонидан ба предмет мумкин аст муносибатҳои ҷамъиятӣ халалдор гарданд. Робитаи зичи предмет бо объекти ҷиноят то дараҷае мустақил будани предмет ва фарқияти онро аз объект истисно намесозад. Предмет ин ашёи мушаххас буда, объект бошад ин муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ашё ба ҳисоб меравад, яъне онҳо аз ҳамдигар пеш аз ҳама аз рӯйи табиати худ фарқ мекунанд[140].

---

[137] Ниг.: Попов И.В. Ответственность за преступное загрязнение вод (по материалам Сибирского и Уральского федеральных округов Российской Федерации): дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2003. – С. 49.
[138] Ниг.: Романов А.А. Преступное загрязнение вод в России: уголовно-правовое и криминологическое исследование: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2010. – С. 68.
[139] Ниг.: Уголовное право. Общая часть: учебник для бакалавров / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – С. 109.
[140] Ниг.: Актуальные проблемы уголовного права: учебник для магистрантов / Отв. ред. И.А. Подоройкина. – М., 2016. – С. 112.

Унсури мазкур асосан ба тарафи объективии ҷиноят дахл дорад. Вале дар адабиёти ҳуқуқӣ предмети ҷиноятро ҳамчун аломати иловагии тавсифдиҳандаи объекти ҷиноят низ эътироф мекунанд[141].

Предмет барои бандубасти кирдор ҳамчун ҷиноят аҳамият дорад, агар мавҷуд будани он барои содир намудани ҷинояти мазкур ҳатмӣ бошад. Ба таври дигар, бидуни предмети таҷовузи ҷиноятӣ амалӣ намудани таҷовузи мазкур ғайриимкон аст.

Ба монанди объекти бевоситаи ҷиноят мумкин аст предмети асосӣ, иловагӣ ва факултативии таҷовузро ҷудо намуд. Ҷинояти дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда, предмети асосӣ объектҳои обии рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, предмети факултативӣ бошад, маҳсулоти хоҷагии ҷангал ё хоҷагии кишоварзӣ, худи сохтори биологии дигар объектҳои муҳити зист ба ҳисоб рафта метавонанд[142].

Масъала дар бораи предмети ҷинояти ифлос кардани об на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳамияти калони амалӣ низ дорад, зеро дараҷаи ҷавобгарии гунаҳгор то дараҷаи муайян аз он вобаста аст, ки предмети кирдори ҷиноятӣ чӣ ҳисоб мешавад.

Предмети ҷинояти ифлос намудани об дар қонун (м.226 КҶ ҶТ) ба таври умумӣ номбар шудааст, ки ин обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ ба ҳисоб меравcovered.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба сифати предмети ҷинояти мазкур об ( оби дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, ҷуйборҳо, обҳои зеризаминӣ, пиряххо)[143]; тамоми объектҳои обии ҳудуди давлати муайян ҷойгирбуда[144]; шакли дилхоҳи мавҷуд будани об (моеъ, сахт ва ҳолати газӣ)[145] баррасӣ мешавад. Таҳлили диспозитсияи м.226 КҶ ҶТ нишон медиҳад, ки ба сифати предмети ҷинояти

[141] Ниг.: Гаухман Л.Д. Квалификация преступлений: закон, теория, практика. – М., 2010. – С. 82-83.
[142] Ниг.: Сверчков В.В. Курс уголовного права. Общая часть. Учебник для бакалавриата и магистратуры. – М., 2016. – С. 216-217.
[143] Ниг.: Жевлаков Э.Н. Экологические преступления и экологическая преступность: учебное пособие. – М.: Белые альвы, 1996. – С. 40.
[144] Ниг.: Панько М.М. Преступления против окружающей среды / Уголовный кодекс Украины. Комментарий / Под ред. Ю.А. Кармазина и Е.Л. Стрельцова. – Харьков: ООО «Одиссей», 2001. – С. 512.
[145] Ниг.: Лопашенко Н.А. Экологические преступления: Коментарий к гл. 26 УК РФ. – СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2002. – С. 102.

мазкур объектҳои табиат, ки зери ҳифзи КҶ ҶТ ва Кодекси оби ҶТ қарор доранд, баромад менамоянд. Предмети ин ҷиноят обҳои рӯйизаминӣ, зеризаминӣ ва манбаъҳои оби нӯшиданӣ ҳисоб мешаванд. Мафҳуми ҳама предметҳои зикршуда дар Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор шудааст. Диспозитсии м.226 КҶ ҶТ ҳамин тавр хусусияти бланкетӣ дорад.

Дар Кодекси оби ҶТ объектҳои об ҳамчун «махзани табиӣ ё сунъии об, обрав ё дигар объекти ҷамъшавии доимӣ ва ё муваққатии об, ки дар он намуд ва нишонаҳои хоси реҷаи обӣ вуҷуд доранд», муайян мешавад (м.1). Обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминие, ки дар фаъолияти хоҷагӣ ва дигар фаъолият истифода мешаванд ё истифода шуда метавонанд, захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Обҳои рӯйизаминӣ обҳои доим ё муваққатан дар объектҳои обии рӯйизаминӣ қарордошта эътироф мешаванд (м.1 Кодекси оби ҶТ).

Ба андешаи мо таърифи зерини муайян намудани обҳои рӯйизаминӣ ҳамчун намудҳои гуногуни ҳолати ҷисмонии об, ки доимӣ ё муваққатӣ дар рӯйи замин дар намуди объектҳои обӣ (ҷараёнҳои обии доимӣ ё муваққатӣ, кӯлҳо, обанборҳо, пиряххо, барфтӯдаҳо, дарёҳо, ботлоқзорҳо) мавҷуданд, бештар қобили қабул мебошад[146]. Таърифи мазкур бештар пурра ва илман асоснок ба ҳисоб меравад.

Обҳои зеризаминӣ бошад мутобиқи м.1 Кодекси оби ҶТ ҳамчун обҳое, ки дар қабати ҷинсҳои кӯҳии қисми болоии қишри замин дар ҳолати моеъ, сахт ва газӣ ҷойгир шудаанд, муайян гардидааст.

Обҳои зеризаминӣ, аз ҷумла обҳои минералӣ, дар холигоҳҳо, раҳҳои сангҳо, уфуқҳои обдори зери замин ҷойгир мебошанд.

Манбаи обҳои нӯшокӣ ин обанборҳои махсус ташкилкардашуда, зарфҳои обкашӣ ва ғайра ба ҳисоб мераванд.

Мафҳуми «манбаъҳои оби нӯшиданӣ» дар м.1 Кодекси оби ҶТ, инчунин дар Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» аз 19

[146] Ниг.: Экологический энциклопедический словарь. – М.: Издательский дом «Ноосфера», 1999. – С. 492.

июли 2019[147] ҳамчун манбаи таъмини оби нушокӣ чунин муайян шудааст: обҳои табиӣ (рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ), ки баъди коркарди мувофиқ ва ё бе коркард барои таъмини оби нӯшокӣ истифода мешаванд. Дар м.1 Кодекси оби ҶТ бошад, мафҳуми оби нӯшокӣ ҳамчун «обе, ки аз ҷиҳати сифат ва бехатарӣ дар ҳолати табиӣ ё баъди коркард (тозагардонӣ, безараргардонӣ, илова намудани моддаҳои кимиёвӣ) ба талаботи меъёрии муқарраршуда ҷавобгӯ буда, барои нӯшидан, тайёр намудани хӯрок, эҳтиёҷоти дигари хоҷагидорию маишии аҳолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ истифода мешавад», муайян шудааст.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ саволе ба вуҷуд меояд, ки оё ба сифати предмети ҷинояти мазкур чунин объектҳои сунъии обӣ, ба монанди чоҳҳо, ҳавзҳо, кӯлҳо баромад карда метавонанд?

Аз сабаби он ки Кодекси оби ҶТ зери мафҳуми объектҳои обӣ ҳам манъбаҳои табиӣ ва ҳам сунъии обиро дар бар мегирад, саволе пайдо мешавад, ки оё ба сифати предмети ҷинояти ифлос намудани об объектҳои сунъии обӣ (ҷӯйборҳо, каналҳо, кӯлҳо ва ғайра) баромад карда метавонанд. Қонунгузор бевосита ба чунин савол ҷавоб надодааст. Барои ҷавоб додан ба чунин савол муайян намудан зарур аст, ки оё обанборҳои зикршудаи сунъӣ бо дигар объектҳои табиии робитаи худро нигоҳ доштаанд ва онҳо дар гардиши табиии об иштирок мекунанд . Агар чунин бошад онҳо ба предмети ҷинояти дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда мансуб мебошанд. Он объектҳои обии баромади сунъи дошта, ки аз гардиши сарбаста аз муҳити табииро доранд ба сифати предмети ҷинояти ифлос кардани об буда наметавонанд. Ба андешаи А.А. Гареев ҳангоми ҳал намудани чунин масъала бояд ба талаботҳо нисбати объектҳои ҳуқуқи экологӣ муроҷиат намуд. Агар чунин объектҳо дорои аломатҳои объекти ҳуқуқи экологӣ бошанд, онҳо ба предмети ҷиноятҳои экологӣ мансуб мебошанд. Дар ҳуқуқи экологӣ маҳаки асосӣ ҳангоми муайян намудани

[147] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» аз 19 июли 2019, №1633 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-таъмини-оби-нӯшокӣ-ва-рафъи-обҳои-партов (санаи муроҷиат: 02.08.2024).

объект ҳамчун унсури табиат ҷудонопазирии он аз шароити табиӣ, ногусаста будани робитаҳои экологӣ, ҷудо набудан аз таъсири офатҳои табиӣ ба ҳисоб меравад. Аммо ҳолатҳоеро низ истисно намудан мумкин нест, ки вақте объектҳои обӣ ба объекти ҳуқуқи экологӣ дохил набуда, аммо ба предмети ҷинояти ифлос кардани об дохил мешаванд, масалан вақте ки об дар низоми бо оби нӯшокӣ таъмин намудан истифода мешавад[148].

Мо бо чунин андеша розӣ шуда, баён медорем, ки ҳангоми ифлос кардани обҳое, ки дар низоми сарбаста аз табиат қарор доранд, ҷавобгарӣ на мутобиқи м.226 КҶ ҶТ, балки вобаста ба ҳолатҳои кор аз рӯйи ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ё ҷиноятҳо ба муқобили моликият фаро мерасад.

Вобаста ба ин объектҳои обиро ҳамчун предмети ҷинояти ифлос кардани об чунин муайян намудан мумкин аст: ин ҷамъшавӣ, вуҷуд доштани обҳо (дар намуди моеъ, газӣ ва сахт) дар чуқуриҳои табиӣ ва сунъии ҳам қаъри замин ва ҳам болои он, ки дар гардиши хоҷагидорӣ истифода мешаванд ё истифода нашуда, вале минбаъд мумкин аст ҳамчун захираҳои табиӣ истифода шаванд.

Ҷиноятҳои экологӣ аз тарафи объективӣ дар вайрон кардани қоидахои умумии ҳатмии истифодаи табиат ва ҳифзи муҳити зист бо роҳи ҳаракат ё беҳаракатӣ зоҳир мегардад.

Нисбат ба ҷинояти ифлос кардани об тарафи объективӣ дар вайрон кардани қоидаҳои умумиҳатмии истифодабарии об ва ҳифзи объектҳои об ифода меёбад. Мутобиқи қ.1 м.226 Кодекси ҷиноятии ҶТ чунин вайронкунӣ дар шакли ифлос кардан, олуда кардан, камшавии обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ё дигар тағйироти хосиятҳои табиии онҳо рух медиҳад.

Тибқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ диспозитсияи меъёри таҳқиқшаванда тавсифи мафҳумҳои «ифлосшавӣ», «олудашавӣ», «камшавӣ»-ро дар бар намегирад ва хусусияти бланкетӣ дорад.

---

[148] Ниг.: Гареев А.А. Экологические преступления: уголовно-правовое противодействие: дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2006. – С. 77.

Пештара Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2000 мафҳумҳои «ифлосшавӣ», «олудашавӣ», «камшавӣ»-ро муайян намуда буд, ки мутобиқи он партов ё ба таври дигар дохил шудан, инчунин пайдо шудани моддаҳои зарароваре, ки сифати обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминиро бад мегардонанд, истифодаи қаър ва соҳилҳои объектҳои обро маҳдуд месозанд, ё ба онҳо таъсири манфӣ мерасонанд «ифлосшавии объектҳои об»; олудашавии объектҳои об – партов ё ба таври дигар дохил шудани моддаҳо ё зарраҳои муаллиқ ба объектҳои об, ки ҳолат ва истифодаи объектҳои обро душвор месозанд; камшавии об – мунтазам камшавии захира ва бадшавии сифати обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ эътироф мешуданд.

Кодекси оби амалкунанда аз соли 2020 истилоҳҳои ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камшавии объектҳои обро васеъ истифода барад ҳам, аммо мафҳуми онро надодааст. Ба фикри мо ин дар баъзе ҳолатҳо ба маънидодкунии васеъ ё маҳдуди истилоҳҳои мазкур дар ҷараёни ҳуқуқтатбиққкунӣ оварда расонда, дар фаъолияти амалия мушкилотро ба миён оварданаш мумкин аст.

Мо чунин мешуморем, ки дар Кодекси оби ҶТ ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ додани мафҳумҳои «ифлосшавии объектҳои об», «олудашавии объектҳои об» ва «камшавии объектҳои об» мувофиқи мақсад мебуд.

Ифлос кардани об – ба обҳои дарёҳо, кӯлҳо ва обҳои зеризаминӣ ворид кардани моддаҳои ифлоскунандаи гуногун мебошад. Ифлосшавии об дар ҳолати мустақиман ва бавосита ба об ворид гардидани ифлоскунандаҳо сурат мегирад, агар чораҳои сифатӣ барои тоза кардан ва хориҷ кардани моддаҳои зараровар мавҷуд набошанд.

Дар таҷрибаи судиву тафтишотии Тоҷикистон бештар ифлос намудани об тавассути ба об партофтани ахлот ва партовҳои ҳайвонот содир мешавад.

Масалан, шаҳрванд Д.Н., дар асоси шаҳодатномаи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ба нигоҳубин ва парвариши хук машғул шуда, ахлот ва пасмондаҳои хукро ба оби равон партофта, тибқи протоколи ташхиси Раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд манбаи оби рӯйизаминиро ифлос намудааст.

Вобаста ба ин шаҳрванд Д.Н., ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст. Вале ба худ хулосаи зарурӣ набароварда минбаъд низ чунин кирдорашро идома дода боз ахлот ва пасмондаҳои хукро ба оби равон партофтааст. Тибқи хулосаи мутахассисон дар таркиби обҳои рӯйизаминии назди бинои хукхонаи Д.Н., моддаҳои муаллақ, боқимондаи хушк, нитрогенӣ, амоний, ниёзи биологии оксиген ва чӯбчамикроби рӯда дарёфт гардид, ки ин моддаҳо обро ифлос намуда, ба олами набототу ҳайвонот, моҳӣ ва дигар объектҳо зарар мерасонанд. Ҳамчунин, дар натиҷаи истеъмол шудани оби мазкур аз ҷониби инсон он ба бемории рӯдаву меъда ва сироятӣ оварда мерасонад. Вобаста ба ин шаҳрванд Д.Н., бо қ.1 м.226 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда ба ӯ ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба муҳлати як солу шаш моҳ таъин шудааст[149].

Бояд зикр намуд, ки на ҳама ҳолатҳои ифлос намудани об ҷиноят ҳисоб мешавад. Зеро дар шароити истеҳсолоти муосир дар баъзе мавридҳо бидуни ифлос намудани объектҳои об амал намудан қариб ки ғайриимон аст. Бинобар ин барои то ҳадди ақал расонидани таъсиррасонии зараровар ба об меъёрҳои роҳдодашавандаи ба об партофтани моддаҳои ифлоскунанда роҳ дода мешавад. Чунин меъёрҳо то ҳадде муқаррар шудаанд, ки ҳангоми он корношоям шудани об барои истифода ба мақсадҳои мушаххас имконнопазир намегардад, яъне дар умум ба баланд шудани таркиби моддаҳои заҳролуд дар об оварда намерасонад.

Бинобар ин, ҷавобгарӣ мутобиқи м.226 КҶ ҶТ дар чунин ҳолатҳо танҳо барои гузаштан аз доираи чунин меъёрҳо бидуни иҷозати махсус, ки боиси баланд шудани дараҷаи ифлосшавии об гардидаанд, ба вуҷуд меояд.

Корхонаҳое, ки партофти партовҳоро амалӣ менамоянд, уҳдарории худро оид ба пардохти маблағҳои муайян аз рӯйи ставкаҳои тартибдодашуда анҷом медиҳанд, ки чунин маблағҳо мумкин аст барои татбиқи тадбирҳои ҳифзи муҳити зист сафарбар гарданд. Ҳамин тавр, ифлос намудани об қонунӣ ҳисоб

---

[149] Парвандаи ҷиноятии №1-87/2021 // Бойгонии суди н. Ҷаббор Расулови вилояти Суғд.

мешавад, агар корхона барои он иҷозат дошта аз доираи меъёрҳои муқаррашуда набарояд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ низ баён мешавад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ ба вуҷуд намеояд, агар зарар ба муҳити табиӣ қонунан дар натиҷаи фаъолияти иҷозатномаи субъектҳои хоҷагидорӣ расонида шуда бошад[150].

Дар вазъияти ҳозираи экологӣ ба андешаи мо истифодаи мафҳуми «ифлосшавии қонунӣ» дуруст нест. Дурусттар мебуд дар бораи ифлосшавии иҷозатдодашуда сухан ронд.

Олудашавӣ – ба манбаъҳои об партофтани оби партови тозанашуда боиси олудашавии микробиологии об мегардад. Созмони Ҷаҳонии Беҳдошт (ТУТ) тахмин мезанад, ки 80 дарсади бемориҳо дар ҷаҳон аз обҳои пастсифат ва ғайрисанитарӣ ба вуҷуд меоянд. Дар деҳот, мушкилоти сифати об махсусан шадид аст – тақрибан 90% сокинони деҳоти ҷаҳон барои нӯшидан ва оббозӣ мунтазам оби олударо истифода мебаранд.

Олуда кардани объектҳои об, ифлосшавии онҳо аз рӯйи маҷмуи аломатҳои зерин фарқ мекунад. Аввалан, ҳангоми ифлосшавӣ моддаҳои кимиёвӣ ба об ворид мешаванд ва ҳангоми олуда шудан ашёҳои андозаашон гуногун, то қисмҳои хеле хурд (заррачаҳои овезон) дохил мешаванд. Дуюм, ин предметҳо-зарраҳо дар фазаи сахт қарор доранд ва дар обанбор дар ин шакл муддати тулонӣ вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, ин ашёҳо бояд дар об ҳалнашаванда ё каме ҳалшаванда бошанд. Сеюм, дар таърифи мафҳуми «ифлосшавӣ» гуфта мешавад, ки он дар натиҷаи воридшавии «моддаҳои зарарнок» ба обанборҳо, яъне моддаҳое, ки бо таъсири муайяни заҳролуд хосанд, ба вуҷуд меояд. Баръакс, ин хусусият дар таърифи истилоҳи «олудашавӣ» вуҷуд надорад. Дар баробари ин, дар ин ҷо инчунин нишон дода шудааст, ки олудашавӣ вазъиятро бадтар намуда, истифодаи объектҳои обро душвор мегардонад. Дар фарқият аз раванди ифлосшавӣ, тарзҳои арзёбии олудашавии объектҳои об вуҷуд надоранд.

[150] Ниг.: Борчашвили И.Ш. Уголовно-правовые проблемы борьбы с преступлениями в сфере экологии: дис. ... д-ра юрид. наук. – Караганда, 1996. – С. 108.

Шакли дуюми кирдор, ки тарафи объективии ҷинояти ифлос кардани обро ташкил медиҳад, ин камшавии захираҳои об ба ҳисоб меравад. Зери мафҳуми камшавии манбаъҳои об ба таври устувор кам гардидани захираҳои обӣ ва бад шудани сифати манбаъҳои об фаҳмида мешавад[151], ки ин мумкин аст боиси фаро расидани оқибатҳои дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда гардад.

Мафҳуми камшавии об пурратар ба таври зайл муайян шудааст: кам гаштани ҳадди ақали муқаррарии обҳои рӯйизаминӣ, ки ҳангоми он беҳбудии экологии объектҳои обӣ таъмин нагашта, тағйир ёфтани миқдор ва сифати об сурат гирифта, шароити истифодабарии об бад мегардад[152].

Вобаста ба ин мумкин аст чунин таърифи ҳуқуқии ҷиноятии кам гаштани захираҳои обро пешниҳод намуд: Зери мафҳуми кам кардани захираҳои об бояд кирдорҳои қасдонаеро фаҳмид, ки ба муносибатҳои дар ҷамъият муқаррашуда доир ба ҳифз, истифодаи оқилона, тоза нигоҳ доштани объектҳои обӣ таҷовуз оварда, боиси кам гардидани обҳои рӯйизаминӣ мегардад, ки дар натиҷа муътадилии объектҳои обӣ таъмин нагашта, тағйир ёфтани сифат ва миқдори об сурат гирифта, шароити бо об таъминнамоӣ бад гашта, ин ба ҳаёт ва саломатии одамон, олами набототу ҳайвонаот таҳдид намуда, боисти фалокатҳои экологӣ ё расонидани зарари ҷиддӣ гашта метавонад.

Ин ҳолат боиси он шуда метавонад, ки объекти об ба таври табиӣ аз нав барқарор шуда наметавонанд ва сабаби хушк шудан, кам гаштани об мегардад.

Камшавии об робитаи табиии байни обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминиро вайрон мекунад.

---

[151] Ниг.: Лопашенко Н.А. Экологические преступления: Коментарий к гл. 26 УКРФ. – СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2002. – С. 111.

[152] Ниг.: Экологический энциклопедический словарь. – М.: Издательский дом «Ноосфера», 1999. – С. 296.

Камшавии обҳои рӯйизаминӣ дар натиҷаи бебозгашт гирифтани об аз дарёҳо ва дигар объектҳои об барои обёрӣ, истеҳсолоти саноатӣ, эҳтиёҷоти коммуналӣ ва ғ. сурат гирифта, норасоии оби тозаро ба миён меорад[153].

Ҷинояти ифлос намудани об тибқи қонуни ҷиноятии кишварамон дорои хусусиятҳои хос мебошад.

Аз таҳлили м.226 КҶ ҶТ метавон чунин хусусиятҳои ҷинояти мазкурро ошкор намуд:

– барои ҷиноят эътироф намудани кирдорҳои ифлос ё олуда кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он бояд дар аввал шахс қаблан (дар давоми як сол) барои ҳамин гуна кирдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда бошад. Агар ҳамин гуна кирдор, ки боиси додани ҷазои маъмурӣ гардидааст, пас аз гузаштани як сол такроран содир шавад, шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, зеро аз татбиқи ҷазои маъмурӣ то содир шудани кирдори ифлос намудани об аллакай як сол сипарӣ гаштааст;

– дар диспозитсияи қ.1 м.226 КҶ ҶТ дар бораи зарари ҷиддӣ расонидан аз кирдорҳои ҷиноятӣ чизе гуфта нашудааст, аз ин рӯ агар кирдори ифлос намудани об дар давоми як соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ такроран содир шавад, новобаста аз ҳаҷми зарари расонидашуда боиси ба миён омадани ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад. Албатта, расонидани зарари ҷиддӣ аз ҷинояти ифлос намудани об ҳангоми бандубасти ҷиноят ба инобат гирифта мешавад, яъне кирдори содиршуда тибқи банди «а», қисми 2-и ҳамин модда бандубаст карда шуда, ҷазои нисбатан вазнинтарро пешбинӣ мекунад;

Кодекси оби ҶТ мафҳуми «шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии об»-ро надодааст.

Мафҳуми шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии об дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ҳамчун тағирёбии назарраси хусусиятҳои ибтидоии химиявӣ, физикӣ

[153] Ниг.: Белик И.С. Эколого-экономическая безопасность. Методическое пособие. – Екатеринбург, 2015. – С. 44.

ва (ё) биологӣ; масалан, ин метавонад тағйирёбии ҷиддии низоми гармии об дар натиҷаи фаъолияти неругоҳҳои барқии гармидиҳӣ бошад, ки ба намудҳои муайяни моҳӣ ва ҳайвоноти обӣ таҳдид мекунад[154], тағйирёбии низоми гармии объектҳои обӣ, ки метавонад барои захираҳои биологӣ хеле хавфнок бошад[155], тағйирёбии номусоиди сифати об дар намуди масалан, аз байн рафтан ё кам гаштани хусусиятҳои табобатии он, тағйироти манфии хусусиятҳои ҷисмонии обҳо, зиёд шудани низоми гармии об ва ғайра маънидод карда мешавад[156].

Ифлосшавӣ, олудашавӣ, камшавӣ ва дигар тағйироти хосиятҳои табиии объектҳои об тавассути ҳаракат ё беҳаракатӣ имконпазир аст.

Ба ақидаи И.Ҳ. Бобоҷонзода, «Ҳаракат ин рафтори фаъоли инсон мебошад. Ба ҳаракати зиддиҳуқуқии ҷинояткоронаи шахс на танҳо ҳаракати бадан, балки истифодаи воситаҳои техникӣ, равандҳои истеҳсолӣ, хосияти ашё ва мавҷудоти биологии дигар низ дохил мешаванд»[157].

Ифлос кардани об метавонад дар натиҷаи беҳаракатии ҷиноятӣ низ ба амал ояд.

Беҳаракатӣ ин рафтори ғайрифаъоли шахс мебошад, ки дар содир накардани он ҳаракатҳое, ки шахс мебоист ва метавонист дар шароити мушаххас иҷро кунад, ифода меёбад[158]. Дар баробари ин, қобили зикр аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои беҳаракатӣ на ҳамеша ба вуҷуд меояд. Ба зиммаи инсон танҳо дар ҳолатҳои муайян уҳдадории бартараф намудани оқибати зарарнокро гузоштан мумкин аст.

Беҳаракатӣ дар ҷинояти ифлос кардани об мумкин аст, дар ҳолатҳои риоя накардани тозагӣ ва безараргардонидани обҳои рӯйизаминӣ, ҳангоми ба он партофтани партовҳои корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, маводҳои дигар ба миён ояд, ки дар чунин маврид шахси

---

154 Ниг.: Яцеленко Б.В. Экологические преступления / Уголовное право России. Части общая и особенная / Под ред. А.И. Рарога. – М.: Велби: Проспект, 2003. – С. 558.

155 Ниг.: Попов В.И. Ответственность за преступное загрязнение вод (по материалам Сибирского и Уральского федеральных округов Российской Федерации): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Омск, 2002. – С. 22.

156 Ниг.: Экологическое право / Под ред. С.А. Боголюбова. – М.: Высшее образование, 2006. – С. 372.

157 Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 143.

158 Ниг.: Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. Асари зикршуда. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 149.

масъул уҳдадориҳои худро иҷро намекунад, яъне беҳаракатӣ зоҳир менамояд. Ба таври дигар беҳаракатӣ танҳо дар ҳолатҳое ҷиноят ҳисоб мешавад, ки агар ба шахс уҳдадории ҳаракат намудан гузошта шуда бошад ва ӯ имконияти воқеии ҳаракат карданро дошта, новобаста ба ин беҳаракатӣ намояд. Уҳадориҳои мазкур мумкин аст тавассути муқаррароти қонун, вазифаҳои касбӣ ва хизматии шахс, вақте ки шахс худаш манфиати бо қонун ҳифзшавандаро дар ҳолати хавфнок мегузорад, яъне таҳдиди пайдоиши оқибатҳои зарарнокро ба вуҷуд меорад, муқаррар шавад.

Гуфтаҳои боло гувоҳӣ медиҳанд, ки беҳаракатии ҷиноятӣ дар соҳаи экологӣ нисбат ба ҷиноятҳо дар дигар соҳаҳо бештар аст.

Қ.1 м.226 КҶ ҶТ[159] преюдитсияи маъмуриро пешбинӣ менамояд, ки мутобиқи он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос ё олуда кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он танҳо дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки агар чунин кирдор дар давоми соли баъд аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад.

Преюдитсия аз калимаи лотинии praejudicium гирифта шуда, чунин маъноҳо дорад: 1) ҳалли пешакии масъала, ҳукми пешакӣ; 2) ҳолате ки имкон медиҳад оқибатҳо баҳо дода шаванд.

Ин истилоҳ ду унсурро дар бар мегирад: prae – дар пеш, ба пеш ва judicialis – судӣ. Ҳангоми синтез кардани маънои морфемаҳо мо praejudicium-ро ба даст меорем, ки маънои «қарори нави ҳуқуқии ба қарори қаблии шабеҳи ба қувваи амал даромадаасосёфта»-ро медиҳад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мафҳум ва мазмуни преюдитсияи маъмурӣ якчанд нуктаи назар мавҷуд аст. Ин муқаррарот, ба таври умум, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсеро муайян мекунад, ки

---

[159] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – Мод. 68.

агар ӯ дар муҳлати муайян (аксаран дар давоми як сол) баъди татбиқи як ё ду ҷазои маъмурӣ боз ҳамин гуна ҳуқуқвайронкунӣ содир карда бошад[160].

Таърифҳои дигари нисбатан муфассали ин категорияи ҳуқуқӣ мавҷуданд. Масалан, И.О. Грунтов чунин меҳисобад, ки преюдитсияи маъмурӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ – алоқаи преюдитсиалии байни якчанд ҳуқуқвайронкуниҳои ҳамшабеҳи дар муддати як сол пас аз татбиқи чораҳои ҷазои маъмурӣ содиршуда мебошад, ки дар натиҷа кирдори содиргардида ҳамчун ҷиноят баҳо дода мешавад[161].

Аломати меъёрҳо бо преюдитсияи маъмурӣ инҳо мебошанд: 1) такрори содиршавии як ё ду ҳуқуқвайронкунии маъмурии якхела ё шабеҳ, ки шахс барои онҳо қаблан ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда буд; 2) муҳлати муайян, ки дар тули он чунин ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ содир шудаанд.

Умумияти ҳамаи намуди ҷиноятҳои дорои преюдитсияи маъмурӣ дар он заҳир мегардад, ки дар онҳо кирдорҳо аз тарафи субъективӣ бо қасди бевосита содир карда мешаванд. Чунин кирдорҳои ҷиноятӣ одатан хавфи калони ҷамъиятӣ ба вуҷуд намеоваранд. Дар аксари мавридҳо онҳо қоидаҳои махсуси рафторро вайрон мекунанд, яъне хислати бланкетӣ доранд.

Дар айни замон дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳқиқоти бунёдӣ оид ба преюдитсияи маъмурӣ ҷой надорад. Танҳо мақолаҳои алоҳида ва тафсирҳои мухтасари қонуни ҷиноятӣ ҷой доранд, ки ин масъаларо баррасӣ кардаанд.

Ин вазъият комилан фаҳмост, зеро асоси ба ҷавобгарии ҷиноятии вобаста ба қаблан содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурии шахс – ин қисми масъалаи тарафи объективии таркиби ҷиноят мебошад.

Ч.Ф. Мустафаев пешниҳод мекунад, ки преюдитсия дар ҳуқуқи маъмурӣ ретсидиви маъмурӣ номида шавад[162], ки бо он розӣ шудан мумкин нест.

---

[160] Ниг.: Колосова В.И. Административная преюдиция как средство предупреждения преступлений и совершенствования уголовного законодательства / В.И. Колосова // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. – 2011. – №5 (1). – С. 248.

[161] Ниг.: Грунтов И.О. Уголовно-правовые нормы с административной преюдицией: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1985. – С. 7.

[162] Ниг.: Мустафаев Ч.Ф. Административная преюдиция в советском уголовном праве: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Баку, 1986. – С. 18.

Ретсидив сирф мафҳуми ҳуқуқии ҷиноятӣ буда, он ҳамчун «содир намудани ҷинояти қасдона аз тарафи шахсе, ки қаблан барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дорад» (м.21 КҶ ҶТ), муайян шудааст. Дар баробари ин, ретсидиви ҷиноят аз преюдитсия бо он фарқ менамояд, ки ретсидив ҳангоми содир намудани ҳамагуна ҷинояти қасдона ҷой дошта метавонад. Преюдисия бошад одатан ҳангоми такроран дар давоми сол содир намудани ҳамон як кирдорҳо муқаррар мешавад.

Е.А. Жарких преюдитсияи маъмуриро дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ретсидиви маъмурӣ-ҳуқуқӣ номгузорӣ менамояд[163], ки бо ин розӣ будан мушкил аст. Чунин номгузорӣ бо вуҷуди ишора намудан ба робита бо ҳуқуқи маъмурӣ аломати асосии преюдитсия – монанд будани кирдори содиршудаи шахсро фаро намегирад.

Ба андешаи мо истифода шудани истилоҳҳои «преюдитсияи маъмурӣ» ва «преюдитсияи маъмурӣ-ҷиноятӣ» бештар ба ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ мувофиқат менамояд. Зеро истилоҳи «преюдитсияи маъмурӣ-ҷиноятӣ» моҳияти институти мазкурро бештар инъикос намуда, аломатҳои хоси тавсифдиҳандаи онро дарбар гирифта метавонад. Преюдитсияи маъмурӣ бо чунин хусусиятҳо тавсиф мегардад: аз ҷониби шахс такроран дар давоми сол содир намудани ҳамон як кирдор; ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудан барои кирдори аввал; трансформатсияи шудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ.

Преюдитсияи маъмурӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ васеъ истифода бурда мешуд. КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 зиёда аз 15 таркиби ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ муқаррар намуда буд, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои экологӣ, хоҷагӣ, нақлиётӣ, молумулкӣ ва ба муқобили тартиботи идоракунӣ муқаррар намуда буд.

Таркиби ҷиноятҳои дорои преюдитсияи маъмурӣ муддати тулонӣ боиси эътирози мушаххаси олимон ва кормандони амалӣ набуд, аммо солҳои 70-80-уми асри XX дар давраи афзоиши таваҷҷуҳ ба ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд

---

[163] Ниг.: Жарких Е.А. Уголовно-правовой и административно-правовой рецидив: точки соприкосновения / Е.А. Жарких // Российский следователь. – 2016. – №19. – С. 23-26.

нашрияҳое пайдо шуданд, ки танқиди шадиди преюдитсияи маъмуриро дар бар мегирифтанд[164]. Дар зери таъсири ин интиқод, ҳангоми таҳия ва қабули кодексҳои ҷиноятии мамлакатҳои пасошуравӣ, мақомоти қонунгузории мамлакатҳои пасошуравӣ аз истифодаи преюдитсияи маъмурӣ нисбати ҷинояти ифлос намудани об ва баъзе дигар ҷиноятҳо даст кашиданд. Аммо қонуни ҷиноятии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ин ниҳоди ҳуқуқии ҷиноятӣ даст накашида, дар масъалаи ифлос кардани об қоидаи амал намудани онро муқаррар намуд.

Мухолифони истифодабарии преюдитсияи маъмурӣ қайд мекунанд: ин сохтор манъи конститутсиониро дар бораи такроран суд кардан барои як ҷиноят вайрон мекунад; институти преюдитсияи маъмурӣ сарҳади байни ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, байни ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маъмуриро норавшан месозад; ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сарфи назар аз он ки чанд маротиба такрор карда шавад, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ боқӣ мемонад ва хосиятҳои моддии ҷиноятро пайдо намекунад. Сохтори баррасишаванда сатҳи ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро паст мекунад, зеро ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан, ки аломати ҳатмии таркиби ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ мебошад, бо тартиби содакардашуда сурат мегирад[165].

Ба андешаи мо, муқаррар намудани манъи ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ бо истифода аз преюдитсияи маъмурӣ як қатор бартариҳои раднашаванда медиҳад. Пеш аз ҳама, преюдитсияи маъмурӣ иқтидори профилактикии манъи дахлдори ҳуқуқии ҷиноятиро якбора зиёд мекунад. Шахсе, ки ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст, боэътимод медонад, ки ӯ мақоми шахси дорои ҷазои маъмурӣ мебошад ва оқибатҳои ҳуқуқии такроран содир намудани ҳуқуқвайронкунии шабеҳро пешгӯӣ карда метавонад ва аз имкони татбиқи ҷазои ҷиноятӣ нисбати ӯ огоҳ аст. Институти преюдитсияи маъмурӣ чандирӣ ва мутобиқшавии ҳифзи ҳуқуқии манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро афзоиш

[164] Ниг.: Капинус О.С. Административная преюдиция в уголовном праве: проблемы теории и практики / О.С. Капинус // Журнал российского права. – 2019. – №6. – С. 79.
[165] Ниг.: Безверхов А.Г. Возвращение «административной преюдиции» в уголовное законодательство России / А.Г. Безверхов // Российская юстиция. – 2012. – №1. – С. 52-53.

дода, ба қонунгузор дар робита ба тафриқасозии байнисоҳавии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Ин сохтори ҳуқуқӣ ба қонунгузор имкон медиҳад, ки бо риояи принсипи сарфаи таъқиби ҷиноятӣ криминализатсияи «нарм»-и кирдорро ба амал барорад.

Мутаассифона, дар қисми умумии КҶ ҶТ ба институти преюдитсия маълумоти умумӣ бахшида нашудааст, ҳол он ки ин институтро дар қисми махсус нисбати ҷиноятҳои вайрон кардани тартиби ташкил ва гузаронидани маҷлисҳо, гирдиҳамоиҳо, ҳамоишҳо, пикетгузориҳо ва роҳпаймоиҳо (м.160), барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) (м.189), ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан, гирифта гаштани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш (қ.4 м.195), муомилоти ғайриқонунии маводи тарфгарӣ (пиротехникӣ) (м.199 (1)), идора намудани воситаи нақлиёт бо рақами қайди давлатии бегона, рақами қалбакӣ ва ё тайёр кардани рақамҳои қалбакии қайди воситаи нақлиёт (м.212 (1)), идора кардани воситаи нақлиёт аз тарафи шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад ва дар ҳолати мастӣ қарор дорад (м.212 (2)), ифлос кардани об (қ.1 м.126), вандализм (м.237 (1)), истифодаи ғайриқонунии воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ (қ.1-2 м.275), ифшо намудани иттилоот дар бораи чораҳои аз ҷониби мақоми ваколатдор дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом андешидашаванда (м.278 (1)), муомилоти ғайриқонунӣ бо асъори хориҷӣ (м.286), қочоқ (м.289), вайрон кардани низоми сарҳади давлатӣ (м.336), худсарона ишғол намудани қитъаи замин ва сохтмони худсарона дар он (м.338), вайрон кардани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба пайвасткунии симкорт ба шабакаи алоқаи барқӣ ва ба соҳибияти каси дигар додани он (м.341 (1)) васеъ истифода мебарад.

Бояд тазаккур дод, ки муқаррарот дар бораи преюдитсияи маъмурӣ дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус ба таври муфассал танзим шудааст. Дар м.32 қонуни ҷиноятии ин мамлакат омадааст, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти хатари калони ҷамъиятӣ надошта ҳамон вақт фаро мерасад, ки агар кирдор дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ ё интизомӣ барои худи ҳамон ҳуқуқвайронкунӣ содир шуда бошад[166]. Бо ин меъёр қонунгузор, аввалан, категорияи ҷиноятҳоеро муайян кардааст, ки аломатҳои онҳо дар тартиб додани зарари маъмурӣ пешбинӣ шудаанд, дуюм, мӯҳлати умумиеро муайян кардааст, ки дар давоми он метавонад ҷавобгарии ҷиноятӣ барои такроран содир намудани кирдори якхела ба миён ояд, сеюм, ибтидои ҷорӣ шудани ин муҳлатро муқаррар намудааст.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, барои он ки шахс тибқи қ.1 м.226 КҶ ҶТ барои ифлос кардани об ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, вай бояд қаблан (дар давоми то як сол) ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда бошад ва нисбаташ ҷазои маъмурӣ татбиқ шуда бошад.

Аз таҷрибаи судии кишварамон низ мушоҳида карда метавонем, ки преюдитсияи маъмурӣ шарти ҳатмии диспозитсияи қ.1 м.226 КҶ ҶТ мебошад.

Суди ноҳияи Варзоб дар маҷлиси ошкоро 29 марти соли 2016 парвандаи ҷиноятиро бо айбдории Ҷ.Д. баррасӣ намуд. Суд муайян намуд, ки судшаванда санаи 17 июни соли 2015 барои ғайриқонунӣ дар соҳили дарёи Варзоб ба шустушӯи воситаи нақлиёт машғул шудан ва ифлос кардани манбаи оби нӯшокӣ аз тарафи шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Варзоб ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, нисбаташ ҷаримаи маъмурӣ ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъин карда шудааст. Аммо Ҷ.Д. аз ин чораи маъмурӣ ба хулосаи даркорӣ наомада, боз санаи 6 феврали соли 2016 дар киллометри 42-юми канори шоҳроҳи «Душанбе – Чанок», воқеъ дар деҳаи Ҳушёрии ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъаи ноҳияи Варзоб дар қитъаи замини

[166] Уголовный кодекс Республики Беларусь от 9 июля 1999 г., №275-З-2014 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://pravo.by/document/?guid=3871&p0=hk9900275 (санаи муроҷиат: 03.11.2023).

боғдорӣ ба шустушӯи воситаи нақлиёт машғул шуда, пасмондаҳои оби аз нақлиёт шустушӯкардашударо ба дарёи Варзоб равона кардааст.

Дар асоси хулосаи шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Варзоб аз 16 феврали соли 2016 пасмондаҳои оби аз нуқтаи шустушӯи нақлиёт бамиёномада дар таркибаш унсурҳои кимиёвии ба ҳаёту саломатӣ зарарнок дошта, боиси ифлос гардидани манбаи оби рӯйизаминӣ гардидааст.

Дар мурофиаи судӣ гуноҳи судшаванда пурра исбот карда мешавад ва худи ӯ ба гуноҳаш пурра иқрор шуда, аз кирдораш сидқан пушаймон мегардад.

Ҳамин тариқ, Ҷ.Д., ки дар давоми соли татбиқи ҷазои маъмурӣ такроран обро ифлос намудааст, бо қ.1 м.226 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ бо ҳукми Суди н. Варзоб ба андозаи 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад[167].

Аз ин рӯ, мо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008[168] назар меафканем ва мушоҳида мекунем, ки боби 11 ин кодекс «Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои об» ном дорад ва моддаҳои 173-179-ро дар бар мегирад. Аммо дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба мисли КҶ ҶТ ягон моддаи алоҳида ҷой надорад, ки ба тамоми талаботи диспозитсияи ҷинояти ифлос намудани об ҷавоб диҳад. Аниқтараш, ягон меъёри Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ меъёри «ифлос ё олуда кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он»-ро дар шакли том дарҷ накардааст, ки барои он ҷазои маъмурӣ дода шавад. Аз ин рӯ саволе ба миён меояд, ки барои вайрон кардани кадом моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахс бояд ҷазои маъмурӣ гирифта бошаду дар ҳолати содир намудани кирдори шабеҳ кирдори шахс бо қ.1 м.226 КҶ ҶТ бандубаст карда

---

[167] Парвандаи ҷиноятии №1-63/16 // Бойгонии Суди н. Варзоб.

[168] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №12. – қ.1 мод. 989.

шавад? Барои ба ин савол ҷавоб додан, мо ба моддаҳои алоҳидаи боби 11-и ин кодекс назар меафканем.

Моддаи 174 КҲМ ҶТ «Риоя накардани қоидаҳои истифодаи об» чунин муқаррар мекунад: «Барои аз меъёри муқарраршуда зиёд сарф кардани об, худсарона истифода бурдани об ва худсарона анҷом додани корҳои гидротехникӣ, ғайримақсаднок истифода бурдани об, риоя накардани қоидаҳои ҳисоби миқдори оби аз объектҳои об гирифташаванда ва ба объектҳои об ҷоришаванда, риоя накардани назорати сифати оби партов, ба об партофтани маводи ифлоскунанда, инчунин сохтани иншооти обгирӣ дар манбаи обҳои рӯйизаминӣ бе иншооту таҷҳизоти ҳифзи моҳиҳо, рад кардани пешниҳоди маълумоти саҳеҳ ва саривақтӣ ё пешниҳод намудани маълумоти нодуруст дар бораи ҳолати истифодаи захираҳои об...». Аз муқаррароти моддаи мазкур бармеояд, ки ҳуқуқвайронкунанда кирдоре содир мекунад, ки ба мунтазам кам кардани захираҳои об оварда мерасонад. Аз ин рӯ, агар шахс барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз рӯйи м.174 КҲМ ҶТ ҷазои маъмурӣ гирифта бошад, барои минбаъд дар давоми як сол содир намудани кирдори шабеҳ барои содир намудани ҷинояти ифлос намудани об ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Яке аз ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки бевосита ба ифлос кардани об алоқаманд аст, диспозитсияи м.177 КҲМ ҶТ (Бо партовҳои маишӣ ифлос кардани чашмаҳо ва дигар манбаъҳои об, ки дар заминҳои захираи давлатии об воқеанд) мебошад. Тибқи моддаи мазкур: «Барои бо пасмонда ва партовҳои маишӣ ифлос кардани чашмаҳо ва дигар манбаъҳои об, ки дар заминҳои захираи давлатии об воқеанд...».

Аз муқаррароти моддаи мазкур бармеояд, ки кирдори ҳуқуқвайронкунанда ба ифлос кардан ё олуда кардани об равона мегардад. Аммо ин муқаррарот нисбат ба диспозитсияи қ.1 м.226 КҶ ҶТ маҳдудтар буда, танҳо бо пасмонда ва партовҳои маишӣ ифлос кардани чашмаҳо ва дигар

манбаи обҳои дар заминҳои захираи давлатии об воқеъбударо дар назар дорад.

Дар ҳолати ҷазо гирифтан барои дигар ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои об (масалан, расонидани зарар ба иншооту воситаҳои хоҷагии об, риоя накардани қоидаҳои истифодаи онҳо, риоя накардани қоида ва меъёрҳои ҳифзи захираи об), мумкин аст шахс дар давоми як сол барои содир намудани кирдори шабеҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад, агар ин ҳуқуқвайронкунии маъмурии шахс боиси ифлос гардидан, олуда шудан ва кам гардидани об гардида бошад.

Ба фикри мо хуб мебуд, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ моддаи нав ҷой дода шавад, ки диспозитсияи қ.1 м.226 КҶ ҶТ-ро бо мазмуни зайл таҷдид намояд: «Ифлос ё олуда кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он». Дар ин маврид, шахс барои содир намудани ин кирдорҳо якум бор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад ва дар ҳолати такроран дар муддати як соли татбиқи ҷазои маъмурӣ содир намудани чунин кирдорҳо аз рӯйи талаботи қ.1 м.226 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Бо ин роҳ мувофиқат байни меъёри ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноят оид ба ифлос намудани об таъмин карда мешуд.

Ҳамчунин, бояд дар назар дошт, ки кирдори пешбининамудаи қ.1 м.226 КҶ ҶТ «Ифлос ё олуда кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои оби нӯшиданӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он», ки боиси расондани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ гардида бошад, новобаста аз он ки чунин кирдор дар давоми соли баъд аз татбиқи ҷазои маъмурӣ содир шуда бошад, ҷиноят ҳисобида мешавад ва бо банди «а», қ.2 м.226 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки преюдиксияи маъмурӣ нисбати ҷинояте ки ба

ҷамъият хавфнокиаш зиёд аст ва оқибатҳои нисбатан вазнинро ба миён меорад, татбиқ карда намешавад.

Ҷинояти ифлос кардани об аз лаҳзаи содир намудани кирдорҳои дар диспозитсияи қ.1 м.226 КҶ ҶТ муқаррааргардида хотимаёфта эътироф мешавад. Албатта, бо шарти дар давоми сол пас аз татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ такроран содир намудани чунин кирдорҳо. Вале дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол баҳсҳо оид ба он идома дорад, ки ифлос ё олуда кардани об чӣ ҳисоб мешавад: кирдор ё оқибат? Масалан, ба андешаи Н.А. Лопашенко дар ҷинояти ифлос кардани об ҳаракат дар қонун бо чунин тарз тасвир шудааст, ки он оқибатро ифода мекунад. Оқибати аввал барои фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ кофӣ намебошад. Бояд оқибатҳои дуюм низ муқаррар карда шаванд (дар намуди расонидани зарари ҷиддӣ)[169].

П.М. Ермолинский низ мавқеи ба ин монандро ишғол намуда иброз медорад, ки тарафи объективии ифлос ё олуда сохтани об тавассути муқаррар намудани чунин аломати ҳатмии тарафи объективӣ ба монанди оқибати барои ҷамъият хавфнок тартиб дода шудааст. Бар замми ҳангоми ифлос кардани об нишондод ҳам нисбат ба оқибати аввал ва ҳам оқибати дуюм ҷой дорад. Ифлос ё олуда сохтани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, ки дар дар давоми соли баъд аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин кирдор содир шуда бошад – оқибати аввал; ифлос ё олуда сохтани об, ки боиси марги инсон шудааст – оқибати якум ва дуюм[170].

Ба андешаи Н.В. Качина ифлос ё олуда кардани об, кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии онро ба сифати ҷараён (масалан, ба об партофтани моддаҳои заҳролуд) ва ҳам оқибати чунин ҳаракат (вақте об аллакай ифлос шудааст) баҳо медиҳад[171].

---

[169] Ниг.: Полный курс уголовного права. Т. 4 / Под ред. А.И. Коробеева. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2008. – С. 450-451.
[170] Ниг.: Ермолинский П.М. Объективная сторона пресупного загрязнения земель, вод и леса по законодательству Беларуси / П.М. Ермолинский // Российский юридический журнал. – 2008. – №5. – С. 123.
[171] Ниг.: Качина Н.В. Загрязнение вод (статья 250 УК РФ): проблемы правоприменения и пути правового решения / Н.В. Качина // Законы России: опыт, анализ, практика. – 2012. – №8. – С. 65.

Ба андешаи мо ибораи «ифлос кардани об» дар м.226 КҶ ҶТ барои тасвири худи кирдор истифода шудааст, дар акси ҳол агар мо эътироф намоем, ки ифлос ё олуда сохтани об ин оқибати ҷиноят мебошад, пас худи кирдор аз доираи диспозитсияи моддаи мазкур берун мемонад.

Бинобар ин, таркиби ҷинояти дар қ.1 м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда расмӣ буда, он дар ҳолати дар давоми сол пас аз татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ содир намудани кирдорҳо дар намуди ифлос ё олуда кардани об, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии об хотимаёфта эътироф мешавад.

Оқибат ба сифати аломати ҳатмии таркиби ҷиноят дар намуди расондани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ, аз беэҳтиётӣ ба саломатии одамон зарар расонидан, муромурии саросари ҳайвонот, аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон гаштаанд танҳо ҳангоми бандубасти кирдор аз рӯйи б.б. «а», «б», «в» қ.2 ва қ.3 м.226 КҶ аҳаммият дорад, яъне дар ҳолатҳои зерин таркиби ҷиноят моддӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр аломатҳои объективии ҷинояти ифлос кардани обро таҳлил намуда метавон ба хулосаҳои зерин омад:

1. Объекти хелӣ ва намудӣ, ки ба онҳо кирдори ҷиноятии дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда таҷовуз меоварад, бояд соҳаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятиро фаҳмид, ки амнияти экологӣ ва ҳифзи муҳити зистро таъмин менамоянд.

2. Объекти бевоситаи ҷинояти ифлос кардани об муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳифз намудани онҳо, дар ҳолати тозагӣ нигоҳ доштани объектҳои обӣ ва муҳити зист ба ҳисоб меравад.

Предмети ин ҷиноят объекти обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ, манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ мебошанд, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ифлос, олуда ё кам мешаванд.

3. Ҷинояти дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда мумкин аст ба объекти факултативӣ низ зарар расонад, ки ба сифати он метавонанд муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ, муносибатҳои хоҷагидорӣ ва ғайра баромад намоянд.

Ба объектҳои иловагии бевоситаи ҷинояти пешбининамудаи қ.2 м.226 Кодекси ҷиноятии ҶТ муносибатҳои ҷамъиятие дохил мешаванд, ки ба ҳифзи олами набототу ҳайвонот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ва кишоварзӣ, ҳаёт ва саломатии одамон, минтақаҳои мамнуъгоҳи давлатӣ ё парваришгоҳ ё дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулоддаи экологӣ нигаронида шудаанд. Объектҳои иловагии бевосита дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ ба таври алтернативӣ нишон дода шудаанд ва барои ба вуҷуд омадани таркиби ҷиноят, расонидани зарар ба яке аз онҳо кофӣ мебошад.

4. Ҷинояти ифлос кардани об бо роҳи олуда кардан, кам кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ сурат мегирад. Тибқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ диспозитсияи меъёри таҳқиқшаванда тавсифи мафҳумҳои «ифлосшавӣ», «олудашавӣ», «камшавӣ»-ро дар бар намегирад ва бланкетӣ мебошад. Аммо дар Кодекси оби ҶТ низ ин мафҳумҳо ошкор карда нашудаанд. Ба андешаи мо мафҳумҳои «ислосшавӣ», «олудашавӣ», «камшавӣ»-ро ба таври зайл муайян кардан мумкин аст: «ифлосшавии объектҳои об» ин – ғайриқонунӣ ба об дохил намудани моддаҳои зарароваре, ки сифати обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминиро бад мегардонанд, истифодаи қаър ва соҳилҳои объектҳои обро маҳдуд месозанд, ё ба онҳо таъсири манфӣ мерасонанд; олудашавии объектҳои об – ғайриқонунӣ ба объектҳои об партофтани моддаҳо ё зарраҳои муаллақ ба объектҳои об, ки ҳолат ва истифодаи объектҳои обро душвор месозанд; камшавии об – мунтазам камшавии захира ва бадшавии сифати обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ.

5. Бо мақсади мувофиқ гардонидани муқаррароти қ.1 м.226 КҶ ҶТ бо Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешниҳод мешавад, ки ба охирин моддаи нав ҷой дода шавад, ки диспозитсияи қ.1 м.226 КҶ ҶТ-ро бо мазмуни зайл

таҷдид намояд: «Ифлос ё олуда кардани обҳои рӯйизаминӣ ё зеризаминӣ, мунтазам кам кардани захираҳои об ё бад кардани сифати он ё шакли дигари тағйири хусусиятҳои табиии он». Дар ин маврид, шахс барои содир намудани ин кирдорҳо якум бор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад ва дар ҳолати такроран дар муддати як соли татбиқи ҷазои маъмурӣ содир намудани чунин кирдорҳо аз рӯйи талаботи қ.1 м.226 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Бо ин роҳ мувофиқат байни меъёри ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҷиноят оид ба ифлос намудани об таъмин карда мегардад.

## 2.2. Аломатҳои субъективии ҷинояти ифлос кардани об

Аломатҳои субъективии ҷинояти ифлос кардани об тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноятро дарбар мегирад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масоили муайян намудани тарафи субъективии ҷиноят диққати махсуси олимонро ба худ ҷалб намудааст. Новобаста аз мавҷуд будани корҳои илмии бунёдӣ дар таҳқиқи гуноҳ то ҳол дар мавриди аломатҳои тарафи субъективии ҷиноят гуногунандешӣ ҷой дорад. Сабаби ба таври гуногун маънидод намудани тарафи субъективии ҷиноят аз мураккабии институти мазкур вобаста мебошад. Хусусияти тарафи субъективӣ дар он ифода мегардад, ки ҳатто фарқияти ҷузъӣ дар маънидод намудани он метавонад сарҳади ҷавобгарии ҷиноятиро тағйир диҳад[172].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ тарафи субъективии ҷиноят ҳамчун фаъолияти руҳии шахс, ки бевосита бо ҷинояти содиршуда алоқаманд мебошад[173], муносибати руҳии шахси гунаҳгор нисбат ба кирдори барои ҷамъият хавфнок (ва оқибатҳои он), ки бо гуноҳ дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ифода мегардад ва дар баъзе ҳолатҳо дар ангеза, мақсад, вазъи махсуси ҳаяҷон, ки руҳияи шахсро дар лаҳзаи амалӣ намудани кирдор тавсиф медиҳанд[174],

---

[172] Ниг.: Актуальные проблемы уголовного права: учебник для магистрантов / Отв.ред. И.А. Подоройкина. – М., 2016. – С. 165.
[173] Ниг.: Рарог А.И. Субъективная сторона и квалификация преступлений. – М.: ООО «Профобразование», 2001. – С. 6.
[174] Ниг.: Сверчков В.В. Курс уголовного права. Общая часть. Учебник для бакалавриата и магистратуры. – М., 2016. – С. 250.

ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, ҳолати руҳии шахсро, ки гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҷунунро тавсиф медиҳанд[175] муайян мегардад.

Аломати асосии тарафи субъективии ҷиноят гуноҳ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти аҳаммияти гуноҳ барои ҷавобгарии ҷиноятӣ қонунгузор онро дар қатори принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ҷойгир намудааст (қ.қ.2, 3 м.7 КҶ ҶТ). Ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипи гунаҳкоркунии субъективӣ асос ёфта, мутобиқи он барои содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфноки дар КҶ ҶТ ҷиноят эътироф шуда, шахс танҳо дар ҳолате ҷавобгар мебошад, ки агар онро бо гуноҳи қасдона ё аз беэҳтиётӣ содир намуда бошад.

Ҳангоми бегуноҳона расонидани зарар шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Агар принсипи гунаҳгорӣ (гунаҳгоркунии субъективӣ) асоси ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ бошад, пас мутобиқи қ.3 м.7 КҶ ҶТ гунаҳкоркунии объективӣ, яъне, расонидани зарари бегуноҳона ҷавобгариро истисно мекунад. Ҳолатҳои бегуноҳ (тасодуф) расонидани зарар дар м.31 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Ҷавобгарии гунаҳкорона – принсипи конститутсионӣ аст. Мутобиқи қ.1 м.20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад».

Муқаррар намудани унсурҳои тарафи субъективии ҷиноят барои бандубасти дурусти кирдор, барои аз ҳам ҷудо намудани таркибҳои шабеҳ, барои фардикунонидани ҷавобгарӣ аҳаммияти муҳим дорад. Дар кирдор мушаххас муайян намудани унсури мазкури таркиби ҷиноят барои риояи принсипҳои қонуни ҷиноятӣ, аз ҷумла принсипи қонуният (м.4 КҶ ҶТ) ва принсипи гунаҳгорӣ (м.7 КҶ ҶТ) мусоидат менамояд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми гуноҳ ба таври гуногун тавсиф мешавад. Чунончи гуноҳ ҳамчун аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят дар муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдори барои ҷамъият хавфнок (ва

[175] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: китоби дарсӣ: дар 3 ҷилд. Ҷилди 1 / Зери таҳрири умумии д.и.ҳ. Раҳимзода Р.Ҳ. – Душанбе,2023. – С. 137.

оқибатҳои он) дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ифода мегардад, яъне дар шакли чунин ҳолати руҳии шахс, ки он имкон медиҳад кирдори худро идора намуда ҷиноят содир намояд[176].

В.А. Нерсеян таърифи ба ин монанди гуноҳро дода онро ҳамчун «муносибати руҳии шахс дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ нисбати кирдори содирнамудааш ва оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки он, ки муносибати манфии ӯро ба арзишҳои дар ҷомеа қабулшуда ифода мекунад» муайян месозад[177].

Гуноҳ ин муносибати манфии руҳии шахс ба арзишҳои дар қ.1 м.2 КҶ нишондодашуда мебошад, ки дар содир намудани ҷинояти қасдона ё аз беэҳтиётӣ расонидани зарари ҷиддӣ ба чунин арзишҳо ифода мегардад[178].

Г.В. Верина мафҳумҳои гуноҳро таҳлил намуда хулсабарорӣ менамояд, ки гуноҳ ин на танҳо қасд ё беэҳтиётӣ мебошад, балки он инчунин ифодагари додани баҳои манфӣ аз номи давлат ба ҳама аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноят ва ҷинояткорро тавсифдиҳанда ба шумор меравад[179].

Айни замон бештари олимон гуноҳро ҳамчун муносибати руҳии шахс ба кирдори барои ҷамъият хавфноки содиршуда ва оқибатҳои он дар шакли қасд ва беэҳтиётӣ тавсиф медиҳанд[180].

И.Ҳ. Бобоҷонзода якчанда хусусиятҳои гуноҳро ҷудо менамояд:

– аломати ҳатмии тарафи субъективии дилхоҳ таркиби ҷиноят ба ҳисоб рафтан он, ки мумкин аст дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ва ё ҳар ду ифода ёбад;

– гуноҳ лаҳзаҳои зеҳнӣ ва иродавии муносибати руҳии шахс ба кирдори ба ҷамъият хавфноки бо қонуни ҷиноятӣ пешбинишуда ва оқибатҳои онро тавсиф медиҳад;

---

[176] Ниг.: Сверчков В.В. Курс уголовного права. Общая часть. Учебник для бакалавриата и магистратуры. – М., 2016. – С. 251.

[177] Ниг.: Нерсесян В.А. Ответственность за неосторожные преступления: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2006. – С. 24.

[178] Ниг.: Уголовное право. Общая часть. Учебник для бакалавров / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – С. 158-159.

[179] Ниг.: Верина Г.В. Субъективная сторона преступления / Уголовное право России: курс лекций: в 6 т. / Под ред. Б.Т. Разгильдиева. Т. 2. – Саратов: Изд-во ГОУ ВПО «Сарат. гос. академия права», 2008. – С. 332.

[180] Ниг.: Уголовное право. В 2 т. Общая часть: учебник для академического бакалавриата / Отв. ред. А.В. Наумов, А.Г. Кибальник. – М., 2019. – С. 125.

– гуноҳ ифодагарӣ муносибати манфии шахс ба арзишҳои иҷтимоӣ, ки дорои мазмуни равонӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошанд, ба ҳисоб меравад[181].

Дар муайян намудани тарафи субъективии ҷиноят тарзҳои дарҷ гардидани аломатиҳои тарафи объективии ҷиноят дар диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ нақши муайян дорад. Зеро вобаста ба дараҷаи ифодагардидани чунин аломатҳо ҷиноят ба ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ ва моддӣ ҷудо мешавад.

Дар чунин маврид инъикоси аломатҳои тарафи субъективии ҷиноят дар ин ду ҳолат якхела нестанд. Бинобар ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ диққати махсус ба муайян намудани мазмуни гуноҳ дар ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ дода мешавад, ки ба он аз ҷумла таркиби ҷинояти дар м.226 КҶ ҶТ пешбинишуда дохил мешавад. Доир ба тарафи субъективии ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ асосан ду нуқтаи назар иброз шудааст. Якум, баён мешавад, ки дар ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ гуноҳ дар муносибати шахс на танҳо ба кирдор, балки ба оқибати он низ ифода мегардад[182]. Дигар муаллифон чунин меҳисобанд, ки дар чунин маврид оқибат аломати тарафи объективии ҷиноят ба ҳисоб намеравад ва муносибати руҳии шахс ба он ба шакли гуноҳ ва бандубаст таъсир намерасонад, яъне дар ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ шакли гуноҳ вобаста ба муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдор муайян карда мешавад[183].

Мо низ андешаи охиронро тарафдорӣ менамоем, зеро он фарқияти байни таркибҳои моддӣ ва расмиро сарфи назар наменамояд.

Дар таҳрири феълии м.226 КҶ ҶТ, ба истиснои меъёрҳои банди б, қ.2 ва қ.3 нишондод ба шакли гуноҳ вуҷуд надорад.

---

[181] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 240.

[182] Ниг.: Никифоров Б.С. Применение общего определения умысла и норм Особенной части УК / Б.С. Никифоров // Советское государство и право. – 1966. – №7. – С. 27.

[183] Ниг.: Дагель П.С. Проблемы вины в советском уголовном праве / П.С. Дагель // Ученные записки ДВГУ. – 1969. – №21. – Ч.1. – С. 74.

Аз ин рӯ, дар байни ҳуқуқшиносон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба шакли гуноҳ дар кирдори ҷиноятии таҳқиқшаванда аксаран баҳсҳо ба амал меоянд.

Самтҳои асосӣ инҳоянд:

1) Қасди бевосита ҳангоми содир кардани ҷинояти дар қ.1 м.226 Кодекси ҷиноятӣ пешбинишуда баҳри содир намудани кирдор равона гардидааст, қасди бавосита бошад, нисбати худи кирдор нигаронида шудааст. Агар қасди расонидани зарари ҷиддии экологӣ ҷой дошта бошад, пас вобаста ба хусусиятҳои тарафи объективӣ, ангеза ва мақсадҳои кирдори гунаҳгор сухан дар бораи ҷиноят ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ ё ҷиноят ба муқобили сулҳу амнияти инсоният меравад: таҳрибкорӣ (м.309 КҶ ҶТ), терроризм (м.179 КҶ ҶТ), экотсид (м.400 КҶ ҶТ).

Чунин кирдорҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ «терроризми экологӣ» ном гирифтаанд[184].

2) Вобаста ба андешаи гурӯҳи дигари олимон ҳангоми ҷинояти ифлос кардани об гуноҳ нисбат ба кирдор бо қасд ва нисбати оқибат дар шакли беэҳтиётӣ ифода мегардад[185].

3) Гурӯҳи муаллифони китоби дарсии «Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ» зери таҳрири Н.И. Ветров ва Ю.И. Ляпунов таҳиягардида, чунин мешуморад, ки дар содир намудани ҷинояти ифлос кардани об «дилхоҳ шакл ва намуди гуноҳ» ҷой дорад[186]. Масалан иброз мешавад, ки маҳдуд намудани тарафи субъективии ҷинояти ифлос кардани об танҳо бо як шакли гуноҳ асоснок ба ҳисоб намеравад, зеро дар чунин ҳолат кирдори шахсони зиёди ба ифлос кардани объектҳои об роҳдиҳанда аз доираи таъсири меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ берун мемонанд[187].

---

[184] Ниг.: Генри Э. Против терроризма. – М.,1981. – С. 21.

[185] Ниг.: Романов А.А. Преступное загрязнение вод в России: уголовно-правовое и криминологическое исследование: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2010. – С. 109.

[186] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть. Учебник / Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М.: Новый юрист, 1998. – С. 488.

[187] Ниг.: Швейгер А.О. К вопросу субъективной стороны состава преступного загрязнения вод / А.О. Швейгер // Власть и управление на Востоке России. – 2015. –№3 (72). – С. 134-138.

Ба андешаи мо шакли гуноҳ бояд вобаста ба сохти ҷинояти дахлдор дар моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ муайян карда мешавад. Азбаски қ.1 м.226 КҶ ҶТ дорои таркиби расмӣ буда, дар он оқибати ҷиноят нишон дода нашудааст бинобар ин он бо гуноҳ дар шакли қасд дар намуди қасди бевосита тавсиф мегардад.

Вобаста ба кирдориҳои пешбининамудаи қ.2 м.226 КҶ ҶТ, ки фаро расидани оқибатҳои муайян алоқаманд мебошанд, дар мавриди шакли гуноҳ андешаҳои гуногун баён шудааст. Масалан, муаллифони «Тафсири Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия» ( зери таҳрири Ю.И. Скуратов ва В.М. Лебедев қайд мекунанд: «Тарафи субъективии ҷиноят дар шакли қасди бавосита ифода меёбад, вақте ки шахс ба ҷамъият хавфнок будани кирдори содиркардаашро дарк мекунад, ҳамчунин дарк мекунад, ки манъкориҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар қонунгузориро оид ба ифлос кардан, олуда сохтани об (манъи зиёд кардани ҳаҷм ё таркиби сифатии моддаҳо, пайвастагиҳо, маҳсулот ва ғайраи ба об партофташаванда) риоя намекунад, бошуурона ба рух додани ин оқибатҳо роҳ медиҳанд ё ба пайдоиши онҳо бепарвоёна муносибат мекунанд»[188].

Ин мавқеъ ҳам асоснок менамояд, зеро истифодаи тафсири меъёрии масъалаҳои гуноҳи қасдона ва беэҳтиётиро, ки худи қонунгузор додааст, дар назар дорад. Қисми 2 моддаи 27 КҶ ҶТ муқаррар мекунад, ки «Кирдори танҳо аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад». Бинобар ин, ҷиноятҳое, ки дар онҳо шакли гуноҳ нишон дода нашудааст, онҳо ҳам қасдан ва ҳам аз беэҳтиётӣ содир шуда метавонанд.

Аммо нисбати расонидани зарар ба шахсият, ки дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ ба сифати оқибати ҷиноят пешбинӣ шудааст, қонунгузор бевосита ба шакли гуноҳи беэҳтиётӣ нисбати чунин оқибат ишора намудааст. Бинобар ин ҳангоми пешбинӣ намудани оқибати дар б «б» қ.2 м.226 КҶ ҶТ муқаррашуда

[188] Комментарий к Уголовному кодексу РФ / Под ред. Ю.И. Скуратова и В.М. Лебедева. Изд. 2-е. – М., 1999. – С. 577.

ва роҳ додан ба фаро расидани он мумкин аст аз содир намудани ҷинояти қасдона масалан, ҷиноятҳо ба муқобили шахсият шаҳодат диҳад. Дар чунин маврид танҳо бо гуноҳи қасдона тавсиф шудани ҳам кирдор ва ҳам оқибат таркиби ҷинояти ифлос кардани обро истисно месозад, яъне агар мақсади ифлос кардани об қасдан расонидани зарар ба саломатии одамон ё қасдан ба марг расонидани онҳо бошад, вай бо моддаи 226 КҶ ҶТ бандубаст карда намешавад.

4) Баъзе муаллифон ҳангоми муайян намудани шакли гуноҳ барои ҷинояти ифлос кардани об чунин ақида доранд, ки он бо шакли гуноҳи дугона тавсиф мегардад[189].

Масалан, П.М. Ермолинский ҷинояти дар м.272 КҶ Белорус (Ифлос кардан ё олуда сохтани об) муқараршударо, ки бо м.226 КҶ ҶТ монанди дошт, таҳлил намуда истода, чунин баён менамояд, ки гуноҳ дар ҷинояти мазкур мумкин аст дар шакли ҳам қасд ва ҳам беэҳтиётӣ ифода гардад. Масалан, қасд нисбати оқибати аввал равона шуда, беэҳтиётӣ нисбати оқибати дуюм, яъне ин ҷо шакли мураккаби гуноҳ ҷой дорад[190].

Аммо чунин андеша нисбати таркиби асосии ҷинояти дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда қобили қабул буда наметавонад, зеро таркиби асосии моддаи мазкур фаро расидани ягон оқибатро дар бар намегирад.

Ҷиноятҳое, ки бо ду шакли гуноҳ содир мешаванд, бори аввал дар м.30 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст. Аммо м.30 КҶ ҶТ мавҷуд будани ду шакли гуноҳро танҳо бо ҳолатҳое вобаста намудааст, ки агар дар натиҷаи қасдан содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ дигар оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок расонида шавад, ки мувофиқи КҶ ҶТ боиси таъини ҷазои сахттар мегардад.

Қисмҳои 1 ва 2 м. 126 КҶ ҶТ (ба истиснои банди «б», қ.2 ҳамин модда) муқаррарот дар бораи содир кардани кирдор аз беэҳтиётиро муқаррар

[189] Ниг.: Чертова Н.А. Уголовная ответственность за преступные посягательства на экологическую безопасность водной среды (по материалам Архангельской области): дис. … канд. юрид. наук. – М., 1997. – С. 82.

[190] Ниг.: Ермолинский П.М. Субъективная сторона пресупного загрязнения природных объектов и комплексов по Уголовному кодексу Республики Беларусь / П.М. Ермолинский // Вопросы криминологии, криминалистики и судебной экспертизы. – 2012. – №2 (32). – С. 123.

намесозад. Танҳо банди «б», қ.2 ва қ. 3 ҳамин модда муносибатро нисбат ба оқибатҳо дар шакли беэҳтиётӣ пешбинӣ мекунад. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҷинояти ифлос кардани об танҳо қасдона содир мешавад. Дар ин ҳолат муқаррароти қ.2 м.27 КҶ ҶТ татбиқ намегардад, ки мувофиқи он кирдори танҳо аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбинӣ шуда бошад. Зеро ин меъёр ба ҷиноятҳое дахл дорад, ки танҳо дар шакли беэҳтиётӣ содир мешаванд. Дар дигар ҳолатҳо мумкин аст, ки ҷиноят ҳам дар шакли қасд ва ҳам дар шакли беэҳтиётӣ содир карда шавад.

Як гурӯҳ олимон тарафи субъективии ҷинояти ифлос кардани обро танҳо бо қасди бавосита маҳдуд мекунанд[191].

Масалан, ба ақидаи И.Ҳ. Бобоҷонзода тарафи субъективии ҷинояти ифлос кардани об бо қасди бавосита тавсиф меёбад. Ӯ дар Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин менависад: «Шахс амали зиддиҳуқуқии содирнамудаашро, ки манъҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ ё дигар қонунҳоро вобаста ба ифлос намудани об ё манъҳоро вобаста ба зиёд намудани ҳаҷми партов ба об ё манъро нисбат ба таркиби сифатии маводу маҳсулоти партовшаванда дарк мекунад ва ба фарорасии оқибатҳои зикргардида роҳ медиҳад ё нисбат ба онҳо беэътиноёна муносибат менамояд»[192]. Муаллиф аз беэҳтиётӣ содир гардидани кирдорҳои қ.2 ва қ.3, м.226 КҶ ҶТ-ро рад намекунад.

Ба ақидаи гурӯҳи шашуми олимон бояд тарафи субъективии ҷиноятҳои экологӣ, аз ҷумла ҷинояти ифлос кардани об бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ тавсиф гардад[193].

---

[191] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Особенная часть / Под общ. ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева. – М.: Изд-кая группа ИНФРА М-НОРМА, 1996. – С. 357; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации с постатейными материалами и судебной практикой / Под общ. ред. С.И. Никулина. – М.: Изд-во «Менеджер» совместно с изд. «Юрайт», 2001. – С. 794.
[192] Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе, 2005. – С. 687.
[193] Ниг.: Евлоев Н.Д. Уголовная ответственность и наказание за неосторожные преступления: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2001. – С. 12.

Гурӯҳи сеюми олимон, махсусан, Э.Н. Жевлаков, чунин мавқеъро дастгирӣ мекунад, ки мувофиқи он ҷинояти ифлос кардани об бо гуноҳ дар шакли касд ва беэҳтиётӣ нисбат ба кирдор ва беэҳтиётӣ нисбат ба оқибат содир мешавад.

Чунин ақидаро як қатор олимон, аз қабили Н.А. Селиванов, К.С. Скоромников[194], О.Л. Дубовик, А.Э. Жалинский[195], Т.А. Бушуева[196], П.С. Дагел[197], В.В. Петров[198], В.Н. Баландюк[199] дастгирӣ намуда, онҳо ба он назаранд, ки ифлос кардани об кирдори ҳам қасдона ва ҳам аз беэҳтиётӣ содиршуда буда метавонад.

Албатта инкор намудани он ки аксари ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ мумкин аст бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ содир шаванд, асоснок нест. Зеро шароити муосири рушди илму техника, зиёд гаштани манбаъҳои хавфи ҷамъиятии калондошта, хавфи ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршаванда меафзояд. Вале, ҳар чи бештар криминализатсия намудани кирдор, аз ҷумла аз ҳисоби васеъ намудани доири ҷавобгарӣ вобаста ба шакли гуноҳ мумкин аст ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад, яъне боиси паст шудани нуфузи қонуни ҷиноятӣ, сарфи назар намудани манъкуниҳо ва татбиқ нашудани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ гардад.

Ҳамин тавр ба андешаи мо, аз сабаби он ки тарафи объективии таркиби асосии ҷинояти ифлос кардани об (қ.1 м.226 КҶ ҶТ) ба сифати аломати ҳатмӣ танҳо кирдорро нишон медиҳад, бинобар ин тарафи субъектии он низ танҳо бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита тавсиф мегардад.

---

[194] Ниг.: Селиванов Н.А., Скоромников К.С. Расследование преступных загрязнений природной среды. Учебное пособие. – М.: МНЭПУ, 1994. – С. 19.
[195] Ниг.: Дубовик О.Л., Жалинский А.Э. Причины экологических преступлений. – М.: Изд-во Наука, 1988. – С. 89.
[196] Ниг.: Бушуева Т.А. О неосторожных преступлениях в области окружающей среды // Проблемы борьбы с преступной неосторожностью. Межвуз. темат. сб. вып. 2. – Владивосток: Изд-во ДВГУ, 1978. – С. 62.
[197] Ниг.: Дагель П.С. Неосторожность. Уголовно-правовые и криминологические проблемы. – М.: Изд-во Юрид. лит-ра, 1977. – С. 10.
[198] Ниг.: Петров В.В. Экологические преступления: понятия и составы / В.В. Петров // Гос. и право. – 1993. – №8. – С. 93.
[199] Ниг.: Баландюк В.Н. Экологические преступления (Понятия, виды, квалификация). – Омск: Юридический институт МВД России, 1998. – С. 29.

Муносибати шахс нисбат ба оқибатҳои ҷинояти ифлос кардани об мумкин аст бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ ифода гардад. Ба андешаи Д.Б. Миннигулова муносибати субъекти дилхоҳ аз ҷиноятҳои экологӣ нисбати кирдори худ ҳангоми расонидани зарар ба муҳити табиат мумкин аст дар шакли қасд (бевосита ва бавосита) ва беэҳтиётӣ ифода гардад. Нисбати оқибат бошад гуноҳ мумкин аст, танҳо дар шакли беэҳтиётӣ бошад[200].

Ҳангоми муайян намудани тарафи субъективии ҷинояти ифлос кардани об баён мешавад, ки муносибати шахс ба оқибат мумкин аст инчунин бо қасди бавосита ифода гардад. Масалан, А.А. Гареев чунин баён менамояд, ки тарафи субъективии ҷинояти ифлос кардани об дар шакли қасди бавосита ифода мегардад, чунки шахс зиддиҳуқуқӣ будани кирдорҳои худро тавассути вайрон намудани манъкуниҳои бо қонуни ҷиноятӣ ва дигар қонунгузориҳо муқарраршудаи ҳифз намудани об ё манъкуниҳо дар хусуси аз меъёр зиёд ба об партофтани моддаҳо ва маҳсулотҳо ё манъкуниҳоро дар бораи сифати таркиби партовҳо ва ғайра дарк менамояд, ва фаро расидани чунин оқибатҳо роҳ медиҳад ё нисбати он беэтиноёна муносибат мекунад[201].

Ҷой доштани қасди бевосита нисбати оқибат ба таври асоснок аз ҷониби бештари олимон инкор мешавад. П.Б. Еремкин баён медорад, ки ҳангоми содир шудани ҷиноятҳои ифлос намудани муҳити зист мавҷудияти гуноҳ дар шакли қасди бевосита дар гумон аст, ки имконпазир бошад. Одатан объектҳои табиатро ифлос намуда истода шахси гунаҳгор ба ҷамъият хавфнок будани кирдорро дарк мекунад, имконияти фаро расидани оқибатҳои хавфнокро пешбинӣ менамояд, аммо шубҳаовар аст, ки дар ӯ хоҳиши фаро расидани оқибатҳо дар намуди расонидани зарари ҷиддӣ ба табиат ҷой дошта бошад[202].

---

[200] Ниг.: Миннигулова Д.Б. Уголовно-правовые и криминологические меры борьбы с загрязнением окружающей природной среды: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 124.
[201] Ниг.: Гареев А.А. Экологические преступления: уголовно-правовое противодействие: дис. ... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2006. – С. 80.
[202] Ниг.: Еремкин П.В. Борьба с загрязнением окружающей среды (криминологические и уголовно-правовые аспекты): дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 98.

Барои дуруст баҳо додан ба шакли гуноҳ ҳангоми содир шудани ҷинояти ифлос кардани об муайян намудани мазмуни унсурҳои зеҳнӣ ва иродавии қасд зарур мебошад.

Лаҳзаи зеҳнии қасд дар мавриди ҷинояти мазкур мумкин аст чунин тавсиф гардад, яъне шахс ба ҷамъият хавфнок будани кирдори худро дарк менамояд, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибатҳои онро пешбинӣ мекунад.

Дар таҷрибаи судиву тафтишотӣ одатан муносибати руҳии шахс нисбат ба оқибати ҷинояти мазкур ба таври мушаххас муайян карда намешавад. Танҳо дар ҳукмҳо нишон дода мешавад, ки шахс дидаву дониста қоидаҳои ҳифз намудани обро вайрон месозад.

Масалан, Суди н. Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд парвандаи ҷиноятии №1-158-ро бо айбдории шаҳрванд Я.А. барои содир кардани ҷиноят бо қ.1 м.226 (ифлос кардани об) ва қ.1 м.228 (хароб кардани замин) баррасӣ намуд.

Муайян карда шуд, ки судшаванда аз 17 сентябри соли 2017 то 18 апрели соли 2023 ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ҷамоати деҳоти Ёва, деҳаи Боғи боло дар бӯстонсаройи «Фарҳод» фермаи чорвопарварӣ ташкил намуда, тахминан 400 сар хукро парвариш намудааст. Тибқи банди 4 зербанди 3 меъёр оид ба танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёҳои дарозиашон аз 100 км зиёд ва имконияти обгузарониашон зиёда аз 50 метри муккааб дар сония, минтақаи ҳифзи об 150 метр муқаррар карда шудааст. Аммо судшаванда дидаю дониста бар хилофи талаботи банди 7, зербанди 4 меъёри зикршуда, ки тибқи он ҷойгир кардани комплексҳои чорводорӣ, фермаҳо, ҷойҳои гӯронидан, партовҳои ахлот, партовҳои истеҳсолот, инчунин барои обёрӣ истифода бурдани партовҳои обии аз пору тайёршуда қатъиян манъ карда шудааст, амал намуда, дар соҳили Сирдарё дар бӯстонсаройи «Фарҳод» партовҳои обии аз пору тайёршудаи хукро ба маҷрои дарё ҷорӣ намудааст. Дар як вақт пешоб ва порӯйи хукро дар ҷойи муқаррарӣ ҷойгир намуда, обҳои рӯйизаминӣ, зеризаминӣ ва манбаъҳои оби нӯшиданиро ифлос ва олуда кардааст. Мутобиқи хулосаи мутахассисони шуъбаи назорати давлатии

истифода ва ҳифзи захираҳои оби Сарраёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд зарари ба давлат расонидашуда маблағи умумии 1488,72 сомониро ташкил медиҳад.

Инчунин, шаҳрванд Я.А. бо ин кирдори худ таъмини тартиботи ҳуқуқии қоидаҳои ҳифз ва истифодаи заминро риоя накарда, 3900 метри мураббаъ қитъаи заминро хароб намудааст. Мувофиқи хулосаи мутахассисони шуъбаи мониторинги экологӣ, таҳлил ва ахбороту иттилоотии Сарраёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд маблағи умумии зарари ба давлат расонидашуда 9235,56 сомониро ташкил медиҳад.

Шаҳрванд Я.А. дар маҷлиси судӣ дархости хаттӣ пешниҳод намуда, хоҳиш кард, ки тибқи талаботи м. 310 КМҶ ҶТ тафтиши судӣ бо тартиби содакардашуда, яъне бе таҳлили далелҳо гузаронида шавад. Ҳамчунин судшаванда Я.А. дар маҷлиси судӣ худашро пурра гунаҳгор эътироф намуда, баён кард, ки иқроршавии ӯ маҷбурӣ нест ва аз кирдори кардааш сидқан пушаймон аст. Дар мурофиаи судӣ нովобаста аз он ки судшаванда ба гуноҳаш пурра иқрор мешавад, боз гуноҳи ӯ бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ исботи худро ёфт.

Ҳамин тариқ, дар асоси таъиноти судӣ аз 18 апрели соли 2023 пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати Я. А. бо м.м.226, қ.1 ва 228, қ.1 КҶ ҶТ бо дастрасӣ ба м.72 КҶ ҶТ бинобар сабаби пушаймонӣ аз кирдораш қатъ карда шуда, ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шуд[203].

Муносибати руҳии гунаҳгор ба дигар аломатҳои объективӣ ба шакли гуноҳ таъсир намерасонад, дар он ҳолат ки охирин ба мазмуни он дохил мешавад (Сарфи назар аз он ки ба ҳавз ё обанбор партофтани халтаи партовҳои сахти коммуналӣ ё як халта гербисидҳои заҳролудшуда аз рӯйи оқибатҳои худ барои ҳар як одами оқил гуногун аст)[204].

---

[203] Парвандаи ҷиноятии №1-158/23 // Бойгонии Суди н. Бобоҷон Ғафуров.
[204] Ниг.: Филаленко А.Ю. Уголовно-правовая ответственностӣ за загрязнение вод: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2002. – С. 72, 75.

Унсури дуюми лаҳзаи зеҳнӣ ин пешбинӣ карда тавонистани фарорасии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок аз тарафи ҷинояткор мебошад.

А.В. Наумов ва А.Г. Кибалник хусусиятҳои пешбининамоиро ҳангоми қасд чунин муайян месозанд: «Пешбинӣ намудани оқибатҳои зараровар, пешбинӣ шудани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро аз ҷониби гунаҳгор, дар натиҷаи содир намудани ҳаракат ё беҳаракатии барои ҷамъият хавфнок ифода мекунад. Шахси гунаҳгор мумкин аст имконият ва ногузирии фаро расидани оқибати дахлдорро пешбинӣ намояд. Пешбинӣ намудани имконияти фаро расидани оқибат онро ифода мекунад, ки чунин оқибат мумкин аст бо ин ё он сабаб ба вуҷуд наояд. Дар ҳолати ногузирӣ бошад дар шуури гунаҳгор ҷой доштани ин ё он ҳолати ба фаро расидани оқибат монеъшавандаро истисно месозад»[205].

Ҳангоми қасди бевосита шахси гунаҳгор имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ месозад. Дар қасди бавосита бошад пешбинии гунаҳгор танҳо бо имконияти фаро расидани чунин оқибат маҳдуд мегардад.

Бинобар ин фарқияти асосии байни қасди бевосита ва бавосита аз рӯйи мазмуни аломати иродавӣ сурат мегирдад: ҳангоми қасди бавосита дар фарқият аз қасди бевосита шахс, гарчанде имконияти фаро расидани оқибати ҷиноятро пешбинӣ намояд ҳам, хоҳони фаро расидани чунин оқибат намебошад. Қонуни ҷиноятӣ ду намуди чунин хоҳон набуданро фарқ менамояд: дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ додан ва беэътиноёна муносибат кардан ба он.

Хоҳони фаро расидани оқибат будан лаҳзи иродавии қасди бевоситаро тавсиф медиҳад. Чунин хоҳиш фаъолияти мақсадноки гунаҳгорро ифода мекунад. Барои гунаҳгор дар ин маврид оқибати дахлдори барои ҷамъият хавфнок натиҷаи бошуурона ва мақсадноки ҳаракат ё беҳаракатии барои ҷамъият хавфноки ӯ ба ҳисоб меравад.

---

[205] Уголовное право. В 2 т. Общая часть: учебник для академического бакалавриата / Отв. ред. А.В. Наумов, А.Г. Кибальник. – М., 2019. – С. 128-129.

Лаҳзаи иродавии қасди бавосита ин дидаву дониста роҳ додан ба оқибатҳои ҷиноятӣ ё беэътиноёна муносибат кардан нисбат ба онҳо мебошад. Ҳангоми қасди бавосита гунаҳгор:

– ба фаро расидани оқибат кӯшиш намекунад;

– дар шароити мушаххас ба фаро расидани он дидаю дониста роҳ медиҳад;

– нисбат ба он муносибати беэътиноёна зоҳир менамояд, яъне на ба ягон ҳолати муайян (ҳаракатҳои худ, ҳаракатҳои дигарон, қувваҳои табиат), ки ба ақидаи ӯ метавонанд фарорасии оқибатро пешгирӣ кунанд, балки ба ягон тасодуфот умед мебандад. Масалан, ҷинояткор манфиатдор аст, ки бо ҳар роҳе аз оби партовҳои саноатӣ халос шавад. Оқибаташ ба ӯ фарқ надорад ва то андозае ба ӯ маъқул нест.

Лаҳзаи иродавии қасди бавосита дар муносибати бепарвоёна, нописандона ба муҳити зист ва ҳифзи он зоҳир мегардад.

Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун яке аз воситаҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба ҷинояткорон ҷазои қатъӣ дода, бояд муносибати бепарвоёна доштан ба табиатро роҳ надиҳад.

Азбаски қонун муқаррар намудани муносибати руҳии шахсро ҳам ба кирдор ва ҳам ба оқибатҳои он муқаррар кардааст ва тарафи объективии ҷиноят бо таркиби расмии он бо як аломат – кирдори барои ҷамъият хавфнок тамом мешавад, пас мазмуни иродавии қасд бо муносибат бо ин аломат муайян карда шавад. Бинобар ин азбаски кирдори дар қ.1 м.226 КҶ ҶТ пешбинишуда дорои таркиби расмӣ мебошад, дар ин маврид мазмуни иродавии қасд дар хостани содир намудани кирдорҳои дар диспозитсияи моддаи мазкур ифодагардида зоҳир мешавад. Дар ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои расмӣ, ки қ.1 м.226 КҶ ҶТ чунин мебошад, муносибати гунаҳгор ба оқибатҳо ба бандубасти кирдор таъсир намерасонад ва бинобар ин зарурати муқаррар намудани он ҷой надорад.

Оқибатҳо ба тарафи объективии танҳо таркибҳои моддӣ дохил мешаванд. Чи тавре дар боло ишора намудем, қ.қ.2, 3 м.226 КҶ ҶТ дорои таркиби моддӣ мебошад (ба истиснои, б. «г» қ.2 м.226 КҶ ҶТ). Вале қонунгузор мушаххас

муносибати руҳии шахсро нисбат ба оқибати ин гуна кирдорҳо пурра муайян накардааст. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки бо мақсади такмил додани сохти м.226 КҶ ҶТ дар б.б. «а», «в» қ.2 м.226 КҶ ҶТ ибораи «боиси аз беэҳтиётӣ...» илова карда шавад.

Дар таҷрибаи судӣ бо қасди бавосита содир шудани ҷинояти ифлос кардани об ишора мешавад. Масалан, 3 майи соли 2016 Суди н. Варзоб дар маҷлиси оркорои судӣ парвандаи ҷиноятиро бо айбдории У.С. дар содир намудани ҷинояти қ.1 м.226 КҶ ҶТ баррасӣ намуд. Суд муайян намуд, ки У.С. барои ғайриқонунӣ дар соҳили дарёи Варзоб ба шустушӯи воситаҳои нақлиёт машғул шудан ва ифлос кардани манбаи оби нӯшокӣ дар таърихи 17 июни соли 2015 бо қарори мақомоти ваколатдор, шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Варзоб ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, нисбаташ ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда шуд. У.С. аз ин кирдораш хулосаи даркорӣ набароварда, дидаю дониста боз санаи 4 феврали соли 2016 дар километри 43,300 канори шоҳроҳи «Душанбе – Чанок», воқеъ дар деҳаи Ҳушёрӣ, ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъаи ноҳияи Варзоб дар қитъаи замини боғдории худашро ба нуктаи шустушӯи воситаҳои нақлиёт табдил дода, пасмондаҳои оби аз нақлиёти шустушӯкардашударо ба дарёи Варзоб равона кардааст.

Дар маҷлиси судӣ гуноҳи судшаванда пурра исбот гардида, бо ҳукми суди ноҳияи Варзоб нисбаташ ҷазои ҷиноятӣ дар намуди корҳои ислоҳӣ ба муҳлати 6 (шаш) моҳ бо нигоҳ доштани 15% музди меҳнат ба фоидаи давлат таъин карда шуд ва чораи пешгирӣ, дар намуди забонхат дар бораи нарафтан аз маҳалли истиқомат то ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми мазкур бетағйир монда шуд[206].

Аз баррасии парвандаи мазкур бармеояд, ки судшаванда У.С. новобаста аз он ки барои ифлос кардани об ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда буд, боз дидаю дониста нуктаи шустушӯи автомобилҳо ташкил намуда, мунтазам

---

[206] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-26/16 // Бойгонии Суди н. Варзоб.

оби дарёи Варзобро ифлос кардааст. Гуноҳи ӯ дар шакли қасди бавосита ҷой дорад, зеро ӯ ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати худро дарк карда, имконияти фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ намуда буд. Аммо фаро расидани оқибати ифлос гардидани обро нахоста, вале ба фаро расидани ин оқибатҳо беэътиноёна муносибат намуд.

Намудҳои асосии гуноҳи беэҳтиётӣ, ки дар м.29 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, худбоварӣ ва бепарвоӣ мебошанд. Дар ҳолатҳои ифлосшавии об ҳардуи ин гуна гуноҳ ба амал омаданаш мумкин аст.

Худбоварӣ вақте ба амал меояд, ки шахси ҷиноят содиркарда аз аломатҳои амал ё беамалии содиркардааш огоҳ бошад, имкон дошт ва уҳдадор буд онҳоро дарк намояд, эҳтимолияти ба амал омадани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешгӯӣ мекард, вале бе асосҳои кофӣ худбоварона умед дошт, ки оқибатро пешгирӣ мекунад, вале бо вуҷуди ин оқибат ба амал меояд.

Ҷиноятро бо худбоварӣ содир намуда истода, гунаҳгор ҳама вақт ин ё он қоидаҳои муайянро вайрон менамояд. Зимнан бояд вайрон намудани чунин қоидаҳо дар ҳолате сурат гирад, ки субъект аз хатари таҳдидкунанда ва ба вуҷуд омадани ҳолати таваккалӣ огоҳӣ пайдо намояд. Бинобар ин, аз назари психологӣ худбоварӣ вобаста ба табиати худ рафтори ба таваккал асосёфтаро ифода мекунад, ки ҳангоми он гунаҳгор имконияти фаро расидани оқибатҳои номусоидро дарк намуда новобаста ба ин ба қарори амалӣ намудани таваккал меояд, зеро ӯ чунин меҳисобад, ки оқибатҳоро бартараф карда метавонад.

В.А. Номоконов қайд мекунад: «Оқибати ҷиноят, ин натиҷаи «рад» кардани саҳв дар рафтори шахсони рафтори беэҳтиёткорона содирнамуда мебошад»[207]. Ба ақидаи Угрехелидзе М.Г. – «...ҳар гуна беэҳтиётӣ, аслан, хатои узрнопазирро ифода мекунад»[208].

---

[207] Номоконов В.А. Установление неосторожной вины / Актуальные проблемы борьбы с преступной неосторожностью. Межвуз. темат. сб. – Владивосток: Изд-во ДВГУ, 1983. – С. 45.

[208] Угрехелидзе М.Г. Природа неосторожного поведения в свете советской психологии / Проблемы борьбы с преступной неосторожностью в условиях научно-технической революции. Темат. сб. – Владивосток: Изд-во ДВГУ, 1976. – Т. 175. – С. 26.

Субъекти ҷинояти беэҳтиётӣ дидаву дониста манфиатҳои ҷамъиятро зери хатар мегузорад. Сабабҳои ҷиноятҳои беэҳтиётӣ аз бисёр ҷиҳат аз баҳо надодани субъект ба муҳиммияти манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда вобастагӣ дорад. Ин ҷо шахс барои худ арзиши пасти ин неъматҳоеро, ки зери хатар мегузорад, муайян мекунад.

Лаҳзаи зеҳнии беэҳтиётӣ танҳо бо пешбинӣ кардани фаросии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок аз тарафи гунаҳгор маҳдуд мешавад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки шахсе, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир кардааст, хавфи ҷамъиятии кирдори худро дарк намекунад. А.М. Трухин дар ин ҷо фарқи асосӣ байни қасд ва беэҳтиётиро мебинад[209].

Фарқияти асосии аз рӯйи беэҳтиётии худбоварӣ ифлос кардани об аз содир намудани чунин кирдор бо қасди бавосита дар он аст, ки дар ҳолати якум ҳисоби худбоварона бе асосҳои кофӣ ҷиҳати пешгирии ифлос кардани объектҳои об ҷой дорад.

Ҳангоми ифлос кардани об субъект имконияти фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки кирдори худро пешбинӣ менамояд, яъне пешбинӣ менамояд, ки дар натиҷаи кирдорҳои ӯ мумкин аст боиси расондани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ гардад, вале бе асосҳои кофӣ худбоварона ҳисоб менамояд, ки он оқибатҳоро бартараф мекунад.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки дар ҳолати ифлосшавии ҷиноятии об субъекти ҷиноят нисбати фаросии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок муносибати манфӣ дорад. Шахс бе асосҳои кофӣ чунин меҳисобад, ки оқибат дар натиҷаи ифлос кардани об фаро намерасад. Қонун бандубасти кирдори беэҳтиёткоронаро бо аз ҷониби ҷинояткор иҷро намудани ҳаракатҳои муайяни пешгирикунандаи зарар алокаманд намекунад. Барои қонунгузор кофист, ки шахс барои ҳолатҳои муайян, ки ба андешаи ҷинояткор оқибатҳои зарароварро роҳ намедиҳад, умед бандад. Кирдори аз беэҳтиётӣ

[209] Ниг.: Трухин А.М. Интеллектуальный критерий разграничения форм виновности в советском уголовном праве / А.М. Трухин // Вестн. Моск. ун-тета. – 1976. – №1. – С. 83.

содирнамудаи шахс дар ҳисоби худ хато мекунад. Дар натиҷаи ҳисоби нодуруст оқибати ифлос кардани об ба миён меояд.

Дар ҳолати беэҳтиётии бепарвоёна шахс имконияти фаро расидани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокро пешбинӣ намекунад, ҳол он ки ҳангоми таваҷҷуҳи зарурӣ ва дурандешӣ онҳоро мебоист ва метавонист пешбинӣ кунад. Дар ин ҳолат субъект аксар вақт моҳияти ҷиноятии кирдори худро дарк намекунад ва боварӣ дорад, ки ӯ комилан қонунӣ амал мекунад.

Критерияи объективии бепарвоӣ бо маҳак тавсиф мегардад: маҳакҳои объективӣ ва субъективӣ. Маҳаки объективӣ аз уҳдадории пешбинӣ намудани оқибати ҷиноят иборат мебошад, ки он аз уҳдадориҳои дар қонун зикршуда, мақоми касбӣ, қоидаҳои умумии дар ҷомеа қабулшуда ва ғайра бармеояд.

Маҳаки субъективии бепарвоӣ қобилиятҳои фардии шахси мушаххасро дар мавриди пешбинӣ намудани оқибатҳои ҷиноят дар бар мегирад, яъне шахс бояд имконияти пешбинӣ намудани чунин оқибатҳоро дошта бошад. Чунин имконият аз сифатҳои шахсият, тахассус, хусусияти ҳолатҳое, ки ҳангоми он кирдори барои ҷамъият хавфнок содир мешаванд, вобастагӣ дорад.

Ба ғайр аз гуноҳ, ба сифати аломатҳои иловагии тарафи субъективӣ мақсад ва ангеза баромад менамоянд. Б.С.Викторов ба таври асоснок ифроз менамояд, ки «ҳаракатҳои беангеза мавҷуд нестанд»[210].

Дар таркиби ҷинояти баррасишаванда қонунгузор аломатҳои мазкурро ба сифати аломати ҳатмии таркиби ҷиноят номбар накардааст. Бинобар ин мақсад ва ангеза ҳангоми содир шудани ҷинояти ифлос кардани об мумкин аст ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда ё сабуккунандаи ҷазо ба назар гирифта шаванд.

Қисмати асосии тарафи субъективиро ташкил дода истода, гунаҳгор дар як вақт ба он ҷавоб дода наметавонад, ки барои чӣ ҷиноят содир намудааст. Ҷавоб ба чунин савол тавассути муайян намудани аломатҳои дигари тарафи субъективӣ ба монанди ангеза ва мақсад амалӣ мешавад.

[210] Викторов Б.А. Цель и мотивы в тяжких преступлениях. – М.: Гос-юриздат, 1963. – С. 15.

Муҳим будани муқаррар намудани ангеза ва мақсад аз рӯйи ҳар як ҷинояти бо ифлос кардани об алоқаманд бо он асоснок мегардад, ин унсурҳои фаъолияти руҳӣ объекти ҳатмии исботкунӣ аз рӯйи ҳар як парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд (м.85 КМҶ ҶТ). Барои он ки дуруст хулоса барорем, ки шахс кирдор ва оқибати онро дарк намудааст ё не, бояд донист, ки кадом омилҳо ин кирдорро ба амал овардаанд, шахсро ба содир кардани ҷиноят чӣ водор кардааст, кадом ангезаҳо барои содир шудани онҳо асос гардиданд[211].

Мақсад он аст, ки шахси гунаҳкор барои он мекӯшад. Мақсади ҷиноят тасаввуроти инсон оид ба натиҷаи фаъолият ё натиҷаи хаёлӣ (ғоявӣ) мебошад. Ангезаи ҷиноят омили водоркунанда, сарчашмаи фаъолии инсон фаҳмида мешавад[212].

Ангеза ва мақсад ба меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ дар баъзе таркибҳо дохил шуда, самти ҷараёни иродавиро аниқ намуда ба он хусусияти мушаххас медиҳанд. Новобаста ба он ки мақсад ва ангеза бо ҳам робитаи зич доранд, бояд баён намуд, ки инҳо зуҳуротҳои мустақили руҳӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҷинояти ифлос кардани об бо дилхоҳ ангеза содир шуданаш мумкин аст.

Бояд ба асоснок намудани гуноҳ, аниқ муайян намудани ангеза ва мақсад ҳангоми содир шудани ҷинояти ифлос кардани об дар таҷрибаи судиву тафтишотӣ диққати махсус дод. Чунки агар мақсади ҷиноят худситоӣ, беэътиноӣ, ғараз ва дигар ангезаҳои қабеҳ бошад, ин ҳолат бояд ҳангоми таъйини чораи дахлдори ҷазо ба назар гирифта шавад.

Чи тавре омӯзиши адабиётҳои ҳуқуқӣ ва парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ифлос намудани об шаҳодат медиҳанд, лаҳзаи ибтидоии содир намудани ҷиноят ин ба вуҷуд омадани ангеза мебошад, ки дар асоси он субъект ноил шудан ба мақсади муайянро пеша мекунад. Омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки моҳияти ҷиноятӣ дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда асосан дар ангезаву мақсадҳои зерин ифода мегардад: 1) беэътиноӣ нисбат ба ҷамъият

---

211 Ниг.: Волков Б.С. Мотив и квалификация преступлений. – Казань: Изд-во Казанского ун-та, 1968. – С. 15.
212 Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Р.Ҳ. Раҳимзода ва И.Ҳ. Бобоҷонзода. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 268.

– 46%; 2) қонеъ намудани талаботҳои худнамоӣ – 13%; 3) дигар мақсад ва ангезаҳо – 41%.

Ҳамин тавр доираи мақсад ва ангеза ҳангоми ифлос кардани об метавонад гуногун бошад. Таҳлил ва омӯзиши он метавонад нақши пешгирикунандаро дар самти содиршавии ҷинояти ифлос кардани об иҷро намояд.

Аломати дигари тавсифдиҳандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани об субъекти ҷиноят ба ҳисоб меравад.

Қонунгузории ҷиноятии қаблӣ (КҶ ҶШС Тоҷикистон (1961)) ва КҶ ҶТ (1998) меъёри махсуси муайнкунандаи мафҳуми «субъекти ҷиноят»-ро муқаррар накардаанд. Ҳамзамон дар м.22 КҶ ҶТ «Шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ» моҳиятан мафҳуми умумии субъекти ҷиноят дода шудааст. Мутобиқи моддаи мазкур танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс расидааст.

Таҳлили м.22 КҶ ҶТ имкон медиҳад, ки се аломати субъекти ҷиноятро ҷудо намоем: а) шахси воқеӣ; б) мукаллаф будан; 3) ба синну солу ҷавобгарии ҷиноятӣ расидан.

Пеш аз ҳама ба сифати субъети ҷиноят шахси воқеӣ, яъне инсон баромад мекунад. Аз ибтидои кодификатсияи қонунгузории ҷиноятӣ дар Тоҷикистон (дар замони шуравӣ) ба сифати субъекти ҷиноят шахси воқеӣ баромад мекард, ҳарчанд бевосита ин дар тафовут аз КҶ ҶТ ҳоло амалкунанда қайд нагардида буд.

Мувофиқи қ.1 м.23 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсе кашида мешавад, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст. Ин синну соли умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад.

Муқаррар намудани чунин синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки бо расидан ба ин синну сол шахс имкон дорад хислати воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии ин кирдорҳои худро дарк намояд.

Бо ҳамин сабаб дар қ.4 м.23 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки агар ноболиғ дар вақти содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ба синну соли дар қ.қ.1 ё

2 м.23 КҶ ҶТ пешбинишуда расида бошад, аммо дар натиҷаи ақиб мондан дар инкишофи рӯҳӣ, ки бо парешонҳолии рӯҳӣ алоқаманд намебошад, наметавонист ба таври пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд, ё онҳоро идора намояд, ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Ҳангоми муайян намудани субъекти ҷинояти ифлос намудани об муқаррар намудани аломатҳои зеҳнӣ ва иродавӣ дар кирдори шахси гунаҳгор аҳаммияти калон дорад. Лаҳзаи зеҳнӣ онро муайян месозад, ки оё шахс моҳият ва мазмуни кирдори худро дарк карда метавонад ё не? Лаҳзаи иродавӣ бошад қобилияти идора карда тавонистани кирдорро ифода мекунад.

Вобаста ба инкишофи рӯҳӣ ва синну сол, шахс дар бораи арзишҳои дар ҷомеа мавҷудбуда, аз ҷумла оид ба арзишҳои муҳити зист донишҳои муайян ба даст меорад. Икишофи ақлу ирода ва тафаккур вобаста ба синну сол сурат гирифта он барои ҷавобгарии гунаҳгор аҳаммияти калон дорад.

Бо инкишофи ақлу ирода қобилияти баҳо додан ба ҳодисаҳои олами беруна, муносибат бо ашёҳо ва дарки хусусиятҳои асосии зуҳуротҳо ба вуҷуд меояд.

Бинобар ин, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти ифлос кардани обро қонунгузор бо расидан ба синни 16-солагӣ вобаста намудааст, чунки бо расидан ба чунин синну сол дар шахс қобилияти дарк намудани ба ҷамъият хавфнокии ифлос намудани об ва умуман дарки масъулияти ҳифз намудани дигар унсурҳои табиат ба вуҷуд меояд

Ғайр аз ин шарти дигари ҳатмии субъекти ҷиноят эътироф шудани шахс ин дар ҳолати мукаллафӣ содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок ба ҳисоб меравад.

Танҳо шахси мукаллаф қобилияти дарк намудани кирдор ва роҳбарӣ намудани онро дорад. Шахсони чунин қобилиятнадошта, яъне шахсе, ки хавфнокии кирдори худро дарк ва онро идора карда наметавонад, номукаллаф эътироф шуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Зарурати муайян намудани номукаллафӣ вобаста ба содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок ба вуҷуд меояд, яъне танҳо пас аз содир намудани чунин кирдор мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадор аст мукаллаф ё номуккаллаф будани шахсро муқаррар намояд. Танҳо дар ҳолати мукаллаф будан ва расидан ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ шахсро ба сифати субъекти ҷиноят эътироф намудан мумкин аст.

Дар фарқият аз мукаллафӣ қонунгузор мафҳуми номукаллафиро дар қонуни ҷиноятӣ бевосита муайян намудааст, ки мутобиқи он: «Шахсе, ки ҳангоми содир кардани кирдори барои ҷамъият хатарнок дар ҳолати номукаллафӣ қарор дорад, яъне дар асари бемории руҳии доимӣ, парешонҳолии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ё ҳолати дигари беморӣ хавфнокии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда наметавонист, субъекти ҷиноят эътироф намегардад ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад» (қ.1 м.24 КҶ ҶТ).

Қонунгузории ҷиноятӣ таърифи мукаллафии шахсро ҳангоми содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок муайян намекунад. Назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф мекунад, ки мукаллафӣ ин ҳолати муътадили руҳии шахси солим буда, дар он имконияти дарк намудани хусусиятҳои воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва роҳбарӣ намудан ба он ифода мегардад[213].

Чунин таърифи мукаллафиро қариб ҳамаи олимони ҳуқуқшинос дастгирӣ мекунанд.

Бо қабули КҶ ҶТ дар соли 1998 ба қонунгузории ҷиноятӣ меъёре дохил гардид (қ.2 м.31 КҶ ҶТ), ки он намуди махсуси бегуноҳона расонидани зарар ҳисоб мешавад.

Мутобиқи меъёри мазкур кирдор инчунин дар ҳолатҳое бегуноҳона содиршуда эътироф мешавад, ки агар шахси онро содирнамуда гарчанде имконияти фаро расидани оқибатаҳои барои ҷамъият хавфноки кирдори

---

[213] Ниг.: Серебренникова А.В. Понятие вменяемости – невменяемости: уголовно-правовой аспекты / А.В. Серебренникова // Психическое здоровье человека и общества. Актуальные междисциплинарные проблемы (Научно-практическая конференция). Сборник материалов / Под ред. Г.П. Костюка. – 2018. – С. 510.

худро пешбинӣ намояд ҳам, вале бо сабаби номувофиқии сифатиҳои руҳиву ҷисмонии худ ба талаботи шароитҳои ниҳоӣ, ғайримуқаррарӣ ё хастагии асаб онро пешгирӣ карда наметавонист.

Қоидаи мазкур принсипи гунаҳгории субъективиро тақвият медиҳад, ки мувофиқи он шахси бо шароитҳои ғайримуқаррарӣ ва хасташавии асаб вобастабуда мумкин аст дар ҳолатҳое гунаҳгор дониста шавад, ки агар сифатҳои субъективии ӯ ба талаботи объективӣ мувофиқат намоянд ва шахс ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк намояд, оқибатҳои хавфнокии онро пешбинӣ кунад ё пешбинӣ накунад, дар ҳолате ки вобаста ба сифатҳои шахсияти худ метавонист онро пешбинӣ ва бартараф созад[214].

Инро як қатор криминалистҳо мушоҳида карда, пешниҳод карданд, ки ба қонуни ҷиноятӣ мафҳуми мукаллафии махсус[215] ё касбӣ[216] ворид карда шавад.

Хусусияти ҷинояткоронаи ифлоскунии об аз он иборат аст, ки мумкин аст дар натиҷаи садамаҳо – вайроншавии ҳолати муқаррарии кори системаҳои мураккаби техникӣ ба амал ояд.

Ин боиси зарари калон ба муҳити зист шуда метавонад. Ифлосшавии об аз он сабаб ба амал омаданаш мумкин аст, ки оператори системаҳои техникӣ ба вазъияти баамаломада бо сабаби номувофиқии сифатҳои психофизиологии худ ба талаботи шароити фавқулодда имконияти пешгирӣ намудани зарари экологиро надорад.

Дар мавриди субъекти ҷинояти ифлос кардани об дар асарҳои ҳуқуқӣ андешаҳои гуногуни баъзан аз назари назариявӣ ва амалӣ асоснокнабуда низ баён шудааст. Баъзе муаллифон чунин меҳисобанд, ки ба чунин сифат ҳам шахсони одӣ ва ҳам шахони мансабдор баромад карда метавонанд[217]. Дигарон таъкид медоранд, ки субъекти ҷинояти мазкур мумкин аст танҳо шахсони

---

[214] Ниг.: Уголовное право. Общая часть: учебник для бакалавров / Отв. ред. А.Н. Тарбагаев. – М., 2016. – С. 141.

[215] Ниг.: Гринберг М.С. Психофизические возможности человека и уголовная ответственность / М.С. Гринберг // Сов. гос. и право. – 1974. – №12. – С. 74.

[216] Ниг.: Гринберг М.С. Асари зикршуда. – С. 74.

[217] Ниг.: Таций В.Я. Преступления против природных богатств СССР / Уголовное право УССР. Особенная часть: учебник / Под ред. М.И. Бажанова и др. – К.: Вища школа. Головное изд-во, 1989. – С. 285.

мансабдори корхонаҳои саноатӣ ва коммуналӣ (масалан, муҳандиси асосӣ, технологи асосӣ), инчунин шахсони бевосита масъул барои таҷҳизот ва кори иншоотҳои тозакунанда шуморида шаванд[218]. Ақидае низ ҷой дорад, ки субъекти ин ҷиноят мумкин аст шахси мансабдоре эътироф шавад, ки аз рӯйи қоидаҳои муқарраршуда барои безарар гардонидани обҳои ифлос, бартараф намудани партовҳои истеҳсолӣ ҷавобгӯй мебошад[219]. Олимони дигар андешаи ба ин монандро иброз намуда чунин мешуморанд, ки субъекти ҷинояти ифлос кардани об мумкин аст шахсони мансабдор (роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо ва ғайра), инчунин шахсони барои таҷҳизот ва истифодаи иншоотҳои тозакунанда ҷавобгӯй ё партовҳои истеҳсолиро интиқолдиҳанда баромад намоянд[220]. Инчунин дар асарҳои соҳавӣ баён мешавад, ки барои ҷинояти ифлос кардани об ҷавобгариро нафароне мебаранд, ки корманди корхонаҳои саноатӣ ё коммуналӣ буда, ба зиммаи онҳо уҳдадории махсус оид ба таъмин намудани тозагии объектҳои обӣ дар ҷараёни фаъолияти чунин корхонаҳо гузошта шудааст (масалан, сармуҳандис, устои навбатдор, оператори иншоотҳои тозакунӣ)[221]. А.Ю. Филаленко пешниҳод менамояд, ки муқаррар намудани субъекти махсус барои содир намудани ҷинояти таҳқиқшаванда ба принсипи адолат комилан мувофиқ аст: агар аз номи тамоми ҷамъият баъзе шахсон ваколатҳои махсус гиранд, пас давлат аз номи ҷамъият ҳуқуқ ва уҳдадорӣ дорад, ки ин гуна шахсонро барои номатлуб иҷро кардани вазифаҳое, ки боиси оқибатҳои вазнин гардидааст, қатъиян ҷазо диҳад[222].

[218] Ниг.: Игнатов А.Н. Преступления против здоровья населения / Курс советского уголовного права. – М.: Наука, 1971. – Т. VI. – С. 434; Якубович М.И. Преступления против общественной безопасности, общественного порядка и здоровья населения / Советское уголовное право. Часть Особенная. – М.: Юрид. лит., 1973. – С. 520.

[219] Ниг.: Грабовская Н.П. Преступления против общественной безопасности, общественного порядка и народного здоровья / Советское уголовное право. Часть особенная. – Киев: РИО МВД СССР, 1986. – С. 579.

[220] Ниг.: Цупренко П.Г. Преступления против общественной безопасности, общественного порядка и здоровья населения / Уголовный кодекс Украинской ССР: Научно-практический коментарий. – К.: Политиздат Украины, 1987. – С. 768.

[221] Ниг.: Навроцкий В.А. Уголовная ответственность за загрязнение водоёмов: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Харьков, 1982. – С. 13.

[222] Ниг.: Филаленко А.Ю. Уголовно-правовая ответственности за загрязнение вод: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2002. – С. 75.

Вале бештари олимон дар он ақидаанд, ки субъекти ҷинояти ифлос кардани об умумӣ мебошад[223], яъне ба чунин сифат шахси дилхоҳи мукаллафи ба синни 16-солагӣ расида баромад карда метавонад.

Ба андешаи мо дар ҳақиқат дар бештар ҳолатҳо ҷинояти ифлос кардани об аз ҷониби нафароне содир мешавад, ки вобаста ба мақоми хизматӣ ё фаъолияти худ уҳдадоранд, ки барои ифлос намудани объектҳои табиат роҳ надиҳанд.

Вале маҳдуд намудани доираи субъекти ҷинояти м.226 КҶ ҶТ танҳо бо шахсони мансабдори корхонаҳои саноатӣ, коммуналӣ ва хоҷагии қишлоқ, шахсони масъули таҷҳизот ва иншоотҳои тозакунӣ асоснок ба ҳисоб намеравад. Дар доираи маҳдуд муайян намудани субъекти ҷинояти мазкур инчунин ба меъёри м.226 КҶ ҶТ мувофиқат намекунад. Ғайр аз ин ҷинояти мазкур мумкин аст аз ҷониби шаҳрвандони одӣ ҳангоми фаъолияти хоҷагидорӣ, ба об партофтани маҳсулоҳои маишӣ ва дигар партовҳо низ содир шавад. Бо ин сабаб ба назари мо, агар доираи субъекти ҷинояти ифлос кардани об маҳдуд карда шавад, пас аз тарафи дигар шаҳрвандон (субъекти махсус набуда) дар ифлос кардани об бо м.226 КҶ ҶТ бандубаст нахоҳанд гардид.

Вале, бешубҳа таҳлили парвандаҳои ҷиноятие, ки аз рӯйи ифлосшавии ҷиноятии об оғоз шудаанд, нишон медиҳад, ки субъектҳои ин ҷиноят, дар бештар ҳолатҳо, шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидор мебошанд. Сабаб он аст, ки ифлоскунандаи асосии муҳити зист корхонаҳои саноатӣ мебошанд.

Бинобар ин, чунин шахсон, вобаста ба уҳдадории касбӣ ё хизматӣ масъуланд, ки ба расонидани зарари объектҳои обӣ роҳ надиҳанд, қоидаҳои ҳифз намудани объектҳои муҳити табиатро таъмин намоянд, аз ин рӯ сазовори ҷавобгарии вазнинтар бошанд.

Дар таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои зиёди ифлос кардани об аз ҷониби чунин шахсон ба назар мерасад.

---

[223] Ниг.: Романов А.А. Преступное загрязнение вод в России: уголовно-правовое и криминологическое исследование: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2010. – С. 103.

Масалан,шаҳрванд А.О., дар вазифаи директори корхонаи давлатии «Обтаъминкунӣ ва канализатсия»-и ш. Қайроққум кор карда, аз мансаби ишғолнамудааш ва «Дастурамали кори барои сардори Корхонаи обтаъминкунӣ ва канализатсия» ҳамчунин шахси масъул барои риояи қонунҳо оид ба ҳифзи муҳити зист ҳисоб мешуд. Ӯ бархилофи ин вазифа ва уҳдадории бевоситаи хизматияш, чораҳои зарурӣ оид ба тоза ва безарар гардонидани партовҳои оби канализатсияи баҳри Қайроққум ва таъмири насосҳо, пойгоҳҳо ва хатти ташнобҳои шаҳрро наандешидааст. Дар натиҷа партовҳои шаҳри Қайроқум бе тоза кардан ва безарар гардонидан ба таври садамавӣ ба заҳкаши ҷамъияти саҳомии «Ҷумъаев» - и ноҳияи Б.Ғафуров партофта, аз он ҷо бо ёрии пойгоҳи обкашии идораи давлатии хоҷагии оби ноҳияи номбурда ба обанбори «Қайроқум» партофта шудаанд. Бо ин сабаб оби рӯйизаминии мазкур ифлос ва олуда шуда, боиси бад гаштани сифат ва ба шакли дигар тағйир ёфтани хусусиятҳои табиӣ он шудааст. Новобаста ба он ки шаҳрванд А.О., пештар барои чунин кирдор ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст, ҳамчун шахси масъул тамоми чораҳоро баҳри таъмиру тармими насосҳои обкашӣ, иншоотҳои ташнобкашӣ ва хатти ташнобҳои шаҳр наандешида, кирдорашро бобати ифлос кардани об давом додааст. Парвандаи ҷиноятӣ нисбати А.О., бо қ.1 м.226 КҶ ҶТ оғоз карда шуда, минбаъд ӯ бо дастрасии м.72 КҶ ҶТ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шудааст[224].

Вале, дар м.226 КҶ ҶТ чунин хусусиятҳои субъекти ҷиноят ҳангоми фардикунонидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти мазкур ба назар гирифта нашудааст, ҳол он ки чунин сифат дар дигар моддаҳои ҷиноятҳои экологӣ ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарӣ баромад менамояд (б. «а» қ.2 м.230, б. «а» қ.2 м.232, б. «б» қ.2 м.234 КҶ ҶТ ва ғайра).

Ба андешаи мо бо назардошти хавфнокии баланди ҷамъиятӣ доштани кирдорҳои ғайриқонунии шахсоне, ки вобаста ба уҳдадории касбӣ ё хизматӣ масъуланд, ки барои расонидани зарар ба объектҳои обӣ роҳ надиҳанд,

[224] Парвандаи ҷиноятии №1-50/13 // Бойгонии суди ш. Қайроққум.

асоснок ба ҳисоб мерафт, агар содир намудани ҷинояти ифлос кардани об бо сӯйистифода аз мақоми хизматӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шавад.

Низоми ҳуқуқии ҶТ танҳо шахси воқеиро ҳамчун субъекти ҷиноят эътироф мекунад. М.22 КҶ ҶТ бевосита инро нишон медихад. Қонунгузор аз принсипи ҳуқуқи римии – Societas delinquere поп potest (шахси ҳуқуқӣ ҷиноят содир карда наметавонад) бармеояд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ солҳои охир масоили дар оянда муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла барои ҷиноятҳои экологӣ зери баҳсу мунозираи олимон қарор гирифтааст.

Дар КҶ ҶТ ба таври мушаххас нишон дода шудааст, ки субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеӣ шуда метавонад (м.22 КҶ ҶТ).

Дур шудан аз принсипи мазкур дар таърихи собиқ ИҶШС ҷой дошт, вақте он ва дигар давлатҳои зиддифашистӣ Оинномаи трибунали байналмилалиро имзо намуданд. Дар асоси Оинномаи мазкур ба ғайр аз парвандаҳои ҷиноятKорони асосии ҳарбии фашистӣ инчунин парвандаҳо дар бораи ташкилотҳо-ҳизбҳои гитлерӣ, штаби генералӣ ва фармондеҳии олии қувваҳои мусаллаҳи фашистӣ баррасӣ шуданд. Ҳамаи онҳо ба ғайр аз штаби генералӣ ва фармондеҳии олии қувваҳои мусаллаҳи фашистӣ ташкилотҳои ҷиноятӣ эътироф шуданд. Аз ҷониби трубунал ташкилоти ҷиноятӣ эътироф шудани чунин ташкилотҳо имкон медод, ки судҳо ҳангоми ҳалли парвандаҳои мушаххас нақши ҳар як нафари ба он аъзобударо баҳогузорӣ намоянд. Дар чунин ҳолат ҷавобгарии ҷиноятӣ воқеан ба шахси ҳуқуқӣ гузошта шуда буд.

Аз назари масоили экологӣ ва танзими ҳуқуқии ҷиноятии он санксияҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ бояд на танҳо ба роҳбарони корхонаҳо ё моликони он, ки муҳити табиатро ифлос менамоянд, балки чунон истифода шавад, ки машғул шудан ба фаъолияти аз нигоҳи экологӣ зарароварро барои ҳама кормандони корхонаҳои дахлдор ғайримақбул гардонад. Санксияҳои ҷаримавӣ, ки ба шахсони ҳуқуқӣ татбиқ мешавад, метавонад чунин ғояро амалӣ намояд.

Ҳанӯз солҳои 70-ум дар мамлакатҳои Аврупо чунин масъала ҳалли худро пайдо намудааст. Кумитаи Аврупоӣ оид ба масоили ҷинояткории Шурои Аврупо соли 1978 ба қонунгузории давлатҳои мазкур пешниҳод намуд, ки роҳи ба сифати субъекти ҷиноятҳои экологӣ эътироф намудани шахсони ҳуқуқиро пеша намоянд. Чунин тавсия аллакай дар бисёре аз давлатҳои аврупоӣ амалӣ шудааст.

Қонунгузории муосири як қатор давлатҳои хориҷӣ ба ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ роҳ медиҳанд. Масалан, Кодекси ҷиноятии штати Нью-Йорк ҷазоро барои шахсони ҳуқуқӣ дар намуди ҷарима ба андозаи 5 ҳазор доллар дар ҳолатҳое, ки барои чунин ҷиноят ба шахси воқеӣ мумкин аст ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин шавад, пешбинӣ месозад.

Кодекси ҷиноятии Фаронса имконияти дар баробари шахсони воқеӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудани шахсони ҳуқуқиро муқаррар намудааст[225].

Дар як қатор муқарраротҳои ҳуқуқи ҷиноятии Япония, масалан дар Қонун дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи андоз (1990), дар бораи ҷазо барои ҷиноятҳо дар соҳаи ифлос намудани муҳити зист ба ҷавобгарӣ шахсони ҳуқуқӣ дар баробари шахсони воқеӣ кашида мешаванд[226].

Дар ҳуқуқи англис нисбати корпоратсияҳо мумкин аст ҷазо дар намуди ҷарима татбиқ шавад. Тамоюли роҳ додан ба ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ дар қарорҳои VI-VII конгресси байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ инъикос шудааст. Конгресси VI имконияти ҷавобгарии шахсони ҳуқуқӣ ва нисбати онҳо татбиқ шудани ҷазо тавсия дода мешавад. Дар резолютсияи VII Конгресс баён мегардад, ки ҳолатҳои дар системаи қонунгузориҳои алоҳида муқарраршуда шахсони ҳуқуқӣ мумкин аст барои содир намудани ҷиноят ба

---

[225] Ниг.: Крылова Н.Е. Основные черты нового уголовного кодекса Франции. – М.: Изд-во СПАРК, 1996. – С. 54.

[226] Ниг.: Цунэо Инако Современное право Японии. Перевод с японского / Под ред. Еремин В.Н., Пер.: Батуренко В.В. – М.: Юрид. лит., 1981. – С. 69.

ҷавобгарӣ кашида шаванд[227]. Моҳи апрели соли 1992 ин Тавсиянома дар семинари аврупоӣ дар шаҳри Лауҳаммер (Олмон), ки махсусан ба масъалаҳои сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист бахшида шуда буд, тасдиқ карда шуд.

Аммо ин лоиҳаи қонуни ҷиноятӣ аз тарафи Маҷлиси Федералии ФР дастгирӣ наёфт, танҳо соли 2001 ин институт дар м.2.10 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Федератсияи Россия муқаррар карда шуд.

Дар Тоҷикистон бошад, КҶ ҶТ, ки соли 1998 қабул гардидааст, муқаррарот оид ба ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ҷой надорад. Сабабашро дар инҳо дидан мумкин аст:

– Кодекси ҷиноятии моделӣ барои мамлакатҳои аъзои ИДМ ин ниҳодро муқаррар накардааст;

– Қонунҳои ҷиноятии мамлакатҳои пасошуравӣ, ки пеш аз КҶ ҶТ қабул гардида буданд, ин ниҳодро дастгирӣ накарданд;

– Дар замони муосир масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ барои давлатҳои ИДМ нав набошад ҳам, аммо ба дараҷаи кофӣ инкишоф наёфтааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мавриди субъекти ҷиноят эътироф намудани шахсони ҳуқуқӣ андешаҳои гуногун баён мешавад. Гурӯҳи аввали олимон зарурати муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро тарафдорӣ менамоянд. Масалан, Д.С. Устинов чунин ҷавобгариро бо омилҳои зерин асоснок месозад: 1) андешаҳои ҷомеа, ки санксияҳои ҷаримавии ба шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба тартиби ҷавобгарии маданӣ гузошташавандаро то ҳадди кофӣ босамар эътироф намекунанд; 2) гузаштани корхонаҳо ба моликияти хусусӣ ва зарурати ҳифз намудани манфиатҳои ҷомеа аз истеҳсолкунандагони бевиҷдон[228]. Ба андешаи А.В.Наумов институти

[227] Ниг.: Кузнецова Н.Ф. Преступление, состав преступления уголовно-правовой нормы / Н.Ф. Кузнецова // Вестник МГУ. Право. – 1967. – №4. – С. 40; VI Международный Конгресс по уголовному праву. – Рим, 1953. – С. 21.

[228] Ниг.: Устименко В.В. Специальный субъект преступления (понятие и виды): учебное пособие. – Харьков, 1986. – С. 48.

ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ универсиалӣ буда аз хусусиятҳои сохти давлативу сиёсии ин ё он мамлакат вобастагӣ надорад. Ҳуқуқвайронкуниҳои аз тарафи корпоратсияҳо содиршаванда на ҳама вақт ба доираи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ё маданӣ фаро гирифта мешаванд ва дар як қатор ҳолатҳо ҷавобгарии маъмурӣ ва маданӣ дар мубориза бо онҳо бесамар мебошанд. Ба таври мусбат ҳал намудани чунин масъала бешубҳа ба инкишофи иқтисодии давлат таъсири назаррас мерасонад. Дар баробари ин масъалаи мазкур танҳо бо масоили мубориза бо ҷинояткории иқтисодӣ маҳдуд намегардад. Ҳалли он мумкин аст барои пешгирии расонидани зарар ба объектҳои гуногуни ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ мусоидат намояд, аз ҷумла барои пешгирии ҷиноятҳои экологӣ[229]. П.Ф. Повелисина зарурати ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро бо зиёд шудани хавфнокии ҷиноятҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити табиат ва оқилона истифода намудани захираҳои табиӣ; бо зиёд шудани соҳибкории байналмилалӣ ва ташкили корхонаҳои муштарак ва хориҷӣ вобаста менамояд[230]. Э.М.Жевлаков зарурати чунин ҷавобгариро бо ифлос намудани об, ҳаво, хароб кардани замин ва ғайра асоснок месозад[231].

А.Ю. Филаненко ҷорӣ гардидани ҷавобгарии шахсони ҳуқуқиро барои ҷиноятҳои экологӣ тарафдорӣ намуда, баён медорад, ки дар шароити муосир яке аз омилҳои субъекти ҷиноят эътироф намудани шахсони ҳуқуқӣ расонидани зарари экологӣ ба ҳисоб меравад. Чунки дар ҳолати ҷойдошта, як қатор кирдориҳои шахсони ҳуқуқӣ аз доираи ҷавобагирии ҳуқуқӣ берун монда метавонад: истифодаи технологияҳои фарсуда, аз меъёрҳои муқарраршуда зиёд ба атмосфера ва объектҳои обӣ партофтани моддаҳои зараровар; ифлос намудан ва вайрон сохтани обанборҳо ҳангоми сохтмони коммуникатсияҳои гуногун, вайрон намудани низоми оби дарёҳо, дигар сарчашмаҳои об ва ғайра. Ғайр аз ин муаллиф андешаи худро бо он асоснок

[229] Ниг.: Наумов А.В. Уголовная ответственность юридических лиц / А.В. Наумов // Lex Russica. – 2015. – №7. – С. 57-63.
[230] Ниг.: Повелицина П.Ф. Уголовно-правовая охрана природы в СССР. – М.: Юрид. лит., 1981. – С. 28-29.
[231] Ниг.: Жевлаков Э.Н. Субъект преступлений против природы / Э.Н. Жевлаков // Соц. законность. – 1986. – №5. – С. 47-49.

месозад, ки дар амалия ҳолатеро пайдо накардааст, ки фаъолияти истеҳсолии корхонаи ба ифлос намудани об роҳдода маҳдуд карда шуда бошад. Бинобар ин муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар шароите, ки ҷинояти ифлос кардани об бештар аз тарафи корхонаҳои саноатӣ сурат мегирад, хуб мебуд, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ҷой дошта бошад. Ин бо роҳи даровардани тағйирот ба КҶ ҶТ сурат хоҳад гирифт[232].

А.О. Швейгер низ ба сифати субъекти ҷиноят эътироф намудани шахсони ҳуқуқиро ҷонибдорӣ намуда, иброз менамояд, ки дар шароити муосир бидуни андешидани чораҳои қатъӣ ислоҳ намудани вазъи экологӣ ғайриимкон мебошад. Зеро муқаррар шудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои экологӣ танҳо нисбати шахсони воқеӣ амнияти экологиро таъмин карда наметавонад. Ба ҷавобгарӣ кашидани танҳо ин ё он корманди корхонае, ки ба ифлос кардани муҳити зист роҳ додааст, бар замми ин ба чунин сифат бештар коргарони қаторӣ баромад менамоянд, омили пешгирикунандаи чунин ҷиноятҳо буда наметавонад[233].

Таҳлили андешаҳои тарафдорони субъекти ҷиноят эътироф намудани шахсони ҳуқуқӣ асосан бо чунин омилҳо вобаста мешавад: мавҷуд будани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ дар давлатҳои хориҷӣ; ҷой доштани имконияти ба онҳо таъин намудани ҷазо; аз нигоҳи иқтисодӣ босамар набудани ҷаримаҳои ҳуқуқӣ барои чунин шахсон, ки бо тартиби ҷавобгарии маданӣ гузошта мешаванд; зиёд шудани хавфнокии ҷиноятҳои экологӣ; зарурати босамар ҳифз намудани муҳити зист ва ғайра.

Омилҳои мазкур зарурати ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро муайян месозанд.

Гурӯҳи дигари олимон бошанд ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро инкор менамоянд. Масалан, Н.Ф. Кузнесова чунин

---

[232] Ниг.: Филаненко А.Ю. Уголовно-правовая ответственность за загрязнение вод: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2002. – С. 96.

[233] Ниг.: Швейгер А.О. Угловно-правовое и криминологическое противодействие загрязнению водных объектов и атмосферы (по материалам Дальневосточного федерального округа): дис. … канд. юрид. наук. – Хабаровск, 2013. – С. 128.

меҳисобад, ки чунин ҷавобгарӣ: 1) ба принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгории ҷавобгарӣ мувофиқат намекунад; 2) санксияҳои ҷаримавӣ ва манъ намудани фаъолияти корхонаҳо мумкин аст тариқи тартиби маданӣ сурат гирад; 3) ҳангоми ҷавобгарии дастҷамъона мумкин аст ҷинояткорони ҳақиқӣ аз ҷавобгарӣ дур монанд[234]. С.Б. Гавриш ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқиро бо чунин асосҳо ба мақсад мувофиқ намешуморад: 1) ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ танҳо нисбати доираи маҳдуди ҷиноятҳо имконпазир аст, аммо муайян намудани чунин ҳудуд ғайриимкон аст; 2) таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ин самт қобили қабул намебошад, зеро он дар муҳити тамоман дигари ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ амал менамояд; 3) шахсони ҳуқуқӣ озодӣ надоранд; 4) татбиқи санксия ба шахсони ҳуқуқӣ шакли пӯшидаи ҷазодиҳии шахсони воқеӣ ба ҳисоб меравад; 5) на ҳама чораҳо мумкин аст ба шахсони ҳуқуқӣ татбиқ шаванд; 6) бештар ҷавобгарии мадании шахсони ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ аст; 7) чунин ҷавобгарӣ хусусияти таъқибнамоӣ дорад[235].

Ба ақидаи Р.И. Михеев, А.Г. Корчагин, А.С. Шевченко «...барои сохтани субъекти махсуси ҷавобгарии ҷиноятӣ – шахси ҳуқуқӣ зарурати амалӣ ҷой надорад»[236].

Ҷазои ҷиноятӣ аслан таъқибест, ки ба эҷод кардани шароити номусоид барои ҷинояткор, як навъ «қасос» барои кирдори содиршуда буда, мақсадаш танбеҳ додани ҳуқуқвайронкунанда мебошад[237]. Ақидаи тарафдорони ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ, ки бо ёрии қонуни ҷиноятӣ ситонидани зарари расонидашуда самараноктар мешавад, комилан мантиқӣ нест. Зараре, ки дар натиҷаи вайрон кардани муҳити зист расонида шудааст, дар асоси қонунгузории маданӣ бо тартиби судӣ аз ҳуқуқвайронкунанда ситонида мешавад, агар мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ дар соҳаи

[234] Ниг.: Кузнецова Н.Ф. Преступление и преступность. – М.: Изд-во МГУ, 1969. – С. 82.
[235] Ниг.: Гавриш С.Б. Уголовно-правовая охрана природной среды / Проблемы теории и развитие законодательства. – Харьков, 1994. – С. 518-519.
[236] Михеев Р.И., Корчагин А.Г., Шевченко А.С. Уголовная ответственность юридических лиц: за и против. – Владивосток: Изд-во Дальневосточного ун-та, 1999. – С. 16.
[237] Ниг.: Тарбагаев А.Н. Понятие и цели уголовной ответственности. – Красноярск: Изд-во Красноярского ун-та, 1986. – С. 114.

ҳифзи муҳити зист бо даъво муроҷиат намояд. Ухдадории пурраи ҷуброни зарар дар боби 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» пешбинӣ шудааст.

Ғайр аз ин, мувофики м.226 КҶ ҶТ, ҷарима нисбати шахсони воқеӣ ба андозаи то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда мешавад. Мувофиқи м.39 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ бошад, ҷарима нисбати шахсони ҳуқуқӣ то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад. Тавре ки мушоҳида мекунем, андозаи ҷаримае, ки дар қонуни ҷиноятӣ ва мурофиаи маъмурӣ муқаррар карда мешавад, метавонад мувофиқ ояд. Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки дар фарқият аз қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои дигари аъзои ИДМ нисбати ҷинояти қ.1 м. 226 КҶ ҶТ преюдитсияи маъмурӣ муқаррар шудааст. Аз ин рӯ, дар ҳолати содир кардани кирдори ифлос кардани об, шахсони ҳуқуқиро ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, нисбаташон ҷаримаи маъмуриро таъин кардан қобили қабул аст.

Ба андешаи А.А. Романов истифодаи таъқиби ҷиноятӣ нисбати шахсони ҳуқуқӣ бешубҳа боиси воқеан ҷазо гирифтани шахсони воқеӣ аз ҳисоби кормандони чунин ташкилоту корхона, ки ба содир шудани ҷиноят ҳамроҳ нестанд, сабаб шуда метавонад. Бинобар ин ба сифати субъект эътироф шудани шахсони воқеиро барои ҷинояти ифлос кардани об тарафдорӣ наменамояд[238].

И.В. Попов низ дар чунин мавқеъ қарор дошта баён медорад, ки барои ҷорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ зарурат ҷой надорад, зеро зарари аз ҷиноятҳои экологӣ расонидашаванда мумкин аст, тавассути тартиби маданӣ пурра пардохт гарданд, ғайр аз ин ҷазоҳои нисбати шахсони ҳуқуқӣ имконпазир мумкин аст дар доираи ҷавобгарии маъмурӣ ё маданӣ бидуни рӯй овардан ба усулҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ истифода шаванд[239].

---

[238] Ниг.: Романов А.А. Преступное загрязнение вод в России: уголовно-правовое и криминологическое исследование: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2010. – С. 105.

[239] Ниг.: Попов И.В. Ответственность за преступное загрязнение вод (по материалам Сибирского и Уральского федеральных округов Российской Федерации): дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2003. – С. 100.

Мо низ олимони гурӯҳи охирро тарафдорӣ намуда чунин мешуморем, ки муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ба принсипҳои ҷавобгарии гунаҳгории шахсӣ мухолифат намуда, ба мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз қабили пешгирии ҷиноят, тарбияи ҷинояткор, ислоҳи маҳкумшуда мувофиқ нест.

Ҳамин тавр, аломатҳои субъективии таркиби ҷинояти ифлос кардани обро таҳлил намуда, мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Азбаски қ.1 м.226 КҶ ҶТ дорои таркиби расмӣ буда, дар он оқибати ҷиноят нишон дода нашудааст, бинобар ин он бо гуноҳ дар шакли қасд дар намуди қасди бевосита тавсиф мегардад.

2. Муносибати шахс нисбат ба оқибатҳои ҷинояти ифлос кардани об бояд бо гуноҳ дар шалки беэҳтиётӣ ифода гардад. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми мавҷуд будани қасди бевоситаи гунаҳгор ба расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ ҷавобгарӣ бояд ҳангоми ҷой доштани аломатҳои дахлдор барои терроризм, таҳрибкорӣ, экосид ё ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ба вуҷуд ояд.

3. Қисмҳои 2, 3 м.226 КҶ ҶТ дорои таркиби моддӣ мебошад (ба истиснои б. «г» қ.2 м.226 КҶ ҶТ). Вале қонунгузор мушаххас муносибати руҳии шахсро нисбат ба оқибати ин гуна кирдорҳо пурра муайян накардааст. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки бо мақсади такмил додани сохти м.226 КҶ ҶТ дар б.б. «а», «в» қ.2 м.226 КҶ ҶТ ибораи «боиси аз беэҳтиётӣ...» илова карда шавад.

4. Шахсоне, ки вобаста иҷрои вазифаи хизматӣ, мақоми хизматӣ новобаста аз шаклҳои моликият, ба монанди кормандони ташкилотҳои ҳифзи табиат, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ғ., ки ба зиммаи онҳо ҳангоми истифодабарии объектҳои об пешгирии имконияти расонидани зарар ба чунин объектҳо гузошта шудааст, бояд ҷавобгарии пурзӯртар дошта бошанд.

Бинобар ин, бо назардошти хавфнокии баланди ҷамъиятӣ доштани кирдорҳои ғайриқонунии шахсоне, ки вобаста ба уҳдадории касбӣ ё хизматӣ

масъуланд, ки ба расонидани зарар ба объектҳои обӣ роҳ надиҳанд, асоснок ба ҳисоб мерафт, агар содир намудани ҷинояти ифлос кардани об бо сӯиистифода аз мақоми хизматӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шавад.

5. Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ба принсипҳои ҷавобгарии гунаҳгории шахсӣ мухолифат намуда, ба мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз қабили пешгирии ҷиноят, тарбияи ҷинояткор,ислоҳи маҳкумшуда мувофиқ нест.

## 2.3. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани об

Номгӯйи ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷазо дар м.62 КҶ ҶТ муқаррар шудаанд. Ҳолатҳои мазкур аз доираи таркиби ҷинояти дар м.226 КҶ ҶТ мустаҳакамшуда берун буда, ҳамчун асос барои таъин намудани ҷазо дар доираи санксияи моддаи мазкур бароmад карда метавонанд. Аммо дар мавриде ки ҳолатҳои мазкур ҳамчун аломати вазнинкунандаи таркиби мушаххаси ҷиноят пешбинӣ шуда бошад, суд наметавонад онро ҳангоми таъини ҷазо такроран ба инобат гирад ( қ.3 м.62 КҶ ҶТ).

Аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани об дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ муқаррар шудаанд. Ба чунин аломатҳо дохил мешаванд: 1) ифлос кардаи об, ки боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ гардида бошад; бо сабаби беэҳтиётӣ ба саломатии одамон зарар расонида бошад; боиси муромурии саросари ҳайвонот гардида бошад; 2) дар минтақаҳои мамнуъгоҳи давлатӣ ё парваришгоҳ ё дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулоддаи экологӣ содир шуда бошад.

Қонунгузор дар б. «а» қ.2 м.226 КҶ ҶТ расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзиро ҳамчун аломати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об муқаррар

намудааст. Аломати мазкур мафҳуми баҳододашаванда буда аз ҷониби мақомоти тафтишотиву судӣ муайян карда мешавад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бо чунин тарз муқаррар намудани аломати мазкурро бештари олимон мавриди танқид қарор медиҳанд. Масалан, ба андешаи А.А. Романов дар чунин ҳолат сухан дар бораи расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ, яъне объектҳои алоҳидаи табиӣ меравад. Аз сабаби он ки дар табиат ҳама чи дар робита қарор дорад ва расонидани зарар ба як объект ногузир боиси халалдор шудани унсурҳои дигари табиат мегардад, бинобар ин дар чунин маврид бояд дар бораи расонидани зарари ҷиддӣ ба муҳити зист, на ин ки унсурҳои алоҳидаи он сухан ронд[240].

Дар асарҳои ҳуқуқӣ баён мешавад, ки ҷиддӣ будани зарари ба табиат расонидашаванда ҳолати баланд гаштани меъёрҳои роҳдодашавандаи консентрасияи моддаҳои ифлоскунанда дар объекти обӣ ба ҳисоб меравад[241]. Дар ҳақиқат зиёд гардидани ҳадди имконпазири консетрасия дар объектҳои обӣ аз мавҷудияти хавфи чунин ифлоссозӣ барои муҳити зист шаҳодат медиҳад. Аммо татбиқ намудани нишондодҳои ҳадди роҳдодашавандаи консентрасияи объектҳои обӣ танҳо бевосита дар давраи ифлос кардан ё давраи кӯтоҳ пас аз он имконпазир аст, ки ба ин дар амалия дар ҳолатҳои кам мумкин аст ноил шуд.

Олимони дигар ба номушаххасии критерияҳои муайян намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба маънидод намудани мафҳуми зарари ҷиддӣ ишора намуда, пешниҳод менамоянд, ки дар қонунгузорӣ критерияҳои пулии муайян намудани зарари ҷиддӣ мустаҳкам карда шавад[242].

---

240 Ниг.: Романов А.А. Проблемы определения признака «существенный вред» при квалификации преступного загрязнения вод / А.А. Романов // Правовое государство: теория и практика. – 2010. – №4 (22). – С. 93.

241 Ниг.: Вылегжанина Е. Ответственность за «прошлый» экологический ущерб, вызванный хозяйственной деятельностью / Е. Вылегжанина // Хозяйство и право. – 1998. – №8. – С. 29-36.

242 Ниг.: Попов И.В. Ответственность за преступное загрязнение вод (по материалам Сибирского и Уральского федеральных округов Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2003. – С. 7; Филоненко А.Ю. Уголовно-правовая ответственность за загрязнение вод: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2002. – С. 8.

Зарари ҷиддӣ ҳангоми ифлос кардани об мумкин аст тавассути оқибатҳо дар намуди несту нобуд шудани олами набот ва ҳайвонот; кам ё нобудшудани захираҳои моҳӣ; макони содир намудани ҷиноят; сар задани бемории одамон; дастрас нашудан ё кам гаштани оби нушокӣ; бо расидани зарар ба ҳаёт ва саломатии одамон; дараҷаи хароб гардидани замин; корношоям гаштани ҳолати чарогоҳҳо; хушк шудани ҷангалзорҳо ва ғайра муайян карда шавад. Масъалаи ҷой доштани зарари ҷиддӣ бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас вобаста ба ҳолатҳои кор муайян карда шавад. Аз ҷумла, бояд шумораи моҳиҳо ё дигар ҳайвоноти обӣ, растаниҳо маҳсулоти хоҷагии қишлоқи маҳвшуда; аҳаммияти экологии обанборҳо (сарчашмаҳои оби нӯшокӣ, истироҳатгоҳҳо, ҷойҳои тухммонӣ, объектҳои табиии махсус ҳифзшаванда ва ғайра); майдони ҳудудҳои ифлосшуда; хусусияти моддаҳои ифлоскунанда (моддаҳои радиоактивӣ, химиявӣ, партовҳо ва ғайра) бояд ба назар гирифта шавад[243].

Ҷинояти ифлос кардани обро метавон ба ҷамъият хавфнок ҳисобид. Вай аз рӯйи табиати худ ба манфиатҳои ҳаётии ҷамъият дахолат карда, ба асоси биологии мавҷудияти инсон таҳдид мекунад. Қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як давраи нави ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои экологии шаҳрвандонро ба миён овард, аммо, мутаассифона, он интизориҳоро пурра иҷро накард. Маълум аст, ки муқаррар намудани чораҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ худ аз худ масъаларо ҳал намекунад, зеро дар амалия меъёри дахлдори қонуни ҷиноятӣ оид ба ифлос кардани об воқеан татбиқ гаштанаш зарур аст. Мисли пештара, амалияи татбиқи ҷазои ҷиноятӣ барои навъҳои алоҳидаи ҷиноятҳои экологӣ ба андозаи ночиз мемонад, вазъияти муҳити зист торафт бад шуда истодааст. Чунин вазъият дар тамоми мамлакатҳои ИДМ ҷой дорад.

Дар ин бобат, А.А. Романов қайд мекунад, ки шумораи парвандаҳои ҷиноятие, ки барои ҷинояти ифлос кардани об оғоз карда мешаванд, ба шумораи воқеии содиршавии кирдорҳои ба амнияти об таҳдидкунанда

---

243 Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. В.М. Лебедев. – М.: Юрайт, 2012. – 1359 с.

мувофиқат намекунад[244]. Дар ҶТ низ чунин вазъият ба назар мерасад. Масалан, дар соли 2022 аз рӯйи м.226 КҶ ҶТ ҳамагӣ 2 ҷиноят, соли 2023 – 1 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавҷудияти чунин муамморо бештар ба мушкилоти татбиқи банди «а» қ.2 м.226 КҶ ҶТ марбут медонанд, ки зарурати муқаррар кардани оқибатҳои манфӣ дар шакли зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё кишоварзиро пешбинӣ мекунад ва ин барои таркиби м.226 КҶ ҶТ ҳатмӣ мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки агар ифлос кардани об боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ гардида бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ новобаста аз татбиқи ҷазои маъмурӣ дар давоми сол ба миён меояд. Дар ин бобат парвандаи ҷиноятии 1-72/15-ро бо айбдории Т. Ш., барои содир намудани ҷинояти қисми 2 банди «а» м.226 КҶ ҶТ баррасӣ мекунем.

Номбурда соли 2012 дидаву дониста ки тибқи талабот қонуну қоидаҳои амалкунанда оид ба парвариши чорвои хонагӣ ҷойи махсуси партофтан ва нигоҳ доштани поруҳо бояд бошад, амал намуда, ба ҳудуди бинои бӯстонсарои ҷамъияти боғдорию полезкории истироҳатгоҳи «Фарҳод»-и минтақаи Учбоғи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ки дар соҳили дарёи Сирдарё ҷойгир аст, якчанд сар хукро парвариш намуда, партовҳои онро ба соҳили дарё партофта, муҳити экологиро вайрон кардааст.

Ба ин амали ӯ сокинони маҳаллӣ изҳори норозигӣ намуда, қатъ намудани ин амалҳои ғайриқонуниро аз ӯ талаб намуда буданд. Аммо Т. Ш., кирдорҳои ҷинояткоронаи худро давом дода, солҳои 2012, 2013, 2014 ва моҳи январи соли 2015 бар хилофи талаботи м.м.21, 23 ва 30 Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ», м.м.24 ва 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи байторӣ», м.м.9, 10 ва 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ» амал намуда, партовҳои 534 сар хукро, ки барои ҳар як сар хук

[244] Ниг.: Романов А.А. Проблемы определения признака «существенный вред» при квалификации преступного загрязнения вод / А.А. Романов // Правовое государство: теория и практика. – 2010. – №4 (22). – С. 89.

дар давоми як сол 1875 кг барои як сол 801 тоннаро ташкил медиҳад, ба лаби оби дарёи Сирдарё партофта, ин манбаи оби нӯшиданиро ифлос, сифати онро паст ва хусусияти табииашро тағйир дода, ба олами наботот ва захираҳои моҳӣ зарари ҷиддӣ расонидааст.

Мувофиқи хулосаи экспертизаи комплексии экологӣ, ветеринарӣ, санитарӣ-эпидемиологӣ аз натиҷаи ба соҳили дарё партофтани порӯйи 534 сар хук оби дарёро бо моддаҳои кимиёвӣ зиёда аз 60 м мураббаъ ифлос намуда, боиси расонидани зарар ба намояндагони олами набототи зериобӣ (обсабзҳо) ва захираҳои моҳӣ шудааст.

Муайян карда шуд, ки ҳаҷми зарари расонидашуда 3 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Суди н. Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд дар ҳукмаш аз 1 июни соли 2015 қайд намудааст, ки кирдори судшаванда қасдона буда, дидаю дониста талаботи қонунгузориро ба инобат нагирифтааст.

Кирдори судшаванда ҳамчунин бо қ.1 м.228 КҶ ҶТ (Хароб кардани замин) бандубаст карда шудааст, зеро ҳар сол ба миқдори 801 тонна ва дар давоми се сол 2403 тонна партовҳои хукро ба ҳудуди 123 м мураббаъ қитъаи замини гирду атрофи ферма партофта, заминро хароб кардааст ва заминҳои гирду атрофи бӯстонсароро ифлос кардааст. Ҳамчунин муайян карда шуд, ки зарари хароб кардани замин 17 982 сомонию 45 дирам ва зарари ба муҳити зист расонидашуда 20 982 сомонию 45 дирамро ташкил намудааст.

Судшаванда Т.Ш., дар маҷлиси судӣ худро бо м.226 қ.2, банди «а» ва 228 қ.1 КҶ ҶТ пурра гунаҳгор ҳисобид.

Ҳамин тариқ, Т. Ш., бо ҳукми суд барои содир кардани ҷинояти моддаи 226, қисми 2, банди «а» КҶ ҶТ гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ ҷазои корҳои ислоҳӣ ба муҳлати як солу чор моҳ бо нигоҳ доштани 20%-и музди меҳнат барои даромади давлат таъин карда шуд.

Ҳамчунин мавсуф бо моддаи 228, қисми 1 гунаҳгор дониста шуда, нисбаташ ҷарима ба андозаи панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъин карда шуд.

Бо ҳамин ҳукми суд аз ҳисоби Т.Ш., ба манфиати давлат рӯёнидани бист ҳазору нуҳсаду ҳаштоду ду сомонию чилу панҷ дирам пешбинӣ гардид[245].

Аз баррасии парвандаи мазкур чунин хулоса баровардан мумкин аст: а) агар аз ифлос кардани об ба олами набототу ҳайвонот зарари ҷиддӣ расонида шавад, ҷавобгарии ҷиноятӣ новобаста аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои кирдори ҳамшабеҳ дар давоми сол (преюдитсияи маъмурӣ) ба миён меояд; б) кирдоре, ки боиси ифлос кардани об мегардад, мумкин аст ба дигар объектҳои мавриди ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ қарордошта таҷовуз кунад, зеро аз рӯйи парвандаи баррасишаванда мушоҳида кардем, ки Т.Ш., на танҳо барои ифлос кардани об, балки барои хароб кардани замин низ гунаҳгор диниста шудааст; в) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ҷинояткор шахсони манфатдорро аз ҳуқуқи гирифтани ҷуброни зарар маҳрум намесозад. Аз ин рӯ, ҳаҷми зарари ба объекти об, экология ва қитъаи замин расонидашуда ҳисоб карда шуда, аз ҳисоби маҳкумшуда рӯёнида мешавад.

Хусусияти хоси ҷиноятҳои экологӣ аз он иборат аст, ки оқибатҳои ифлосшавии об пас аз муддати тулонӣ ба амал омада метавонанд ва аён нестанд. Ғайр аз ин, таъсири манфӣ ба муҳити зист, чун қоида, зуд ба амал намеояд. Дар ин гуна мавридҳо исбот кардани алоқаи сабабӣ байни зарари расида ва факти мушаххаси ифлосшавии объекти об амалан номумкин мегардад.

Дар баробари ин бояд гуфт, ки ҳатто дар сурати ошкор кардани факти ифлос кардани об, кормандони амалия барои муқаррар кардани аломати «зарари ҷиддӣ» душворӣ мекашанд.

Барои муайян намудани расонидани «зарари ҷиддӣ» ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об мо ба қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ назар меафканем. Дар эзоҳ ба боби 24 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист» чунин омадааст, ки таҳти мафҳуми зарари ҷиддӣ ҳисобу китобе дар назар дошта шудааст, ки мутобиқи таксаҳои

[245] Ниг.: Парванда ҷиноятии №1-172/15 // Бойгонии Суди н. Бобоҷон Ғафуров.

муайяншуда зарар аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар лаҳзаи содир гардидани ҷиноят сӣ маротиба бештар мебошад...[246]. Дар ин меъёр қонунгузор ба таври мушаххас баён намудааст, ки барои расонидани чӣ миқдор зарар кирдори шахс бо б. «а», м.226 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, ҳамчун қоида таърифи умумии мафҳуми «зарари ҷиддӣ» ҷой надорад, вай тавассути намудҳои оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок муайян карда мешавад. Хусусан, баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, ки зарари ҷиддӣ дар расонидани зарари моддӣ (зарари молумулкӣ), расонидани зарари ҷисмонӣ, маънавӣ ва ташкилӣ ифода гардад[247]. Ҳамчунин дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки зарари ҷиддӣ метавонад дар вайрон кардани ҳуқуқу манфиатҳои конститутсионии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ зоҳир гардад[248].

Қайд мегардад, ки зарари ҷиддии экологӣ боиси пайдоиши бемориҳо ва марги ҳайвоноту растаниҳои обӣ, дигар ҳайвоноту набототи соҳилҳои обанборҳо, нобудшавии захираи моҳӣ, марги паррандагон ва ҳайвонот, аз ҷумла ҳайвоноти обӣ дар минтақаи муайян мегардад.

Зарар аз ифлосшавии объекти об, чун қоида, ба объектҳои олами ҳайвонот, ки фаъолияти ҳаёти онҳо бо объектҳои об зич алоқаманд аст, расонида мешавад. Зарар ба олами набобот ва хоҷагии ҷангал дар хушк шудани растаниҳои ғайриҷангал, беморӣ ва нобудшавии растаниҳои соҳили об, харобшавии ҷангал, нобуд шудани нашъунамои ниҳолҳои сунъӣ ва ғайра ифода меёбад.

Оқибатҳои зараровар дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун паст шудани ҳосилнокӣ ва харобшавии замин, ботлоқшавӣ, шӯршавӣ, лой шудани заминҳои кишоварзӣ, нобудшавии зироатҳо ва дигар оқибатҳои зараровар

---

[246] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – Мод. 68.

[247] Ниг.: Лялина Ю.Б. Некоторые вопросы «существенного вреда» в экологических преступлениях / Ю.Б. Лялина // Проблемы укрепления законности и правопорядка: наука, практика, тенденции. – 2020. – №13. – С. 29.

[248] Ниг.: Ильясов Р.В. Существенный вред окружающей среде: уголовно-правовой и криминалистический аспект / Р.В. Ильясов // Вестник Восточно-Сибирского института МВД России – 2009. – №3 (50). – С. 27.

муайян карда мешаванд, ки дар натиҷа заминҳо мувофиқи таъиноташон истифода намешаванд.

Масъалаи муайян кардани андозаи зарари ба объектҳои об расонидашуда бо чунин санади зерқонунӣ, аз қабили Усулҳои ҳисоб намудани андозаи зараре, ки ба объектҳои об дар натиҷаи риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешавад[249] (минбаъд, Усулҳо) ҳисоб карда мешавад. Усулҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №317 тасдиқ гардида, қоидаҳои ягона дорад ва барои ҳисоб намудани андозаи зараре, ки ба объектҳои об ҳангоми риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешавад, истифода бурда мешаванд.

Мувофиқи Усулҳо аз рӯйи хусусияти зуҳурот зарар мумкин аст мустақим (дар ҳолати марги моҳӣ, вайроншавии маҳсулот, корношоямии таҷҳизот) ва ғайримустақим (ниҳонӣ) бошад, ки метавонад пас аз фосилаи назарраси вақти муайян намудани далели риоя накардани қонунгузории об (коҳишёбии хусусияти биологии об, кӯтоҳ шудани муҳлати хизмати таҷҳизот, талафи намудҳои пурарзиши олами ҳайвоноту наботот, моҳӣ ва ҳайвоноту набототи дигари обӣ) зоҳир гардад.

Дар ҳолати ғайриимкон будани муайянкунии оқибатҳои риоя накардани қонунгузории соҳаи об, номуайянии муҳлати зуҳуроти онҳо, сершумории иттилоот ва хусусиятнокии ҳамаи намудҳои талафоти мустақим, арзёбии зарари ба объектҳои об расонидашуда аз рӯйи хароҷоти овардашуда, ки барои бартараф кардани оқибатҳои манфӣ заруранд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Зараре, ки ба объектҳои об расонида мешавад, тибқи Усулҳо аз ҷониби нозирони давлатии ҳифзи муҳити зист ҳисоб карда мешавад.

---

[249] Усулҳои ҳисоб намудани андозаи зараре, ки ба объектҳои об дар натиҷаи риоя накардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида мешавад / Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №317 тасдиқ гардидааст // // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 11.01.2024).

Далели ифлоскунии объекти об тавассути мушоҳидаҳои аёнӣ ё асбобҳо ба қайд гирифта мешавад, ки дар натиҷаи он яке аз далелҳои зерин муқаррар карда мешавад:

– қисмати болоии об бо қабати нафт ё равған, партовҳои шинокунанда пӯшида шудааст, ё таҳти таъсири партов тобиши табиии худро тағйир додааст;

– партови як ё якчанд моддаҳои манъшуда, ки аз ҷониби иншооти соҳилӣ, истифодабарандагони дигари об, инчунин ҳангоми садама дар қубурҳо партофта шудаанд;

– ғализии (консентратсияи) моддаи зараровар дар қисми акваторияи об аз сатҳи умумии қобили қабули ифлоскунии ин акватория зиёд аст;

– ҳалокшавии оммавии моҳиҳо ё ҳайвоноти дигари дар оби ширин зиндагикунанда рух додааст;

– оби ифлосшудаи партовҳои корхонаҳо ба объектҳои об, муҳити зист ва релефи маҳал партофта шудаанд.

Усулҳо коэффитсиенти хатарнокии партовҳоро ба панҷ гурӯҳ тақсим намудаанд:

1) Хатарнокии дараҷааш фавқулода (лампаҳои симобдор, полиэтилен, омехтаҳо бо пайвастагиҳои сурб, сурма ва ғ.);

2) Хатарнокии дараҷааш баланд (партовҳои маҳсулоти нафтӣ, молҳои кимиёвии рӯзғор, молҳои сирдор, картон ва ғайра);

3) Хатарнокии дараҷааш муътадил (катализаторҳои истеҳсолоти мавҷуда, шламҳои нафтӣ, партовҳои истеҳсолоти рангкунанда);

4) Хатарнокии дараҷааш хурд (шламҳои нуқтаҳои безараргардонии пайвастагиҳои фтордор, фосфор, партовҳои фермаҳои чорводорӣ ва ғ.);

5) Ғайризаҳрнок (шиша, коғаз, партови сохтмонӣ ва ғ.).

Чи тавре дар боло қайд кардем, зарари ҷиддӣ чунин зараре мебошад, ки мутобиқи таксаҳои муайяншуда аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар лаҳзаи содир гардидани ҷиноят сӣ маротиба бештар мебошад... Масалан, агар тибқи қ.1 м.23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024»[250] як нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 72 сомонӣ бошад, зарар ҳамон вақт ҷиддӣ ҳисобида мешавад, ки агар аз ҷинояти ифлос кардани об ба андозаи зиёда аз 2160 сомонӣ зарар расонида шуда бошад.

Банди «а», қ.2 м.226 КҶ ҶТ ифлос кардани обро дар назар дорад, ки боиси расондани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ мегардад. Новобаста аз ин, банди «в», қ.2 ҳамин модда ифлос кардани обро пешбинӣ мекунад, ки боиси муромурии саросарии ҳайвонот мегардад. Дар ин ҷо масъалаи таносуби ифлос кардани об бо расонидани зарари ҷиддӣ ва ифлос кардани об, ки боиси муромурии ҳайвонот мегардад, ба миён меояд.

Дар банди «б» қ.2 м.226 КҶ ҶТ ба сифати аломати дигари вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об оқибат дар намуди бо сабаби беэҳтиётӣ ба саломатии одамон зарар расонидан пешбинӣ шудааст.

Мафҳуми расонидани зарар ба саломатӣ вайроншавии ягонагии анатомӣ ва функсияи физиологии узвҳо ва бофтаҳои одам, дар натиҷаи таъсири омилҳои физикӣ, кимиёвӣ, биологӣ ва руҳӣ аз муҳити атрофро ифода мекунад[251].

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидани зарари дараҷаи вазнин, миёна ва сабукро ба саломатӣ фарқ менамояд. Муайян намудани намудҳои махсуси расонидани зарари ҷисмонӣ ба салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мансуб мебошад.

Ҳангоми муайян намудани зарар ба саломатӣ бояд дар аввал дараҷаи зарар муайян карда шавад, ки ин амал бахусус ҳангоми ҷой доштани ҳуқуқвайронкуниҳои экологӣ мушкил аст. Ғайр аз ин бояд ҷой доштани робитаи сабабии байни кирдори гунаҳгор ва оқибат дар намуди расонидани зарар ба саломатӣ муайян карда шавад.

---

[250] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» аз 18 ноябри соли 2023 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 12.06.2024).
[251] Ниг.: Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи экспертизаи тиббӣ-судӣ. – Душанбе, 2014. – С. 181.

Муқаррар нашудани аломатҳои мазкур ҷавобгарии шахсро аз рӯйи б. «б» қ.2 м.226 КҶ ҶТ истисно намуда, дар чунин ҳолат мумкин барои расонидани зарар ба саломатӣ ҷавобгарӣ вобаста ба қонунгузории маданӣ ба вуҷуд ояд, ки дар чунин ҳолат шахси фаъолияти дахлдорро анҷомдиҳанда барои расонидани зарар ҳам дар мавриди ҷой доштани гуноҳ ва ҳам дар ҳолати тасодуф ҷавобгар мебошад.

Ифлос намудани об мумкин аст на танҳо ба саломатии одамон, балки ба ҳаёти онҳо низ таҳдид намояд. Вале бештар дар амал дар натиҷаи ифлос намудани об расонидани зарар ба саломатӣ дар шакли пайдо шудани обилаҳо, варам кардани пӯст ва сурх шудани пӯст дар натиҷаи оббозӣ ё шустушӯ кардан, бемории муваққатии меъда аз истифодаи об барои пухтупаз ё нӯшидан рух дода метавонад .

Дар баъзе ҳолатҳо расонидани зарар ба саломатӣ мумкин аст дар натиҷаи истеъмоли наботот ё ҳайвоноти обии аз ифлосшавии об заҳролудшуда ба вуҷуд ояд. Дар ин маврид муқаррар намудани ҷой доштани робитаи сababӣ байни кирдор дар шакли ифлос кардани об ва расонидани зарар ба саломатӣ мушкил мебошад.

Барои фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи б. «б» қ.2 м.226 КҶ ҶТ муқаррар гардидани факти аз оби ифлос расидани зарари сабук, миёна ё зарари вазнин ба саломатӣ зарур мебошад.

Масалан, шаҳрванд З.С., барои содир намудани ҷиноят бо б. «б» қ.2 м.226 КҶ ҶТ дар чунин ҳолат гунаҳгор дониста шудааст. Номбурда дар дар вазифаи сардори шуъбаи мууҳандиси иншооти оби Муассисаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Ҳисор кор карда истода, дар ҳолатҳои зерин даст ба содир намудани ҷиноят задааст. Шаҳрванд З.С., уҳдадор буд вобаста ба мақоми хизматиаш мунтазам таъмини саривақтии шабакаҳо ва чоҳҳои обдиҳии шаҳри Ҳисорро бо маҳлули хлор назорат намояд. Вале шаҳрванд З.С., хилофи талабатҳои Оинномаи «Корхонаи фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурии Корхонаҳои воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», Кодекси оби Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва дастурамали вазифаҳои хизматиаш амал накарда, назоратро ҷиҳати бо маҳлули хлор таъмин будани шабакаҳо ва чоҳҳои обдиҳии шаҳри Ҳисор ба таври лозима набурда дар давраи моҳҳои феврал – марти соли 2020 пас аз рух додани садамаҳо дар хатҳои қубури обгузари Ҷамоати шаҳраки Ҳисор, хлорчии Муассисаи истеҳсоли техникии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Ҳисор шаҳрванд Ғ.М.,-ро ҷиҳати меъёрҳои сифат ва безарар гардонидани оби нӯшиданӣ аз маводҳои зараровар бо маҳлули хлор таъмин накардааст. Дар натиҷа оби ошомидании ҳудуди мазкур, ки тавассути кубурҳои обгузар аз тарафи Муассисаи истеҳсолӣ - техникии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳри Ҳисор ба аҳолӣ дастрас карда мешуд, бо бактерияҳои зараровар ифлос шуда, сифати об бад гашта, ба ҳаёт ва саломатии одамон хавфнок мегардад. Дар натиҷаи ин аз истеъмоли оби ошомиданӣ сироятёбии оммавии одамон ба амал омада, 61 нафар сокини шаҳри Ҳисор бо бемории тифи шикам гирифтор шуда, барои муолиҷа ба беморхона бистарӣ шудаанд.

Суд шаҳрванд З.С.,-ро бо б. «б» қ.2 м.226 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста нибати ӯ ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба муҳлати як сол бо нигоҳ доштани 10 (даҳ) фоизи музди меҳнат ба фоидаи давлат таъин намудааст[252].

Ба андешаи мо ҷазои таъиннамудаи суд нисбат ба оқибатҳои кирдори З.С.,-ро ба инобат гирем, одилона ба ҳисоб намеравад. Зеро дар натиҷаи бемасъулиятӣ ба саломатии 61 нафар зарар расонида шуда, ин боиси бемории оммавии одамон гардидааст. Аз тарафи дигар сабаби чунин ҷазои сабук гирифтани гунаҳгор аз санксияи қ.2 м.226 КҶ ҶТ бармеояд, ки дар он, аз ҷумла ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ барои чунин кирдорҳо муқаррар шудааст.

Албатта, бо мақсади пурзӯртар ҳифз намудани ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон ва фарқгузорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ беҳтар мебуд, агар ба қ.3 м.226 КҶ ҶТ ҳолати вазнинкунанда дар намуди бемории саросари одамон илова карда мешуд, зеро дар м.226 КҶ ҶТ бевосита чунин ҳолати вазнинкунанда муқаррар нашудааст.

---

[252] Ниг.: Паравандаи ҷиноятии №233/20 // Бойгонии суди ш. Ҳисор.

Масъалаи дигаре, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ мешавад аз он иборат аст, ки б. «б» қ.2 м.226 КҶ ҶТ кадом дараҷаҳои зарарро дар бар мегирад. Ба андешаи А.Ю. Филаненко ҳадди болоии расонидани зарар ба саломатӣ дар чунин маврид аз расонидани зарари миёна ба саломатӣ иборат мебошад[253]. Чунин андешаро А.Ю. Боковня тарафдорӣ намуда баён медорад, ки расонидани зарар ба саломатӣ аз беэҳтиётӣ расонидани зарари сабук ё миёна ба саломатиро дар бар мегирад[254]. Ҳолатҳои дигари расонидани зарар ба саломатӣ дар натиҷаи ифлос кардани об бояд аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо, яъне м.226 КҶ ҶТ ва м.118 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Бештар ба назари мо андешаи олимоне дуруст мебошад, ба аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об расонидани зарари сабук, миёна ва вазнинро дохил менамоянд[255].

Дар асоси андешаҳои дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ҷойдошта ва амалияи судӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки зери мафҳуми расонидани зарар ба саломатии одамон бояд: 1) бемории ҳадди ақал як нафар, ки боиси ба муҳлати кӯтоҳ аз даст додани саломатӣ шудааст, ё ба андаке аз даст додани қобилияти меҳнатӣ ё ба муддати дароз аз даст додани саломатӣ ё ба таври устувор гум кардани қобилияти меҳнатӣ; 2) боиси паҳншавии беморӣ ё бемориҳои сироятӣ фаҳмида шавад.

Ҳадди болоии расонидани зарар аз рӯйи б. «б» қ.2 м.226 КҶ ҶТ расонидани зарар аз беэҳтиётӣ, расонидани зарари вазнин ба саломатиро дар бар мегирад.

Аломати дигари вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об ин боиси муромурии саросарии ҳайвонот гаштани он (б. «в» қ.2 м.226 КҶ ҶТ) ба ҳисоб меравад.

---

[253] Ниг.: Филаленко А.Ю. Уголовно-правовая ответственностӣ за загрязнение вод: дис. ... канд. юрид. наук. – Челябинск, 2002. – С. 100.

[254] Ниг.: Боковня А.Ю. Уголовно-наказуемое загрязнение вод: понятие и вопросы квалификации / А.Ю. Боковня // Ученые записки казанского университета. – 2018. – Т. 160. – Кн. 2. – С. 469.

[255] Ниг.: Романов А.А. Преступное загрязнение вод в России: уголовно-правовое и криминологическое исследование: дис. …канд. юрид. наук. – Челябинск, 2010. – С. 121; Лопашенко Н.А. Экологические преступления: уголовно-правовой анализ: монография. – М, 2017. – С. 392.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ муромурии саросарии ҳайвонот ҳамчун дар як вақт маҳв шудани шумораи зиёди ҳайвоноти як намуд ё намудҳои гуногун дар ҳудуди муайян, ки ҳангоми он дараҷаи марги ҳайвонот аз ҳисоби миёна се маротиба ё зиёда аз он мебошад[256], дар як вақт маҳв гардидани шумораи зиёди ҳайвоноти як намуд ё якчанд намуд дар ҳудуди муайян, дар як ё якчанд объектҳои обӣ маънидод мегардад[257].

Муромурии саросарии ҳайвонот ин заҳролуд гардидани онҳо ба миқдори назаррас ва одатан дар майдонҳои калон фаҳмида мешавад. Маҳви якчанд сар ҳайвони калони шохдор, ҳайвони мӯинадор, мурғҳои обӣ, кам гаштани навъи ин ё он ҳайвони дар маҳалли муайян зиндагикунандаро низ б. «в» қ.2 м.226 КҶ ҶТ дар бар мегирад.

Ба андешаи мо ҷудо намудани чунин аломати вазнинкунанда дар моддаи пешбиникунандаи ҷинояти ифлос кардани об зарурат надорад, зеро онро чунин аломати вазнинкунанда ба монади расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот дар бар мегирад. Ин ақидаро олимони дигари соҳавӣ низ дастгирӣ мекунанд[258].

Ҳамин тариқ, муромурии ҳайвонот метавонад дар як вақт метавонад боиси расидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот бошад, аз ин рӯ ба андешаи мо, расидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот муромурии ҳайвонотро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, пешниҳод дорем, ки банди «в», қ.2 м.126 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

Дар ҳолати марги саросарии ҳайвонот масъалаи маънидодкунии мафҳуми «ҳайвонот» ба миён меояд. Дар ин ва дигар ҳолатҳо ба ҳайвонот ҳамаи намояндагони ҳайвоноти обӣ, ҳайвоноти наздиобӣ дохил мешаванд.

---

[256] Ниг.: Агаев Г.А., Алешина-Алексеева Е.Н., Антонов А.Г. и др. Уголовное право. Особенная часть. Учебник. Санкт-Петербургский университет МВД России. – Санкт-Петербург, 2020. – С. 560.
[257] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Особенная часть / Под общей ред. Ю.И. Скуратова и В.М. Лебедева. – М.: Изд. группа ИНФРАМ-НОРМА, 1996. – С. 341.
[258] Ниг.: Качина Н.В. Загрязнение вод (статья 250 УК РФ): проблемы правоприменения и пути правового решения / Н.В. Качина // Законы России: опыт, анализ, практика. – 2012. – №8. – С.67.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5 январи соли 2008, №354[259] зери мафҳуми олами ҳайвонот «маҷмуи ҳайвоноти ваҳшии бесутунмӯҳра ва сутунмӯҳрадор, ки дар ҳудуди Тоҷикистон муввақатан ё доимӣ мавҷуд мебошанд» фаҳмида мешавад. Ҳайвонот мутобиқи қонуни мазкур ба ҳайвоноти ваҳшӣ, кӯчӣ, нодир, маҳаллӣ, ҳайвоноти бесутунмӯҳра тақсим мешаванд.

Ҳайвонот дар дохили обанборҳо ва манбаъҳои системаи популятсия ҷойгиранд; обанборҳо, дар навбати худ, дар баробари заминҳои наздисоҳилӣ ва ҷангал унсурҳои дигар макросистемаҳои табиӣ мебошанд. Фазои замини дар ҳамбастагии об ва хушкӣ қарордошта дорои хосиятҳои рекреатсионӣ буда, аз ҷониби одамон ҳамчун минтақаҳои фароғатӣ истифода мешаванд.

Барои беҳтар ҳифз кардани онҳо пешниҳод менамоем, ки дар матни қ.2 м.226 КҶ ҶТ нишон додани оқибатҳои иловагии зарарнок: расонидани зарари калон ба минтаҳаҳои истироҳатӣ (минтақаи рекреатсионӣ), заминҳои наздисоҳилӣ ва ҷангал ворид карда шавад. Ин меъёр пеш аз ҳама бояд ҷавобгариро барои ифлоскунӣ, олудасозӣ, партовгоҳкунии соҳилҳои кӯлу обанборҳо дар маҳаллаҳои аҳолинишин ва ҳудудҳои ҳамҷавор пурзӯр намояд.

Минтақаҳои истироҳатӣ қитъаҳои табиӣ ва коркардшудаи замин ё фазои обӣ ҳисобида мешаванд, ки барои истироҳати муташаккил ё оммавии аҳолӣ ва сайёҳӣ таъин шудаанд. Мутобиқи моддаи 36 Кодекси шаҳрсозии ҶТ ин минтақаҳо барои ташкили ҷойҳои истироҳати аҳолӣ таъин гардида, ҷангалзорҳои шаҳрӣ, боғҳои ҷангалзор, объектҳои наздисоҳилӣ ва объектҳои дигарро дар бар мегиранд. Ба минтақаҳои истироҳатӣ метавонанд ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ва объектҳои табиӣ ҳамроҳ карда шаванд.

Ин объектҳои табиӣ дар нигоҳ доштани муҳити мусоиди экологӣ, тоза кардани атмосфера аз дуд ва чанг нақши ниҳоят калон мебозанд.

---

[259] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5 январи соли 2008, №354 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-олами-ҳайвонот (санаи муроҷиат: 12.06.2024).

Яке аз масъалаҳои муҳим дар ҷинояти ифлос кардани об робитаи зич байни макони содир шудани ҷиноят ва предмети таҷовуз мебошад. Сухан пеш аз ҳама дар бораи предметҳое меравад, ки тавсифи фазоӣ доранд ва дорои аломатҳои топографӣ ва ё дигар аломатҳои фазоӣ мебошанд.

Дар б. «г» қ.2 м.226 КҶ ҶТ қонунгузор ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об ҷойи махсуси содир гаштани ин ҷиноят, яъне мамнуъгоҳи давлатӣ ё парваришгоҳро нишон додааст. Мамнуъгоҳ ё парваришгоҳ ба минтақаҳои табиии махсус ҳифзшаванда дохил мешаванд. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 26 декабри 2011 «Ҳудудҳои табии махсус муҳофизатшаванда – қитъаҳои замин, об ва фазои ҳавои онҳоро иҳотакардае, ки дар онҳо комплексҳо ва объектҳои табиии дорои махсуси ҳифзи муҳити зист, илмӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ, рекреатсионӣ ва солимгардонӣ ҷойгир буда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ва ё қисман аз истифодабарии хоҷагидорӣ гирифта шудаанд ва барои онҳо низоми махсуси ҳифз муқаррар шудааст, ба ҳисоб мераванд.

Мамнуъгоҳи табиӣ – ҳудуди замин ё муҳити об, ки аз фаъолияти хоҷагидорӣ пурра гирифта шуда, барои нигоҳдорӣ ва омӯзиши комплексҳои табиии хос ва нодир, генофонди набототу ҳайвонот, гузаронидани мониторинги ҷараёни равандҳо ва ҳодисаҳои табиӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар ҳудуди мамнуъгоҳҳои табиии давлатӣ фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияте, ки рушди муқаррарии равандҳои табииро халалдор сохта, ба ҳолати комплексу объектҳои табиӣ таҳдид мекунанд ва бо иҷрои вазифаҳои мамнуъгоҳ вобаста нестанд, манъ аст.

Парваришгоҳи табиӣ – ҳудуде, ба ҳисоб меравад, ки бо мақсади нигоҳ доштан ва барқарор намудани ҷузъҳои алоҳидаи табиат ва комплексҳои табиӣ ба давраи муайян ҷудо гардидааст».

Қонунгузор ҷавобгарии пурзӯрро барои содир намудани ҷинояти ифлос кардани об танҳо дар ҳудуди ду намуди ҳудуди табиии махсус

муҳофизатшаванда, яъне мамнуъгоҳ ва парваришгоҳро муқаррар намудааст. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» бошад, ҳафт намуди ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда муайян шудааст: а) мамнуъгоҳи табиӣ; б) парки табиӣ; в) парваришгоҳи табиӣ; г) ёдгории табиӣ; д) паркҳои дендрологӣ ва боғҳои ботаникӣ; е) минтақаи рекреатсионӣ; ж) минтақаи муҳофизатӣ (буферӣ).

Таҳлили муқаррароти Қонуни мазкур нишон медиҳад, ки низоми мамнуъгоҳҳои табиии давлатӣ ва паркҳои табиии миллӣ аз бисёр ҷиҳат монанд мебошанд. Чунончи мутобиқи м.29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 26 декабри соли 2011 «мумкин аст минтақаи мамнуъ ташкил карда шавад, ки дар он ҳама гуна фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият, ки ҳолати муқаррарии комплексҳо ва объектҳои табииро халалдор мекунад, манъ мебошад». Бояд қайд намуд, ки низоми паркҳои миллӣ ва паркҳои табиӣ нисбат ба низоми муҳофизати парваришгоҳҳои табии давлатӣ сахттар муайян шудааст.

Вобаста ба ин дар диспозитсияи қ.2 м.226 КҶ ҶТ нишон додани танҳо ду намуди ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда дуруст намебошад. Барои чунин ҳудудҳо чораҳои пурзӯртари ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятиро муқаррар намуда қонунгузор ҳудудҳои мазкурро пурарзиштар ва расонидани зарар ба онҳоро нисбатан барои ҷамъият хавфноктар меҳисобад. Дар як вақт чунин мавқеи қонунгузор ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ва тавсифи объективии ҳудудҳои мазкур мувофиқат намекунад. Ба андешаи мо бештар дуруст мебуд агар ҷавобгарии пурзӯр барои ифлос кардани об дар дилхоҳ аз намуди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ки дар қонун номбар шудаанд, муайян карда мешуд.

Ба андешаи мо дар мавриди содир намудани ифлос кардани об дар ҳудудҳои мазкур таркиби ҷинояти дар б. «г» қ.2 м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда расмӣ ба ҳисоб меравад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ дар чунин ҳолат вобаста ба факти содир шудани кирдорҳои ғайриқонунӣ дар ҳудудҳои мазкури махсус

муҳофизатшаванда ба вуҷуд меояд. Дар ҳолатҳое ки агар ҷинояти ифлос кардани об берун аз ҳудудҳои зикршуда содир гардида, оқибатҳои хавфноки он дар ҳудуди мамнуъгоҳҳо ва парваришгоҳҳо ба назар расанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд аз рӯйи қ.1 м.226 КҶ ҶТ ба вуҷуд ояд.

Дар б. «г» қ.2 м.226 КҶ ҶТ инчунин содир намудани ҷинояти ифлос кардани об дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулоддаи экологӣ муайян шудааст.

Мафҳуми «офати экологӣ» ва «вазъияти фавқулоддаи экологӣ» ҳолати манфии муайяни экологиро тавсиф медиҳанд, ки ҳангоми он ба сифати объектҳои табиӣ ба таври ҷиддӣ бад мешавад ва таҳдиди воқеии фаро расидани фалокати экологӣ ҷой дорад[260].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон «Дар бораи мониторинги экологӣ» аз 25 марти соли 2011[261] «вазъияти фавқулоддаи экологӣ ҳамчун ҳолати хатарноки экологӣ муайян шудааст, ки ба мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, инчунин муҳити зист фавран андешидани тадбирҳои таъҷилиро барои рафъи он талаб менамояд.

Ҳолати хатарноки экологӣ – ҳолате, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои антропогенӣ ва табиӣ, аз ҷумла бар асари офату фалокатҳои табиӣ муҳити зист хароб гардидааст ё эҳтимоли хароб шудан дорад ва ё тағйир ёфта, ба вазъияти бад афтодааст ва вобаста ба ин ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон ва ҷамъият хатар таҳдид мекунад».

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011[262] «Дар минтақаҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари инсон ё таъсири харобиовари қувваи табиат вазъи номусоиди экологӣ ба вуҷуд омада, дар онҳо тағйирёбии ҷиддӣ ва

---

[260] Ниг.: Романов А.А. Преступное загрязнение вод в России: уголовно-правовое и криминологическое исследование: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 2010. – С. 97.
[261] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон «Дар бораи мониторинги экологӣ» аз 25 марти 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/node/575 (санаи муроҷиат: 12.06.2024).
[262] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи 2011 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-%C2%A0-дар-бораи-ҳифзи-муҳити-зист (санаи муроҷиат: 12.06.2024).

устувори манфии муҳити зист барои ҳаёт ва саломатии одамон, нигоҳдории олами наботот ва ҳайвонот мушоҳида шудааст, вазъияти фавқулоддаи экологӣ эълон карда мешавад.

Ҳангоми эълон кардани вазъияти фавқулоддаи экологӣ ҳама гуна фаъолияте, ки ба муҳити зист таъсири манфӣ мерасонанд, боздошта мешавад, ё кори корхона, муассиса, ташкилот, коргоҳ, агрегатҳо ва таҷҳизоте, ки ба саломатии инсон ва фонди генетикии он таъсири манфӣ мерасонад, маҳдуд карда мешавад, намудҳои алоҳидаи истифодаи табиат маҳдуд гашта, ҷиҳати барқарорсозӣ ва таҷдиди захираҳои табиӣ чорабиниҳои фаврӣ андешида мешаванд» (м.55).

Дар асоси м.58 Қонуни мазкур »Вазъияти фавқулоддаи экологӣ дар саросари ҷумҳурӣ ва маҳалҳои алоҳидаи он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда мешавад.

Минтақаҳои офати экологӣ ва сарҳадҳои онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мақоми назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар мувофиқа бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешаванд».

Вобаста ба гуфтаҳои боло ифлос кардани об дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулоддаи экологӣ иконияти зиёди ба зудӣ бад шудани вазъи экологӣ ва вусъат ёфтани фалокати экологиро ба вуҷуд меоварад, дуюм, дар чунин ҳолат он ба манфиати доираи номуайяни одамон дахл намуда, метавонад миқёси байнисарҳадӣ ё сайёравӣ дошта бошад. Бинобар ин, ҷорӣ намудани ҷавобгарии пурзӯр барои шахсони дар чунин ҳолат ифлос кардани об гунаҳгор боадолатона ба назар мерасад.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ дар чунин ҳолат, инчунин, бояд нисбати худи факти содир намудани кирдори ғайриқонунӣ дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулоддаи экологӣ ба вуҷуд ояд.

Дар қ.3 м.226 КҶ ҶТ ҳолати махсусан вазнинкунандаи ҷинояти мазкур, дар намуди кирдори пешбининамудаи қ.қ. 1, 2, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон шудааст, мустаҳкам гаштааст. Байни ҳаракат ё беҳарактии ифлос кардани об ва фаро расидани марги инсон бояд робитаи сабабӣ муайян карда шавад.

Аз сабаби он ки дар қ.3 м.226 КҶ ҶТ нишондоди иловагӣ дар бораи шумораи одамони аз беэҳтиётӣ ба марг расида муқаррар нашудааст, бинобар ин барои аз рӯйи қисми мазкури м.226 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан исбот намудани дар натиҷаи ифлос намудани об фаро расидани марги як нафар низ кофӣ мебошад.

Ба андешаи мо ба мақсад мувофиқ мебуд, агар м.226 КҶ ҶТ бо қисми 4 пурра карда шуда, дар он ҷавобгарӣ барои ифлос кардани об, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ё зиёда инсон шудааст, илова шавад. Чунин фарқсозӣ пурра ба фардикунонидани ҷавобгарӣ барои аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, ки дар м.108 КҶ ҶТ муайян шудааст, мутобиқат менамояд.

Ҳамин тавр, аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти ифлос кардани обро таҳлил намуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Дар б «в» қ.2 м.226 КҶ ҶТ ба таври алоҳида ҷудо намудани чунин аломати вазнинкунанда ба монанди «боиси муромурии саросарии ҳайвонот гашта бошад» зарурат ҷой надорад, зеро онро чунин аломати вазнинкунанда «боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот...», ки дар б. «а» қ.2 м.226 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст, дар бар мегирад.

2. Дар диспозитсияи б. «г» қ.2 м.226 КҶ ҶТ нишон додани ифлос кардани об танҳо дар ҳудуди ду намуди ҳудуди табиии махсус муҳофизатшаванда асоснок ба ҳисоб намеравад. Барои чунин ҳудудҳо чораҳои пурзӯртари ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятиро муқаррар намуда, қонунгузор ҳудудҳои мазкурро пурарзиштар ва расонидани зарар ба онҳоро нисбатан барои ҷамъият хавфноктар меҳисобад. Дар як вақт чунин мавқеи қонунгузор ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус

муҳофизатшаванда» ва тавсифи объективии ҳудудҳои мазкур мувофиқат намекунад. Бинобар ин пешниҳод мешавад, ки ҷавобгарии пурзӯр барои ифлос кардани об дар дилхоҳ аз намуди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда, ки дар қонун номбар шудаанд, дар б. «г» қ.2 м.226 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шавад.

3. Моддаи 226 КҶ ҶТ бо қисми чорум пурра карда шуда, дар он ҷавобгарӣ барои ифлос кардани об, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ё зиёда инсон шудааст, илова шавад. Чунин фарқсозӣ пурра ба фардикунонидани ҷавобгарӣ барои аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, ки дар м.108 КҶ ҶТ муайян шудааст, мутобиқат менамояд.

# ХУЛОСА

Хулосаи таҳқиқоти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об, ки **хусусиятҳои назариявӣ доранд:**

1. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ ва шароити имрӯзаи мамлакатамон об ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ баромад мекунад. Ҳифзи об фаъолиятест, ки ба нигоҳдорӣ, барқарорсозӣ ва беҳтар намудани ҳолати захираҳои обии рӯйи замин нигаронида шудааст. Ноил шудан ба ин мақсадҳо бо усулҳои гуногун – воситаҳои табиатшиносӣ, техникӣ, иқтисодӣ, таълимӣ таъмин карда мешавад [6-М].

2. Дар давраи аз соли 1922 то 1926 сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар соҳаи ҳифзи об тавассути татбиқи таркибҳое, ки бавосита баҳри ҳифзи табиат равона гардида, объекти бевоситаашон дигар муносибатҳо ба ҳисоб мерафтанд (хунукназарӣ, вайрон намудани ҳуқуқи моликиятии давлат ба олами набобот ва ҳайвонот ва ғайра), ё тавассути ҳифзи дигар объектҳои табиӣ (замин, ҷангалзор, олами ҳайвонот ва ғайра) ба роҳ монда мешуд [2-М].

3. Дар фарқият аз КҶ ҶШФСР, солҳои 1922 ва 1926 КҶ ҶШС Тоҷикистон, соли 1935 боби алоҳидаро бо номи «Ҷиноятҳо оид ба об» (боби 10) муқаррар намуда, бевосита ҷавобгариро барои ифлос кардани об дар м.228 КҶ муайян менамуд.

4. Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 боби алоҳидаи муқарраркунандаи ҷавобгарӣ дар соҳаи об ҷой надошта, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани қоидаҳои истифодаи об дар доираи ҷиноятҳои хоҷагӣ аз рӯйи моддаҳои алоҳидаи ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ ба вуҷуд меомад.

5. Дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998 қабул гардид. Ин қонуни ҷиноятӣ дар боби 24 тамоми ҷиноятҳоеро, ки ба муқобили амнияти экологӣ ва муҳити зист таҳдид мекунанд, муттаҳид намуд.

Дар КҶ ҶТ ҳифзи захираҳои об бо меъёрҳои умумии м.226 КҶ ҶТ (Ифлос кардани об) ва ба таври ғайримустақим бо моддаҳои 220 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарии экологӣ ҳангоми иҷрои кор), 223 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо моддаҳо ва партовҳои аз нигоҳи экологӣ хавфнок), 224 КҶ ҶТ (Вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми муносибат бо омилҳои микробиологӣ ё дигар омилҳои биологӣ ё токсинҳо (моддаҳои заҳролуд)) ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ ба роҳ монда шудааст [13-М].

6. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки баҳри пешгирии ифлосшавии об қабул шудаанд, аз рӯйи хусусияти уҳдадоркунанда доштанашон ба чунин гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: а) санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба давлатҳои аъзо уҳдадориҳои байналмилалӣ вогузор мекунанд ва Тоҷикистон аъзои он мебошад (масалан, Созишнома дар бораи Принсипҳои асосии ҳамкорӣ дар соҳаи истифодаи оқилона ва ҳифзи объектҳои обҳои фаромарзӣ, Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон «Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии муштараки истифода ва ҳифзи захираҳои оби манбаъҳои байнидавлатӣ»); б) санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба давлатҳои аъзо уҳдадориҳои байналмилалӣ вогузор мекунанду, аммо Тоҷикистон аъзои он намебошад (масалан, Конвенсияи Комиссияи иқисодии Аврупоии СММ (Конвенсяи Хелсинки) оид ба ҳифз ва истифодаи обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ); в) Санадҳои ҳуқуқии байналмилалии амалкунанда, ки ба давлатҳо уҳдадориҳои мушаххас вогузор накарда, танҳо хусусияти тавсиявӣ доранд (Қоидаҳои истифодаи обҳои дарёҳои байналмилалӣ (Қоидаҳои Хелсинки), Эъломияи Конференсияи СММ оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зисти инсон (Эъломияи Стокголм)); г) санадҳои ҳуқуқии байналмилалии уҳдадоркунанда ё тавсиявие, ки ҳоло ба қувваи амал надаромадаанд (Конвенсия оид ба ҳифзи муҳити зист тавассути қонунгузории ҷиноятӣ).

Меъёрҳои он санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ба давлатҳои аъзо уҳдадориҳои байналмилалӣ вогузор мекунанду, аммо Тоҷикистон онҳоро эътироф накардааст, барои ин мамлакат хусусияти тавсиявӣ доранд. Аммо агар дар ин санадҳо меъёрҳое, мавҷуд бошанд, ки аз одатҳои ҳуқуқии байналмилалӣ иборатанд, давлати аъзои санади ҳуқуқии байналмилалӣ набуда, уҳдадор аст ин қисмати санадро ҳамчун одати ҳуқуқии байналмилалӣ риоя намояд [11-М].

7. Дар моддаҳои алоҳида муқаррар гаштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ифлос кардани об вобаста ба шакли гуноҳ дар КҶ Арманистон асоснок ҳисоб мешавад. Зеро м.226 КҶ ҶТ, м.250 КҶ ФР ва давлатҳои дигари пасошуравӣ (ғайр аз м.304 КҶ Қирғизистон, ки дар он тарафи субъективии ҷинояти мазкур мушаххас нишон дода шуда, он бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ тавсиф мегардад) шакли гуноҳ мушаххас нишон дода нашудааст, ки ин боиси ба вуҷуд омадани гуногунфаҳмии он дар амалия шуда метавонад.

Ғайр аз ин, ба таври алоҳида муқаррар намудани таркиби ин ҷиноят вобаста ба шакли гуноҳ ба принсипи фардикунонидани ҷавобгарии ҷиноятӣ мувофиқ мебошад [6-М].

8. Объекти хелӣ ва намудӣ, ки ба онҳо кирдори ҷиноятии дар м.226 КҶ ҶТ муқарраршуда таҷовуз меоварад, бояд соҳаи махсуси муносибатҳои ҷамъиятиро фаҳмид, ки амнияти экологӣ ва ҳифзи муҳити зистро таъмин менамоянд.

9. Объекти бевоситаи ҷинояти ифлос кардани об муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳифз намудани онҳо, дар ҳолати тозагӣ нигоҳ доштани объектҳои обӣ ва муҳити зист ба ҳисоб меравад [2-М].

10. Объектҳои иловагии бевоситаи ҷинояти пешбининамудаи қ.2 м.226 Кодекси ҷиноятии ҶТ муносибатҳои ҷамъиятие дохил мешаванд, ки ба ҳифзи олами набототу ҳайвонот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ва кишоварзӣ, ҳаёт ва саломатии одамон, минтақаҳои мамнунгоҳи давлатӣ ё парваришгоҳ ё дар минтақаи офати экологӣ ё вазъияти фавқулоддаи экологӣ нигаронида

шудаанд. Объектҳои иловагии бевосита дар қ.2 м.226 КҶ ҶТ ба таври алтернативӣ нишон дода шудаанд ва барои ба вуҷуд омадани таркиби ҷиноят расонидани зарар ба яке аз онҳо кофӣ мебошад [6-М].

11. Азбаски қ.1 м.226 КҶ ҶТ дорои таркиби расмӣ буда, дар он оқибати ҷиноят нишон дода нашудааст, бинобари ин, он бо гуноҳ дар шакли қасд, дар намуди қасди бевосита тавсиф мегардад.

12. Муносибати шахс нисбат ба оқибатҳои ҷинояти ифлос кардани об бояд бо гуноҳ дар шалки беэҳтиётӣ ифода гардад. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми мавҷуд будани қасди бевоситаи гунаҳкор ба расонидани зарари ҷиддӣ ба олами ҳайвонот ё наботот, захираҳои моҳӣ, хоҷагии ҷангал ё соҳаи кишоварзӣ ҷавобгарӣ бояд ҳангоми ҷой доштани аломатҳои дахлдор барои терроризм, таҳрибкорӣ, экосид ё ҷиноятҳо ба муқобили шахсият ба вуҷуд ояд.

13. Муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ ба принсипҳои ҷавобгарии гунаҳкории шахсӣ мухолифат намуда, ба мақсадҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз қабили пешгирии ҷиноят, тарбияи ҷинояткор, ислоҳи маҳкумшуда мувофиқ нест [8-М].

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар заминаи таҳқиқоти анҷомпазируфта чунин тавсияҳои илмӣ бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии об манзур карда мешаванд:

1. Дар фарқият аз м.226 КҶ ҶТ дар м.328 КҶ Қазоқистон ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об расонидани зарар ба миқдори калон ва махсусан калон нишон дода шудааст, ки бештар ба принсипи фардикунонидани ҷавобгарӣ мувофиқат менамояд.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар м.226 КҶ ҶТ низ расонидани зарар ба миқдори калон ё махсусан калон ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷинояти ифлос кардани об мустаҳакам карда шавад [6-М].

2. Қонунгузории Белорус ба ҳифзи манбаъҳои оби нушокӣ аҳаммияти бештар дода, новобаста аз ҷой доштан ё надоштани оқибат чунин кирдорҳоро ҷиноят эътироф намудааст [6-М].

Ба андешаи мо низ, чунин тарзи ҳифз намудани манбаъҳои таъминкунандаи оби нушокӣ асоснок ба ҳисоб рафта, он мумкин аст дар КҶ ҶТ истифода шавад. Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки барои қасдан ифлос ё олуда намудани обҳои нушокӣ дар КҶ ҶТ бидуни дар аввал муқаррар намудани преюдисияи маъмурӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шавад.

